ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 343.98(575.3)
ТКБ –67.99(2)94+67.99(2)8
И–14

ИБРОҲИМЗОДА МУБОРАК ИБРОҲИМ

# ТАҲҚИҚОТИ КРИМИНОЛОГИИ ХУСУСИЯТҲОИ СИННУ СОЛИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОР: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИЯ

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Назарзода А.Қ.

Душанбе – 2025

## МУНДАРИҶА


**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**......................3

**МУҚАДДИМА**……………………………………………………...…… 4

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИИ ТАЪСИРИ СИННУ СОЛ ДАР КИРДОРИ ҶИНОЯТӢ**.......................................................................... 17

1.1. Нақши синну сол дар ташаккули шахсияти ҷинояткор: Синну сол ҳамчун омили криминологӣ..........................................................................17

1.2. Ҷинояткорӣ ва синну соли шахсияти ҷинояткор: хусусиятҳои биофизиологии шахсияти ҷинояткор..........................................................35

**БОБИ II. ТАҲҚИҚИ КРИМИНОЛОГИИ НАҚШИ СИННУ СОЛ ДАР КИРДОРИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОР**....................................................61

2.1. Нишондодҳои шуморавӣ ва сифатии ҷинояткории ноболиғон: сабаб ва шароитҳои ҷинояткорӣ байни ноболиғон....................................................61

2.2. Динамикаи ҷинояткории синну соли ҷавон ва баркамол.......................77

**БОБИ III. МЕХАНИЗМҲОИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТКОРӢ ВОБАСТА БА ОМИЛИ СИННУ СОЛ**...................................................................................99

3.1. Профилактикаи криминологии ҷинояткорӣ байни ноболиғон .............99

3.2. Чораҳои умумикриминологӣ ва махсуси профилактикӣ байни ҷинояткорони ҷавон ва баркамол.............................................................125

**ХУЛОСА**……………………………………………………………….......154

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**...................................................................................................161

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**..............................................................................163

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........................................................................................................186

**ЗАМИМА**…………………………………………………………...…….. 188

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

АМО ҶТ – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

СҲШ – Созишномаи ҳамкории Шанхай

СААД –Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

ВКД ҶТ – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СМИТ ВКД ҶТ – Сармаркази иттилооти-таҳлии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ғ. – ғайра

с. – сол

с. – саҳифа

С. – саҳифа

қ. – қисм

қ.қ. – қисмҳо

б. – банд

б.б. – бандҳо

м. – модда

м.м. – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Масоили мубориза бо ҷинояткорӣ ва пешгирии он, инчунин масъалаҳои тарбияи ҷавонон ва наврасон дар рӯҳияи риояи қонунҳои давлат ва эҳтироми анъанаҳои миллӣ то имрӯз аз масъалаҳои муҳимтарини илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид намудаанд, ки «дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгарой, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад» [19]. Ҳалли ин вазифа дар доираи низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бешубҳа, дорои аҳаммияти махсус буда, бо усулҳо ва равишҳои хоси худ фарқ мекунад.

Дар ин замина, дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон як қатор барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ ҷиҳати муқовимат ба ҷинояткорӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти давлат, ҷомеа ва ҳар як аъзои он қабул гардиданд.

Мувофиқи таҳқиқотҳои криминологӣ ва равоншиносӣ, паҳншавӣ ва коҳиши ҷинояткорӣ аз бисёр омилҳои субъективӣ вобаста мебошад. Дар байни онҳо, чунин омили муҳим, мисли синну соли шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, таваҷҷуҳи махсусро талаб месозад. Сабаби содир гардидани ҷиноят дар бисёр ҳолатҳо аз синну соли шахсони ҷиноят содирнамуда вобаста аст. Дар асоси таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавон хулоса кард, ки муайян кардани динамикаи содиршавии ҷиноятҳо аз муайян кардани синну соли шахсони ҷиноят содиркарда вобаста мебошад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки чораҳои пешгирии ҷиноят бояд бо дарназардошти синну соли ҷинояткор таҳия карда шаванд.

Дар ин маврид овардани маълумоти зерин ба мақсад мувофиқ мебошад: дар тӯли нӯҳ моҳи соли 2023 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

маҷмӯъ 11 525 ҷиноят содир шудааст, ки аз онҳо 475 (4,2%) аз ҷониби ноболиғон, 3367 (29,21%) аз ҷониби ҷавонон, 5747 (49,81%) аз ҷониби калонсолон ва 1936 (16,79%) аз ҷониби шахсони синни пиронсол содир гардидааст. Аз рӯйи минтақаҳо: дар ВМКБ дар маҷмӯъ 404 ҷиноят содир шудааст, ки аз онҳо 9 – аз ҷониби ноболиғон, 92 – аз ҷониби ҷавонон, 253 – аз ҷониби калонсолон ва 50 – аз ҷониби пиронсолон мебошанд; дар вилояти Суғд шумораи умумии ҷиноятҳо 3585 буда, аз ҷумла 140 – аз ҷониби ноболиғон, 1043 – ҷавонон, 1774 – калонсолон ва 628– пиронсолон содир шудаанд; дар вилояти Хатлон дар маҷмӯъ 3264 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 135 – аз ҷониби ноболиғон, 919 –ҷавонон, 1550 – калонсолон ва 660 – пиронсолон мебошанд; дар шаҳри Душанбе бошад, 2258 ҷиноят содир гардидааст, ки аз онҳо 88 – аз ҷониби ноболиғон, 709 – ҷавонон, 1196 – калонсолон ва 265 – пиронсолон содир гардидааст [14]. Ба андешаи муаллиф, ин нишондиҳандаҳои оморӣ худ ба худ масъалаҳое ба миён меоранд, ки дар доираи ин таҳқиқоти диссертатсионӣ мушаххас карда шуда, ҳамаҷониба таҳлил мегарданд.

Дар доираи илми криминология масъалаҳое, ки ба синну сол, хусусиятҳои равонӣ ва зеҳнии ҷинояткорон вобастаанд, то имрӯз ба таври амиқ ва муфассал таҳқиқ нашудаанд. Бо вуҷуди ин, набояд аз он омилро сарфи назар намуд, ки дар ҳар соҳаи фаъолияти давлат, ҷомеа ва шахсият метавонад чунин шароити махсус ба вуҷуд ояд, ки на танҳо ба пайдоиши намудҳои девиантии рафтор ба таври ғайримустақим мусоидат намояд, балки худ ҳамчун омили фаъол барои ташаккули воқеияти иҷтимоии деструктивӣ баромад кунад. Дар чунин муҳит ба шахсият таъсири дугона расонида мешавад: аз як тараф, механизмҳои иҷтимоӣ гардонии ӯ таҳриф мегарданд, аз ҷониби дигар, самтгирии арзишҳои инфиродии ӯ халалдор мешавад. Илова бар ин, дар шароити ноустувории институтсионалӣ ва холигии меъёрӣ ин таъсир метавонад чандин маротиба афзоиш ёбад.

Дар шароити муосир масъалаҳои зикршуда бо дарназардошти рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва ташаккули коммуникатсияҳои рақамии бисёрсамтӣ аҳаммияти хос пайдо мекунанд. Вобаста ба ин, муаллиф хусусияти байнисоҳавии масъалаҳои мавриди таҳлили кори диссертатсиониро таъкид менамояд, зеро технологияҳои муосири коммуникатсионӣ барои қариб ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ ва тамоми табақаҳои аҳолӣ дастрас мебошанд. Ин ҳолат, дар навбати худ, боиси ба миён омадани шумораи зиёди хатарҳои кибериҷтимоӣ мегардад, ки таҳияи заминаи муайяни меъёриву ҳуқуқиро талаб менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор аз олимони ватанӣ таҳқиқотҳои худро ба омӯзиши масъалаҳои умумии шахсияти ҷинояткор бахшидаанд, аз ҷумла У.А. Азизов [153], Н.Б. Азимов [21; 154], С.Э. Баҳриддинзода [37], З.А. Камолов [126, с. 137-151], Н.А. Қудратов [78], Ф.А. Меликов [168], А.К. Назаров [132, с. 305-310; 133, с. 240-245], А.И. Сафарзода [101, с. 70-78], Х.Ғ. Ҷалолов [161], Т.Ш. Шарипов [176], Ш.М. Шарифзода [177], ва дигарон. Масъалаҳои вобаста ба тавсифи сифатии ҷинояткорон ҳамчунин дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла дар корҳои Ю.М. Антонян [25], А.А. Байбарин [33], Р.Б. Бахаев [156], Ю.В. Владимирова [158, с. 16], Т.Н. Волкова [27], Е.М. Илчикова [162], В.О. Касимов [163], В.В. Лисак [129, с. 113], А.В. Микляева [85], И.С. Ной [90], В.Е. Эминов [149, с. 37], ва дигарон баррасӣ шудааст.

Бо ин вуҷуд, бояд зикр кард, ки то ҳол аз ҷониби на муҳаққиқони ватанӣ ва на хориҷӣ таҳқиқоти ҳамаҷониба ва маҷмуии робитаи синну соли шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, бо худи ҷиноят анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқгарони тоҷик танҳо ба баъзе ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи мавриди баррасӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Бо дарназардошти сатҳи кофӣ омӯхта нашудани масъала ва аҳаммияти баланди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф кӯшиш намудааст, ки онро бо такя ба талаботи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва дастовардҳои криминологияи муосир ба таври амиқ ва пайдарпай таҳлил намояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ шудааст, иҷро гардида, ҳамзамон мутобиқи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқот аз асосноккунии хусусиятҳои умумӣ ва махсуси синнусолии шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, таҳлили танзими ҳуқуқии чораҳое, ки аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон татбиқ мегарданд, инчунин таҳияи механизмҳои умумӣ ва махсуси пешгирии ҷинояткорӣ вобаста ба синну соли муайян иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо мақсади ноил шудан ба мақсади гузошташуда, ҳал намудани вазифаҳои зерин зарур буд:

– асоснок намудани муқаррарот дар бораи он ки синну сол метавонад ҳамчун омили криминологӣ баррасӣ шавад;

– муайян намудани хусусиятҳои биологӣ ва физиологии шахсияти ҷинояткор;

– ошкор намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии ҷинояткории ноболиғон;

– мушаххас намудани сабаб ва шароити ҷинояткорӣ миёни ноболиғон;

– пайгирии динамикаи ҷинояткорӣ дар синни ҷавонӣ ва калонсолӣ;

– гузаронидани таҳлили криминологӣ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ миёни ноболиғон;

– таҳияи чораҳои умумӣ ва махсуси профилактикӣ ҷиҳати пешгирии содиршавии ҷиноят аз ҷониби ҷавонон ва калонсолон.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо рафтори ҷиноятии шахсони синну соли гуногун вобаста мебошанд, инчунин фаъолияти пешгирии чунин рафтор ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ҳолати ҷинояткориро миёни гурӯҳҳои синнусолии гуногун тавсиф мекунанд; хусусиятҳои синнусолии ҷинояткорон; дараҷаи таъсири синну сол ба хусусият ва намудҳои рафтори ҷиноятӣ; чораҳои пешгирикунандаи ҷиноятҳое, ки аз ҷониби шахсони синну соли гуногун содир мегарданд; меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар қонунҳое, ки заминаи ҳуқуқии пешгирии ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Бо мақсади омӯзиши низомнок, ҳамаҷониба ва мукаммали хусусиятҳои криминологии синну соли ҷинояткорон, дар раванди таҳқиқот маълумоти омории марбут ба солҳои 2010-2023 истифода шудааст. Давраи таҳияи диссертатсия бошад, солҳои 2017-2024-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти асосии консепсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, инчунин корҳои илмие ташкил медиҳанд, ки бевосита ба объекти таҳқиқот марбутанд ва ба соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазо, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, сотсиология, психология ва педагогика дахл доранд. Ҳамчунин маводи конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, ки ба масъалаҳои мавриди таҳлили муаллиф бахшида шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд.

Дар ҷараёни омодасозии ин кори илмии диссертатсионӣ, муаллиф аз корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба таври васеъ истифода намудааст, аз ҷумла аз осори У.А. Азизов, Н.Б. Азимов, Ю.М. Антонян, А.А. Байбарин, Р.Б. Бахаев, С.Э. Баҳриддинзода, Ю.В. Владимирова, Т.Н. Волкова, Е.М. Илчикова, З.А. Камолов, В.О. Касимов, Н.А. Қудратов, В.В. Лисак, Ф.А. Меликов, А.В. Микляева, А.К. Назаров, И.С. Ной, А.И.

Сафарзода, Х.Г. Ҷалолов, Т.Ш. Шарипов, Ш.М. Шарифзода, В.Е. Эминов ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумии илмӣ (таҳлил, диалектика) ва усулҳои махсуси илмӣ (муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ ва оморӣ) ташкил медиҳанд, ки ба омӯзиши ҳамаҷониба ва асосноки масъалаҳои мавриди баррасӣ мусоидат мекунанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои назариявие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаанд, масъалаҳои мубрамеро инъикос менамоянд, ки бо синну соли шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, иртибот доранд ва ба талабот ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика, криминология ва психология пурра мутобиқ мебошанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар таҳлили амиқи амалияи татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти судӣ асос меёбад. Дар раванди таҳқиқот 100 ҳукмҳо, ки қувваи қонунӣ гирифтаанд ва аз ҷониби судҳои ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Фирдавсӣ ва И. Сомонии шаҳри Душанбе, инчунин, Суди ҳарбии гарнизонии шаҳри Душанбе бароварда шудаанд, мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Илова бар ин, таҳқиқот ба оморҳои расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилӣ, такя мекунад. Ҳамчунин гузоришҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории солҳои 2015-2022, ки аз ҷониби Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ пешниҳод шудаанд, инчунин маводҳои бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар таҷрибаи илми криминологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши таҳлили маҷмуии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои синнусолии шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, дар доираи рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Дар ин кор, ки

як холигии назариявию амалии муҳимро пур мекунад, муносибати низомнок ба омӯзиши омили синну сол ҳамчун унсури детерминатсияи криминологӣ пешниҳод мегардад. Дар фарқият аз таҳқиқотҳои ҷудогонаи солҳои гузашта, ки ба ҷанбаҳои маҳдуди ҷинояткорӣ равона шуда буданд, дар ин диссертатсия як усули методологии навоварона истифода шудааст, ки дар он воситаҳои омори криминологӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ ва таҳлили иҷтимоию равоншиносӣ ба таври муттаҳид корбаст шудаанд. Ин усул имкон медиҳад, ки маълумотҳо: қонуниятҳои миқдории ҷинояткорӣ (ҷудосозӣ аз рӯйи гурӯҳҳои синнусолӣ, ретсидивӣ) бо таҳлили сифатии ихтилофҳои ҳуқуқӣ ва ангезаҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ таъмин карда мешаванд. Муаллиф хусусиятҳои асосии гурӯҳи муайяни синнусолиро дар робита бо дигар гурӯҳҳои синнусолӣ таҳлил намуда, зарурати категориябандии гурӯҳҳои муайяни синнусолии шахсони ҷиноят содиркардаро асоснок кардааст. Таҳлили омилҳое, ки ба содиршавии ҷиноят дар синни муайян таъсир мерасонанд, инчунин механизмҳои пешгирии онҳо дар шакли комплексӣ анҷом дода шудааст.

**Нуктаҳо, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

1. Барои такмил додани сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки барои инсондустона гардонидани ҷазо, барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии такрори ҷиноятҳо равона гардидааст, таҳқиқи хусусиятҳои синну солии шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, аҳаммияти хеле калон дорад. Барои ба ҳисоб гирифтани маҷмуи омилҳое, ки ба соҳаҳои демографӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар самтҳое, ки рушду пешрафти ҷомеа ва давлатро инъикос мекунанд, марбутанд, таҳияи чунин сиёсат нақши муҳим мебозад. Муайян намудани синну соли ҷинояткор дар ин раванд ҳангоми ҳалли масъалаҳои марбут ба озод кардан аз ҷавобгарӣ, бандубасти кирдор, интихоби ҷазо ва татбиқи он нақши муҳим дорад. Ғайр аз ин, ин меъёр ҳангоми баррасии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва банақшагирии чораҳо оид ба пешгирии намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо ва паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ дар умум аҳаммияти калон дорад.

2. Ҳангоми таҳлили хусусиятҳои ахлоқию равонии ҷинояткорони калонсол муайян карда шуд, ки фаъолияти криминалии мардон бештар дар синни 40-солагӣ ва занон дар синни 35-солагӣ мушоҳида мегардад. Фаъолияти ҷиноятии калонсолон ба буҳрони синнусолӣ, яъне буҳрони «ногаҳонии синнусолӣ», ки дар як марҳилаи муайяни ҳаёт ба амал меояд, мувофиқат мекунад. Буҳрони криминалӣ метавонад дар синни 40-солагӣ (барои занон – аз 35-солагӣ) ба вуҷуд ояд; дар баъзе ҳолатҳо он метавонад каме пештар ё, баръакс, дертар зуҳур кунад.

Таҳқиқи хусусиятҳои синнусолии ҷинояткорон имкон медиҳад, ки муайян карда шавад, дар кадом давраи ҳаёт онҳо бештар ба гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил ҷалб мегарданд ва дар ҳайати онҳо ҷиноят содир менамоянд. Бар асоси натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда, се гурӯҳи синнусолӣ муайян карда шуданд, ки дараҷаҳои гуногуни майл гардидан ба иттиҳодияҳои ҷиноятиро доранд:

а) фаъолнокии баланд – 16-17 сола;

б) фаъолнокии миёна – 18-21 сола;

в) фаъолнокии паст – 22-35 сола.

3. Дар байни занони синни 30 то 50-сола буҳрони равонии ҷиноятӣ бештар дар синни 35 то 40-солагӣ ба назар мерасад. Дар ин давра сабабҳои асосии содир гардидани ҷиноятҳо рафтори ҷабрдида, аз ҷумла ҳисси рашк, инчунин омилҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошанд. Пас аз синни 50-солагӣ, тақрибан ҳамаи ҷиноятҳо аз ҳиссиёти манфиати шахсӣ содир мегарданд.

Дар байни шахсони аз 35-сола боло, ки ба фаъолияти ҷиноятӣ ҷалб шудаанд, гурӯҳи бештар фаъолнокии криминалӣ дошта шаҳрвандони синни 35 то 60-сола ба шумор мераванд. Ин гурӯҳ намунаҳои устувори рафтори девиантиро нишон медиҳад: тақрибан нисфи онҳо қаблан суд шуда буданд, ки ин ба хусусияти системавии ҳаракатҳои ҷиноятии онҳо ишора мекунад. Ҷолиби диққат аст, ки тақрибан ҳар сеюмин ҷиноят дар ин гурӯҳ зери таъсири моддаҳои психоактивӣ – машрубот ё воситаҳои нашъадор содир мегардад, ки ин на танҳо вазнинии кирдорро зиёд мекунад, балки далели

ноустувории иҷтимоии амиқ ва мутобиқ нашудани онҳо ба муҳити ҷомеа мебошад.

4. Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода, муаллиф як қатор чораҳои муассири пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳоро вобаста ба синну сол пешниҳод мекунад:

– бо кор таъмин намудани ҷавонон (мумкин аст, инчунин дар вақти холигӣ аз таҳсил) ва рушди низоми таҳсилоти касбӣ;

– дастгирии рушди соҳаи фароғат ва тарғиби арзишҳои ахлоқию маънавӣ миёни ҷавонон, хусусан ноболиғон, бо истифодаи фаъоли воситаҳои ахбори омма ва интернет;

– коҳиши мундариҷаи манфӣ дар ВАО (тарғиби зӯроварӣ ва бераҳмӣ), маҳдуд кардани дастрасӣ ба видео ва аудиоматериалҳо бо назардошти синну сол, таҳияи механизми танзими дастрасӣ ба бозиҳои онлайн бо маҳдудияти «18+», манъ ва ҷорӣ кардани ҷавобгарӣ барои фурӯши бозиҳои видеоӣ бо маҳдудияти синнусолӣ ба ноболиғон ва наврасон;

– мубориза бо истеъмоли машрубот, воситаҳои нашъадор ва иштирок дар бозиҳои хатарнок миёни наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани муоинаҳои тиббӣ ва равоншиносӣ; пешгирии тамоюли ҷавонон ба худкушӣ, инчунин пешгирии ҷалби онҳо ба гурӯҳҳои зиддиҷамъиятӣ;

– фаъолсозии фаъолияти институтҳои ихтиёрӣ (волонтёрӣ) ва ҷалби ҷавонон ва ноболиғон ба онҳо, аз ҷумла густариши фаъолияти «Парламенти ҷавонони Тоҷикистон», «Гурӯҳҳои пешоҳанг (авангард) ва дигар созмонҳои ҷавонон.

Бо таҳлили масъалаҳои пешгирии ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ноболиғон ва ҷавонон содир мегарданд, муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

– Ба м. 60 , қ. 4 бо муқаррароти мазмуни зайл дошта илова карда шавад:

«4. Ҳангоми таъин намудани ҷазо нисбат ба ноболиғон ва ҷавонони то 25-сола, суд имконияти татбиқи ҷазоҳои марбут ба маҳрум сохтан аз

озодиро баррасӣ намуда, ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро танҳо дар он ҳолат таъин менамояд, ки ислоҳи шахси мазкур тавассути истифодаи намудҳои дигари ҷазо имконнопазир бошад».

– дар қ. 1 м. 63, пас аз калимаҳои «ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ», ибораи «гунаҳгор ноболиғ ё ҷавони то 25-сола мебошад» илова карда шавад.

– Ба м. 65, қ. 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«5. Нисбат ба ноболиғон ва ҷавонони то 25-сола барои ҷиноятҳои нотамом ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намешавад. Дар ҳолате ки дар санксияи Қисми махсуси Кодекси мазкур дигар намудҳои ҷазо пешбинӣ нашуда бошанд, суд аз зумраи ҷазоҳои дар Қисми умумии Кодекси мазкур пешбинишуда ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набударо интихоб ва таъин менамояд».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои тақиқоти диссертатсионӣ ба рушди тасаввуроти илмӣ дар бораи хусусиятҳои синнусолии шахсоне, ки ҷиноят содир менамоянд, мусоидат намуда, андешаҳои консептуалии мавҷударо барои ҳалли масъалаҳои соҳа ғанӣ мегардонанд. Дар тақиқот вобаста ба вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои муҳими такмили чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла таҳлили самаранокии механизмҳои ҳуқуқӣ, барномаҳои иҷтимоию равонӣ ва усулҳои пешгирии қаблии ҷинояткорӣ инъикос ёфтаанд. Ин ҳама заминаи лозимаро барои бознигарии стратегияҳои амалкунанда бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, аз қабили тамоюлҳои демографӣ, омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ фароҳам меорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои муаллиф, ки дар раванди таҳлили масъалаҳои марбут ба асосноккунии хусусиятҳои синнусолии ҷинояткор аз нуқтаи назари криминология ба даст омадаанд, инчунин тавсияҳои амалӣ, ки дар асоси онҳо барои фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба баланд гардидани самаранокии

механизмҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми таълими фанни криминология, дар курсҳои махсус ва семинарҳое, ки ба масъалаҳои ҷинояткорӣ ва пешгирии он бахшида шудаанд, истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо таҳлили объективӣ ва ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои вобастагии ҷинояткорӣ ба синни шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, бо ҷалби маълумоти омории дахлдор тасдиқ мегардад. Хулосаҳои бадастомада бо пешниҳодҳо ва тавсияҳои назариявию амалӣ, ки аз ҷониби довталаб дар раванди таҳлили муқоисавии категорияҳои илмӣ, амалияи судӣ ва таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи мавриди омӯзиш асоснок шудаанд, исботи худро меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо омилҳои зерин муайян мегардад:** якум, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқарраротҳои асосӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз ҷониби муаллиф мустақилона асоснок гардидаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди равиши нави илмӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрам, ки ба қатегориябандии синнусолии ҷиноятҳо марбутанд, ифода меёбад, ки метавонад ба пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақолаҳо ва маърузаҳо дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод шудаанд:

а) Байналмилалӣ:

– IX Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Низоми ҳуқуқии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюлҳо ва рушди минбаъда» – маърӯза дар мавзуи: «Мафҳуми синну сол ва аҳаммияти он дар тавсифи криминологии шахсияти ҷинояткор». – Душанбе, 2021 с.;

– V Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳо ва самтҳои муосири илм, маориф ва инноватсия» – маърӯза дар мавзуи: «Хусусиятҳои криминологии ҷинояткорони ноболиғ ва фаъолияти ҷиноятии онҳо» (ба забони англисӣ). – Таллин (Эстония), 2021 с.;

– XXI Озмуни байналмилалии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ – мақола дар мавзуи «Масъалаҳои криминологии пешгирии ҷинояткорӣ, ки бо синни ноболиғон алоқамандананд». – Москва, 2021 с.;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Таҳқиқотҳои илмии муосир: назария, методология ва амалия» – маърӯза дар мавзуи: «Баъзе масъалаҳои хусусиятҳои криминологии шахсияти ҷинояткорони ҷавон». – Уфа, 2022 с.;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назариявӣ ва амалии он», бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – маърӯза дар мавзуи: «Тағйироти сатҳи ҷинояткорӣ, ки аз ҷониби ноболиғон содир мегардад». – Душанбе, 2024 с.

б) Ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ: рушд ва масоилҳо» – маърӯза дар мавзуи: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба забон». – Душанбе, 2021 с.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар 9 мақолаи илмӣ, ки аз ҷониби муаллиф нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8-тояш дар нашрияҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки аз шаш параграф иборат аст, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 192 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИИ ТАЪСИРИ СИННУ СОЛ ДАР КИРДОРИ ҶИНОЯТӢ

## 1.1. Нақши синну сол дар ташаккули шахсияти ҷинояткор: Синну сол ҳамчун омили криминологӣ

Поблемаҳои муҳими ҳуқуқӣ дар илм бештар ҳангоми муаян намудани мафҳум ва моҳияти омилҳои асосии он равона карда мешавад. Мафҳум шакли тафаккурест, ки предметҳои олами объективиро аз рӯйи нишонаҳои муҳимашон инъикос мекунад.

Синну сол ҳамчун аломати мураккаби шахсияти ҷинояткор, рушди ҷанбаҳои биологӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоиро дар худ муттаҳид мекунад. Аммо масъалаи дараҷаи таъсири омилҳои биологӣ (масалан, хусусиятҳои нейрофизиологӣ, тағйироти гормоналӣ) ва иҷтимоӣ (тарбия, муҳит, шароити иқтисодӣ) ба ташаккули рафтори девиантӣ дар гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ баҳсбарангез боқӣ мемонад. Таҳқиқотчиён таъкид менамоянд, ки динамикаи ҷинояткорӣ дар наврасӣ, синни калонсолӣ ва пирӣ фарқиятҳои аслиро нишон медиҳад, ки таҳияи модели универсалии таҳлилро душвор месозад. Дар адабиётҳои криминологӣ ва криминалистикӣ вобаста ба омилҳои таъсиррасонии сину сол ба содиршавии ҷиноят фикур ақидаҳо ба ду гурӯҳ тақсим карда мешавад. Гурӯҳи авал дар он андешаанд, ки сину сол ба ба рафтири ба ҷамъият хавфноки ҷинояткор таъсир намерасонанд, гурӯҳи дуюм баракси андешаро дастгири менамоянлд. Бо вуҷуди тадқиқоти зиёде, олимон ба як андешаи ягона дар бораи он, ки чӣ гуна синну соли фард ин ҳамтаъсириро танзим мекунад, нарасидаанд. Баъзе олимон муносибати биологии рафтори ҷиноятиро ба таври қатъӣ рад мекунанд, гурӯҳи дигари олимон бошанд таъсири тағйирнопазири онро ҷонибдорӣ мекунанд.

Дар санадҳои ҳуқуқии соҳавӣ хусусиятҳои сину соли субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ ба хусус синну соли субъектони ҷиноят танзими ҳуқуқии худро қисман ёфтаанд, чун, ки синну сол яке аз асосҳое мебошад, ки

бодарназардошти он натиҷаҳои муносибатҳои ҷамъияти муаян карда мешавад. Дар як қатор аз сарчашмаҳои илмӣ сину соли шахсияти ҷинояткор тасниф карда шудааст, махсусан бо даврабандии ҳаёти инсон, давраи инкишоф ва тақвимӣ. Дар психология ва биология, синну сол ченкунии хати муҳим барои таҳлил ва фаҳмидани тағйироти физиологӣ ва равонӣ дар ҷараёни ҳаёт аст – лаҳзаи ташаккули зигота (дар заминаи биологӣ) ё нуқтаи расман эътирофгардидаи оғози таваллуд (дар ҷиҳати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ) ҳисоб карда мешавад. Ин нишондиҳанда бо воҳидҳои умумипаймони ченаки вақт (сол, моҳ, рӯз) ифода ёфта, ҳамчун меъёри асосӣ барои муайян кардани давомнокии мавҷудияти ҷисмонии организм хизмат мекунад. Қобили зикр аст, ки дар таҳқиқоти тиббӣ-биологӣ нуқтаи ибтидо на танҳо таваллуд, балки марҳилаи инкишофи батнӣ низ шуда метавонад, ки ин боис ба баҳсҳо оид ба ҳудудҳои тафсири ин мафҳум мегардад. Синну соли шартӣ (нисбӣ) бошад, бар хилофи синну соли хронологӣ, як категорияи консептуалӣ мебошад, ки мавқеи фард ё системаеро дар континууми рушд инъикос мекунад [39, с. 132-140]. Дар илми ҳуқуқшиносӣ даврабандии рушди синнусолиро ҳамчун як консепсияе мешуморанд, ки ба ниҳомнокии давраи ҳаётии инсон асос ёфтааст. Чунин таснифот имкон медиҳад, ки на танҳо марҳилаҳои инкишоф ба пайдарпаии мантиқӣ муттаҳид карда шаванд, балки онҳо барои истифода дар амалияи ҳуқуқӣ, масалан, ҳангоми муайян намудани қобилияти ҳуқуқии синнусолӣ, рӯшанбинӣ ё ҷавобгарӣ, низ стандартӣ гардонида шаванд. Ҳар як марҳила инъикоси тағйироти сифатии шахсият мебошад, ки он асосе барои таҳияи меъёрҳои ҳуқуқие мегардад, ки хусусиятҳои рушди фардро дар давраҳои гуногуни ҳаёт ба инобат мегиранд. Дар «Энсиклопедияи русӣ» мафҳуми «синну соли инсон» ҳамчун давра аз таваллуди инсон то ин ё он лаҳзаи охири ҳаёти ӯ маънидод карда мешавад [182].

Дар доираи таҳлили криминологӣ, усулҳои анъанавии баҳодиҳии миқдории ҷинояткорӣ аксаран ба қайдгирии синни соли ҷинояткорон дар

шакли «аз X то Y сол» бо истифодаи фосилаҳои васеи синну солӣ маҳдуд мешаванд. Аммо як қатор муҳаққиқон ба маҳдудияти чунин равиш ишора мекунанд. Ба андешаи онҳо, ин методика динамикаи тағйироти иҷтимоию демографии муосир, ба мисли пиршавии тадриҷии аҳолӣ ва тағйири марзҳои синнии фаъолияти иҷтимоии инсонро инъикос намекунад. Илова бар ин, меъёри содашудаи синнӣ таҳаввули худи ҷинояткориро ба назар намегирад [163, с. 28]. Равоншиносон бошанд, бар ин назаранд, ки «меъёри синну сол ҳамчун дониш дар асоси муайян ҷамъоварӣ мешавад ва бояд ҳар 20 сол бо ивази наслҳо бознигарӣ шавад» [70, с. 125].

Синни соли биологӣ-нишондиҳандаи мураккабест, ки сатҳи рушди физиологии онро инъикос мекунад ва на синни соли тақвимӣ, балки тавсиф мекунад, ки чӣ гуна организм ба камол ва солим ҳис мекунад, ки дар кадом марҳилаи рушд ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ва узвҳо мебошанд. Ин мафҳум на танҳо параметрҳои хронологиро, балки ҳолати функсионалии аъзои бадан ва бофтаҳоро низ дар бар мегирад, ки онро ҳамчун нишондиҳандаи интегралӣ барои арзёбии захираҳои мутобиқшавии инсон, муқовимат ба омилҳои стресс ва сатҳи умумии фаъолият муҳим месозад.

Таркиби синну соли биологӣ тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳои махсус, ба монанди инкишофёбии устухонҳои бадан, зиёдшавии вазн (камолёбӣ), пайдошавии дандонҳои (ширӣ), ва ҷараёби болиғшавӣ (ҷинсӣ) ва дигар марҳилаҳои биологӣ дар ҷараёни муайяни синну сол мукаммал мегарданд. Ҳар як аз ин ҷузъҳо гуногунии инфиродӣ дорад, ки бо хусусиятҳои генетикӣ, тарзи ҳаёт, омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ муайян мешавад. Масалан, пиршавии зудтарини системаи дилу раг ё инволюсия (пиршавии барвақт) функсияҳои кагнитивӣ метавонад нишон диҳад, ки байни синни биологӣ ва синни шеносоии шахсӣ нобаробарӣ вуҷуд дорад.

Ю.М. Антонян аҳаммияти омӯзиши синну соли ҷинояткорро бо он асоснок намудааст, ки «пешгирии бомуваффақияти ҷиноятҳо, пеш аз ҳама, ба мутамарказ шудани диққат ба шахсияти ҷинояткор вобаста аст, ки омӯзиши он хусусиятҳоеро, ки ба рафтори ҷиноятии вай ангезанда

медиҳанд, муайян кардан мумкин аст» [26]. Ин ақидаро В.О. Касимов дастгирӣ намуда, ба андешаи ӯ масъалаи «мубрамияти шахсияти ҷинояткор дар илми криминология бештар ба бартарии аломатҳои криминологии он вобаста аст, зеро дар аввал худи шахсият бо тамоми маҷмуи хосиятҳо ва сифатҳои он барандаи асосии сабаб ва шароити содир намудани ҳама гуна кирдори ғайриқонунӣ мебошад» [163, с. 17].

Ба андешаи гурӯҳи олимони ватанӣ шахсияти ҷинояткор маҷмуи тавсияномаи иҷтимоию демографӣ, иҷтимоию мавқеӣ ва иҷтимоию психологии субъекти ҷиноятҳо мебошад. Дар вақти омӯзиши шахсияти ҷинояткор таносуби нишондодҳои биологӣ ва иҷтимоии шахсият низ баррасӣ карда мешавад [106, с. 583].

С.Э. Баҳриддинзода дар заминаи таҳқиқоти мукаммал ба чунин хулоса омадааст, ки «шахсияти ҷинояткор бо ҷузъҳои дохилии худ аз дигар мафҳумҳо фарқ мекунад, ки ба онҳо ҷамъи нишонаҳои иҷтимоӣ- демографӣ, иҷтимоӣ- психологӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дохил мешаванд» [98, с. 74]. Ақидаи С.Э. Баҳриддинзода қобили дастгирӣ мебошад, зеро ҷиноят як падидаи иҷтимоӣ буда, он дар натиҷаи ҳаёти иҷтимоии одамон, мухолифати манфиатҳо ба вуҷуд меояд.

И.И. Карпес бошад, хилофи ақидаҳои мазкур баромад намуда, таъкид кардааст, ки содир шудани ягон ҷиноятро бо хусусиятҳои биологии организми инсон шарҳ додан мумкин нест [62, с. 160-167].

Дараҷаи таъсири синну сол ба фаъолшавии рафтори ҷиноятии шахсро И.С. Ной омӯхта, ба хулоса омадааст, ки «баҳо надодан ба хусусиятҳои инфиродии психологии шахсияти ҷинояткор ба муборизаи бомуваффақияти ҷинояткорӣ халал мерасонад» ва таъкид кардааст, ки «ҷиноят танҳо дар сурате содир мешавад, ки шароитҳои криминогении беруна ба шахсияти мушаххас, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ-биологӣ барои аксуламали ҷиноятӣ ба таври кофӣ омода шудаанд, ворид шавад» [90, с. 89-90]. Аз ҷумла, И.С. Ной хусусиятҳои синну солии шахсиятро таҳқиқ намуда, пешниҳод кардааст, ки

«тарбияи сифатҳои барои ҷамъият фоиданоки инсон бо солҳои аввали ҳаёти ӯ алоқаманд аст: эҳтимол вуҷуд дорад, ки ба назар нагирифтани маҳз ҳамин ҳолатҳо, таваҷҷуҳи ҷиддӣ надодан ба мактаб, тарбия ва камбудиҳои ҷиддӣ дар муассисаҳои томактабӣ дар оянда оқибатҳои манфии ислоҳнашаванда доранд» [90, с. 89-90].

Ба ақидаи В.Е. Эминов ва Ю.М. Антонян, «содир намудани ҷиноятро на танҳо дар натиҷаи алоқамандии оддии шахс бо вазъияти мушаххаси ҳаётӣ, балки дар натиҷаи амалӣ гардидани хислатҳои криминогении шахсият, аз ҷумла психофизиологӣ, ҳангоми таъсиррасонӣ бо омилҳои вазъият таҳлил кардан лозим аст» [149, с. 37].

Ба андешаи Х.Ғ. Ҷалолов «сохторҳои синну солии занон яке аз омилҳои асосии динамикаи ҷинояткорӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад» [161, с. 42].

Ақидаи В.Е. Эминов ва Ю.М. Антонян қобили дастгирӣ мебошад, зеро ҷиноят як падидаи иҷтимоӣ буда, он дар натиҷаи ҳаёти иҷтимоии одамон, мухолифати манфиатҳо ба вуҷуд меояд. Омилҳои ба ҷинояткори таъсиррасонанда бошад аз ҳолати психофизиологии субъективии шахс алоқманд мебошанд.

Синну сол ҳамчун як падида объекти омӯзиш дар фанҳои гуногуни илмӣ мегардад – аз биология ва психология сар карда то сотсиология ва демография. Ҳар яке аз ин соҳаҳо таҳлили синну солро аз дидгоҳи методология, консепсияҳои назариявӣ ва истилоҳоти махсуси худ анҷом медиҳанд. Масалан, дар биология диққат ба тағйиротҳои физиологӣ равона мешавад, дар психология – ба рушди маърифатӣ ва эҳсосотӣ, ва дар сотсиология – ба интизориҳои нақшавӣ, ки бо марҳилаҳои синну солӣ алоқамандanд. Ин гуногунрангии байнифаннӣ ба вуҷуд омадани фаҳмишҳои мухталифи синну солро сабаб мешавад: он метавонад ҳамчун ҳолати биологӣ, барои бозҳам ба таври пурра омӯхтани сохтори иҷтимоӣ ҳаёти инсон ё марҳилаи равонии шахсро муайян карда мешавад. А.В. Микляева дар бораи мушкилоти синну сол қайд намуда, «синну солро

ҳамчун сифати ҷудонашавандаи инсон, хусусияти мавҷудияти инсон муайян мекунад, ки бо мурури замон ҷорӣ мешавад. Маҳз синну сол имкон медиҳад, ки динамика, ҷанбаи муваққатии рушди ҳама гуна объект, аз ҷумла табиати одамиро пайгирӣ намояд» [85, с. 147-151].

Б.Г. Ананиев омили синну солро баррасӣ намуда, «ягонагии таъсири афзоиш, камолоти умумии соматикӣ ва асабӣ-равонӣ дар раванди тарбия ва ҳаёти инсон ишора кардааст. Бо мурури замон инкишофи индивидуалии шахс ба амал меояд. Аз ин рӯ, синну сол на танҳо шумораи солҳои зиндагӣ, балки мазмуни ботинӣ, инкишофи маънавии инсон, тағйирот дар ҷаҳони ботинии ӯ мебошад, ки дар тӯли солҳо ба амал омадаанд. Маҳз дар ҷаҳони ботинӣ одамон аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ба шарофати он метавон дар бораи ба ҳам монандӣ, беҳамто ва асолати одамон сухан гуфт» [109, с. 34-40].

Синну сол ва хусусиятҳои психосотсиалӣ, фарҳангӣ ва биологие, ки бо он иртибот доранд, дар пажӯҳиши динамикаи рушди инсон ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд. Ин мавзуъ на танҳо барои равони рушди инсон ва антропологияи синнусолӣ, балки барои гуфтугӯи байнидисциплинарӣ дар доираи илмҳои гуманитарӣ низ калидӣ мебошад. Олимон таъкид мекунанд, ки чӣ гуна марҳилаҳои синнусол, аз кӯдакӣ сар карда то камолият шахсияти инсонро, намунаҳои рафтор ва механизмҳои мутобиқшавиро шакл медиҳанд. Он танҳо ба сабти хронологии марҳилаҳои онтогенез маҳдуд намешавад, балки ҳамчун нишондиҳандаи универсалӣ барои таҳлили хусусиятҳои биопсихосотсиалӣ баромад мекунад, ки қоидаҳои ташаккули рафтор, шинохт ва намунаҳои эҳсосиро, ки аз тағйироти синнусолӣ вобастаанд, ошкор месозад [202].

Таркиби мафҳуми синну сол дорои якчанд, унсурҳо мебошад:

– мафҳуми синну сол ба маънои хронологӣ – ин аз рӯйи пайдарҳамии воқеаҳои умри инсон муайян карда мешавад (мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиқ кунандаи шахсияти инсон);

– мафҳуми синну сол ба маънои биологӣ-ин маҷмуи инкишофи ҷисмонии одам ( камолёбӣ, зиёдшавии вазн,пайдошавии дандонҳои ширӣ, баъд иваз шавии онҳо, болигшавӣ ва ғайра);

– мафҳуми синну сол ба маънои равонӣ – ин дараҷаи инкишофёбии ақл, зеҳн ё равандҳои равонии шахсро дар бар мегирад:

а) синну соли равонӣ

Барои муайян кардани синну соли равонии кӯдакони аз 4 то 16-сола санҷиши Векслер истифода мешавад, ки он шифоҳӣ ва маълумотро дар шакли визуалӣ (маҷозӣ)-и супориш дар бармегирад. Ҳангоми татбиқ маҷмуи «IQ-и умумӣ» ба даст меояд. Психолог IQ – коэффисиенти зеҳниро ҳисоб мекунад:

– синну соли равонӣ 100%

– IQ = синну соли хронологӣ;

б) камолоти иҷтимоӣ-SQ-зеҳни иҷтимоӣ (шахс бояд ба муҳити атрофашмутобиқ карда шавад);

в) камолоти эҳсосӣ: худ сари эҳсосот, тавозун, камолоти шахсӣ.

Синну сол меъёри асосӣ барои муқаррар кардани масъулияти ҷиноятии пурраи шахс мебошад. Қонунгузор хусусиятҳои синну соли шахсро на танҳо ҳамчун меъёри тахсискунанда, балки инчунин ҳамчун меъёри фарқкунанда арзёбӣ мекунад, ки ин дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ инъикоси мустақим меёбад. Ҳамчунин, барои ба ҷавобгарии ҷинояти ҷалб намудани шахс, асос расидан ба синну соли муқаррар намудаи қонун мебошад. Ҳамзамон, нисбати ноболиғони (аз 14-18 сола) маҷмуи реҷаҳои махсуси ҳуқуқӣ ки нисбати ноболиғон пешбини шудааст, амал мекунад. Инчунин, дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ як боби пурра пешбинӣ шудааст, ки хусусиятҳои мурофиаи парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғро муқаррар мекунад. Қонуни ҷиноятӣ ба хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткор аҳаммияти калон медиҳад. Синну сол барои муайян намудани ҷанбаҳои мустақили хронологӣ, равонӣ, биологии шахсияти

инсон равона шудааст, ки дар доираи омӯзиш ва таҳлили самтҳои асосии ташаккули шахс – аз ҷумла, нисбат ба шахсоне, ки кирдорҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд, баррасӣ мегарданд. Гарчанде ки ин андозаҳо дар ҷараёни онтогенез бо ҳам таъсиргузор мебошанд, ҳар яке дорои динамика ва қонуниятҳои ташаккулии худ мебошад. Ин ҷудокунӣ махсусан ҳангоми омӯзиши шаклҳои девиантии рафтор аҳаммияти хоса пайдо мекунад, ки дар он ноҳамоҳангӣ байни расиши психофизиологӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва пухтагии эҳсосиву иродӣ метавонад ҳамчун катализатори зуҳуроти асоилӣ баромад намояд.

Вобаста ба ин, хусусиятҳои синну соли шахсиятро баррасӣ намуда, И.С. Ной пешниҳод мекунад, ки «тарбияи сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ фоиданоки инсон бо солҳои аввали ҳаёти ӯ алоқаманд аст: дар оянда оқибатҳои манфии бебозгашт доранд» [90, с. 80]. Дар ҳамин замина қайд кардан бамаврид аст, ки кирдори содирнамудаи шахс на танҳо аз синну сол балки аз психологияи шахс низ вобастагӣ дорад. Вазъи иҷтимоии шахс аз аввал то ба охир ҳангоми кирдори номатлуб оқибатҳои манфиро ба вуҷуд меорад.

И.И. Карпетс хилофи ақидаи И.С. Ной баромад намуда, изҳор дошт, ки «содир кардани ҳама гуна ҷиноятро бо хусусиятҳои биологии бадани инсон шарҳ додан мумкин нест» [61, с. 160]. Ба андешаи ин олим то андозае розӣ шудан имконпазир аст, зеро содир кардани ҷиноят на танҳо аз ҳисоби хусусияти биологӣ, инчунин, аз вазъи криминогении шахс низ вобастагӣ дорад.

Р.И. Михеев чунин андеша дорад, ки«синну сол бояд бо ду мазмун фаҳмида шавад: маҳдуд ва васеъ. Таҳти мафҳуми синну сол бо мазмуни васеъ давраи тақвимӣ фаҳмида мешавад, ки аз таваллуд тоягон лаҳзаи хронологии ҳаёти инсон гузаштааст ва синну сол бо мазмуни маҳдуд бошад давраи муайяни ҳолати психофизикии ҳаёти одам, ки бо дигаргуниҳои тиббию биологӣ, иҷтимоию психологӣ ва ҳуқуқӣ вобаста мебошад, фаҳмида мешавад» [170, с. 17]. Л.С. Виготский дар доираи назарияи фарҳангӣ-

таърихии худ синну солро ҳамчун «воҳиди сохтории асосии рушди рӯҳӣ баррасӣ мекард. Тибқи назари ӯ, синни психологӣ на танҳо як фосилаи замонӣ, балки як марҳилаи сифатан хос аст, ки бо пайдоиши навофариниҳои махсус – сохторҳои нави рӯҳии бунёдӣ, шаклҳои рафтор ё механизмҳои маърифатии нав фарқ мекунад»

Ба ақидаи Виготский, ин навофариниҳо натиҷаи тамоми рушди қаблӣ мебошанд ва дар худ тағйиротеро дар бар мегирад, ки дар марҳилаҳои пеш рух додаанд [44, с. 124-125].

И.М. Матскевич дар таҳқиқоти худ таъкид менамояд, ки хусусиятҳои синнусолии шахсият нақши калидӣ дар муайян кардани хусусиятҳои рафтори ҷинояткорона доранд, аз ҷумла интихоби навъи кирдори зиддиқонунӣ ва усулҳои татбиқи он. Олим диққатро ба робитаи дуҷонибаи синнусол бо рафтори ҷиноятӣ алоқаманд мекунад: аз як тараф, ӯ онро ҳамчун омиле баррасӣ мекунад, ки ба имкониятҳои ҷисмонӣ ва равонии содир кардани ҷиноят таъсир мерасонад, аз ҷониби дигар – ҳамчун меъёр, ки потенсиали бозгашти шахси қонуншиканро ба ҷомеа муайян менамояд.

Дар дираи консепсияи худ Матскевич изҳор медорад, ки хусусиятҳои синнусолӣ «равзанаи имконият»-ро барои ҷинояткоришавӣ ба вуҷуд меоранд: масалан, импулсивияти наврасон метавонад боиси содир шудани кирдорҳои ҷинояткорона гардад, дар ҳоле ки синни болиғ бештар бо амалиёти пешандешидашуда, ба мисли ҷиноятҳои иқтисодӣ алоқаманд аст [130, с. 24-31].

Ба андешаи В.О. Касимов бошад мафҳуми додаи Р.И. Михеев аҳаммияти синну солро ҳамчун яке аз хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор инъикос намекунад [163, с. 27].

Мо низ ҷонибдори ақидаи И.М. Матскевич мебошем, ки «синну сол ба пайдоиши шахсияти ҷинояткор, пешгӯӣ кардан ва ба андозаи зиёд фаҳмондани рафтори вай ва аз тарафи дигар тартиб додани нақшаи мушаххаси барқарорсозии мусбати шахсият ёрӣ мерасонад аст» [130, с. 24-35].

Дар доираи таҳқиқоти криминологӣ, таҳлили хусусиятҳои синнусолии шахсияти ҷинояткор бо душвориҳои методологӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки ин аз набудани низоми ягонаи категорияҳо ва равишҳои консептуалӣ ба ин масъала сарчашма мегирад. Бо вуҷуди ин, дар як қатор фанҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, сохторҳои назариявии якдигарро такмилдиҳанда ташаккул ёфтаанд, ки то андозае метавонанд ин холигиро ҷуброн намоянд.

Меъёри ҳуқуқии «синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ», ки дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардидааст, барои низоми ҳуқуқӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад ва на танҳо ҳамчун василаи ҳуқуқӣ, балки ҳамчун як меъёри иҷтимоӣ-фарҳангӣ низ хидмат мекунад. «Ин институти ҳуқуқӣ табиати дугона дорад: аввалан, он синни ҳадди ақалро муайян мекунад, ки шахс аз он синн ба баъд қобилияти дарк кардани хусусияти ғайриқонунии кирдорашро дорад ва метавонад барои он ҷавоб гӯяд; сониян, кафолатҳои ҳуқуқиро барои ҳифзи ноболиғон аз ҷалби беасоси барвақт ба мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мекунад». Дар доираи консепсияи илмии худ Ю.В. Владимирова синну солро дар заминаи факти ҳуқуқӣ таҳлил мекунад ва онро ҳамчун омилӣ объективие мешуморад, ки дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ мебошад. Ба гуфтаи ӯ, синну сол на танҳо хусусияти биологӣ ё иҷтимоии шахсро дар бар мегирад, балки инчунин меъёри ба таври нормативӣ муқарраргардида мебошад, ки марҳилаи миёнаи ташаккули шахсиятро дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ инъикос мекунад. Олим таъкид менамояд, ки масъалаи мазкур ҳамчун факти ҳуқуқӣ амал мекунад – ҳодисае, ки бо он меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таври бевосита ба рух додани паёмадҳои муайян вобаста мешаванд [158, с. 16].

Ақидаи Ю.В. Владимирова, ки синну солро ҳамчун факти мустақили ҳуқуқӣ маънидод мекунад, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз ҷиҳати амалӣ муҳим ба назар мерасад. Дар ҳақиқат, хусусияти синну соли шахс ҳамчун унсури низомсози соҳаи ҳуқуқӣ баромад мекунад, зеро қонунгузор расидан ба синну соли муайянро мустақиман бо пайдоиш, тағйир ё қатъ гардидани доираи васеи мақомҳо ва имкониятҳои ҳуқуқӣ марбут месозад.

Масалан, «тибқи талаботи қ.қ. 1 ва 2 м. 23 КҶ ҶТ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Шахсе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни чордаҳсолагӣ расидааст, барои содир намудани ҷиноятҳои зерин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд: одамкушӣ (м. 104), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (м. 110), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111), одамрабоӣ (м. 130), таҷовуз ба номус (м. 138), кирдори зӯроварии дорои хусусяти шаҳвонӣ (м. 139), терроризм (м. 179), ғасби гаравгон (м. 181), тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (м. 199), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (м. 200), муносибатҳи ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (м. 201), тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (м. 202), парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (м. 204), муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (м. 206), корношоям сохтани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳо (м. 214), авбошӣ дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2-3 м. 237), дуздӣ (м. 244), ғоратгарӣ (м. 248), роҳзанӣ (м. 249), тамаъҷӯӣ (м. 250), ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м. 252), қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк дар ҳолатҳои вазнинкунанда (қ. 2 м. 255)».

Муқаррароти мазкури қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани кирдори муайяни зиддиҳуқуқӣ бо расидани муҳлати муайяни синнусолӣ ба миён меояд. Дар сурати нарасидани шахси кирдори зиддиҳуқуқиро содирнамуда ба синну соли муайяни дар қонунгузорӣ пешбинишуда оқибати ҷавобгариро истисно мекунад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо ақидаи Ю.В. Владимироваро метавон ҷонибдорӣ намуд, ки дар асоси он синну солро ҳамчун факти ҳуқуқӣ эътироф намудан мумкин аст.

Бо дарназардошти муқаррароти илми ҳуқуқ, чунин қайд менамоем, ки мафҳуми синну соли ҷинояткор чунин бошад: аз ҷиҳати илми криминологӣ мафҳуми синну соли ҷинояткор ин хусусияти сифатӣ ва миқдории шахсияти ҷинояткор аст, ки вазъи физиологии ӯро муайян мекунад, рушди иҷтимоӣ-психологӣ ва дигар хусусиятҳо ва сифатҳои шахсӣ, ки ба фаъолияти ҷиноятии ӯ, хусусият ва самти рафтори ҷиноятӣ ва дар натиҷа интихоби чораҳои таъсири пешгирикунанда ба ӯ таъсир мерасонанд.

Синну солро аз нуқтаи назари биологӣ, криминологӣ ва антропогенӣ фаҳмидан имконпазир аст. Аз нуқтаи назари биологӣ, даврзании синну сол дартиб ба хусусиятҳои анатомию физиологии ба синну сол мувофиқи организм асос ёфтааст. давраҳои кӯдакӣ барои дараҷаи мутобиқшавӣ бо шароити муҳити зист ба назар гирифта мешавад, ки бо он хусусияти нигоҳубин ва тарбияи кӯдак алоқаманд аст.

Имрӯз яке аз баҳсҳои асосӣ дарҷомеаи илмӣ ва бахусус дар адабиётикриминологӣ, муайян кардани ҳудудисинну соли ҷавонон мебошад. Ин мушкилот дар он аст, ки тасаввуроти возеҳ дар бораи он ки кадом меъёрҳобояд дар таърифи «ҷавонон» ҳамчун асос эътироф шаванд, вуҷуд надорад.

Дар омӯзиши масъалаи таҳлилшаванда антропологияи синну сол низ аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад. Антропологияи синну сол яке аз самтҳои антропология мебошад, ки мавзуи он рушди инфиродӣ ё онтогенезиинсон мебошад. Онтогенез (аз юнонӣontos-мавҷудият ва генезис-рушд) рушди инфиродии ҳар як фард мебошад. Ин як раванди мураккаби ташаккули организмҳои зинда аз ибтидо то марг аст. Хусусиятҳои онтогенезии фардҳо дар ҷараёни рушди таърихии намудҳо-филогенез ба вуҷуд омадаанд [178].

Муҳаққиқи рус В.В. Лисак, ки ба таҳқиқи хусусиятҳои равонии шахсоне машғул буд, ки ба ҷиноятҳои такрорӣ майл доранд, ба хулосае омад, ки ташаккули рафтори ҷиноятӣ дар аксарияти онҳо дар марҳилаҳои аввалини иҷтимоишавӣ ба амал меояд. Тибқи маълумоти ӯ, аввалин кирдори зиддиҳуқуқӣ дар бештари ҳолатҳо дар давраи наврасӣ (13-17 сол) ё дар давраи ибтидоии калонсолӣ (18-23 сол) рух медиҳад. Олим робитаи мустақим байни синни оғози фаъолияти ҷиноятӣ ва дараҷаи хатари иҷтимоии шахсиятро муайян намудааст: ҷиноятпешагии бармаҳали фард бо таври оморӣ ба таври назаррас ҳам суръати бозгашт ба кирдорҳои ғайриқонунӣ ва ҳам хусусияти хашин/ҷомеанаписандро зиёд мекунад. Таҳлили гузаронидашудаи Лисак нишон медиҳанд, ки «беш аз 70% ретсидивистон (шахсони такроран ҷиноятсодиркунанда), ки мавриди омӯзиши ӯ қарор доштанд, аввалин қонуншиканиро то расидан ба синни 18 содир кардаанд. Дар ҳамин ҳол, дар байни ин гурӯҳ миқдори баланди ретсидив (3 ва бештар ҳолат) нисбат ба онҳое, ки аввалин бор баъд аз 25-солагӣ қонунро вайрон кардаанд, мушоҳида шудааст» [129, с. 113].

Зарур аст ба нақши омилҳои синну сол дар пайдоиши рафтори ҷиноятткорона таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Синну сол на танҳо марҳилаҳои камолоти иҷтимоӣ ва рӯҳии шахсро муайян мекунад, балки ба хусусиятҳои ҷалбшавӣ ба фаъолияти ҷиноятӣ низ таъсири назаррас мерасонад.

Мисоли равшани ин ҳамбастагӣ таҳқиқоти Е.Г. Юзиханова мебошад. Олим исбот намудааст, ки синну соли шахс ҳангоми содир кардани аввалин рафтори ғайриқонунӣ бо дараҷаи шиддат ва устувории рафтори ҷиноятии ӯ дар оянда алоқаманд аст. Тибқи хулосаҳои ӯ, «ҷинояткории наврасон ва калонсолон як низоми ягонаеро ташкил медиҳанд, ки дар он амали аввалини ғайриқонунӣ нуқтаи оғози ташаккули такрории ҷиноят мегардад. Масалан, 50-60% ҷиноятҳои такрориро шахсоне содир мекунанд, ки дар синни 14-17 солагӣ аввалин бор қонуншиканӣ кардаанд. Ин гувоҳӣ медиҳад,

ки давраи наврасӣ, ки бо ноустувории равонӣ ва майл ба тақлид фарқ мекунад, муҳити мусоид барои ташаккули қолабҳои ҷиноятиро фароҳам меорад» [150, с. 83].

Муҳим аст таъкид гардад, ки оғози барвақти фаъолияти ҷиноятӣ пешгӯии криминологиро ба таври назаррас бадтар мекунад. Ҳар қадаре, ки қонуншикан ҷавонтар бошад, эҳтимоли он бештар аст, ки намунаҳои рафтори ғайриқонунӣ ҳамчун стратегияи устувори ҳаётӣ шакл мегиранд. Ин бо он вобаста аст, ки шахсияти ҳанӯз комилан ташаккулнаёфта осонтар меъёрҳои асотсиалиро қабул мекунад, ва набуданиислоҳи саривақтӣ ба ташаккули таҷрибаи девиантӣ дар сатҳи институтсионалӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, пешгирии ҷинояткории наврасон ва барқарорсозии барвақтии рафтори ғайриқонунии ноболиғ ба унсурҳои калидии шикастани давраи манфии такрори ҷиноят табдил меёбанд.

Ё. Бафия байён кардааст «…таҳлили сатҳи ҷинояткорӣ дар гурӯҳҳои алоҳидаи синну сол барои ба даст овардани қолабе асос медиҳад, ки мувофиқи он шиддати бештари афзоиши ҷиноят аз дараҷаи камолоти шахс, иштироки ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста аст» [36, с. 49].

Дар илми криминология то ҳол холигии назаррасе дар ҳисоби низомии меъёри синну солӣ ҳангоми таҳлили ҷинояткорӣ боқӣ мондааст. Наметавон ба он нодида назар кард, ки омили синну сол, ки қобилияти тавзеҳдиҳии бузург дорад, дар таҳқиқоти криминологии падидаҳо, механизмҳо ва тамоюлҳои вобаста ба рафтори ғайриқонунӣ густариши васеъ наёфтааст. Чунин маҳдудияти методологӣ ба ҳамворсозии фарқиятҳои муҳим дар рафтори ҷиноятии намояндагони когорҳои синнусолии гуногун оварда мерасонад, ки ин фаҳмиши моҳияти ҷинояткориро ҳамчун падидаи иҷтимоии мураккаб таҳриф мекунад.

Аён аст, ки фаъолияти ҷиноятии шахсони синни наврасӣ, бузургсолӣ ва пирӣ аз рӯйи як қатор ҷанбаҳо ба таври куллӣ фарқ мекунад. Ин фарқиятҳо на танҳо бо хусусиятҳои физиологӣ (сатҳи қувват, малакаҳои психомоторӣ,

заминаи гормонӣ), балки бо хусусиятҳои нақшҳои иҷтимоӣ низ муайян карда мешаванд: дараҷаи иштирок дар муассисаҳои ҷамъиятӣ, шуғли касбӣ, мақоми оилавӣ ва тамоюлҳои арзишӣ. Масалан, ҷинояткории ҷавонон бештар бо шаклҳои гурӯҳии зӯроварӣ ва вандализм вобаста аст, дар ҳоле ки синни бузургсолӣ афзоиши ҷиноятҳои иқтисодӣ ва манфиатҷӯёнаро нишон медиҳад.

Нишондиҳандаи равшани ноустувории иҷтимоӣ афзоиши шумораи ҷиноятҳо миёни наврасони 14-17-сола мебошад. Ин гурӯҳи синну солӣ дорои аҳаммияти стратегии демографӣ буда, маҳз аз ҳамин ҷавонон таъмини ояндаи захираҳои меҳнатӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии ҷомеа вобаста аст. Ҷалби мунтазами ноболиғон ба фаъолияти ҷиноятӣ аз дисфунксияҳои амиқи институтҳои иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад.«Пеш аз ҳама, ин ба бӯҳрони низоми тарбияву маориф ишора мекунад, ки наметавонад ташаккули иҷтимоии самаранокро таъмин намояд, маърифати ҳуқуқиро ташаккул диҳад ва неруи созандаи ҷавононро ошкор созад. Ҳамзамон, холигии институтсионалӣ дар соҳаи ташкили фароғат, роҳнамоии касбӣ ва иштироки шаҳрвандии наврасон мушоҳида мешавад. Набудани барномаҳои дастрас барои таҳсилоти иловагӣ, инфрасохтор барои худшиносии эҷодӣ ва варзишӣ, инчунин механизмҳои иштироки ҷавонон дар фаъолияти иҷтимоии судманд, ногузир ба ҳошияравии қисми ҷавонон оварда мерасонад». Дар натиҷа, ба ҷои иштирок дар амалияҳои иҷтимоии созанда, наврасон намунаҳои рафтори девиантиро такрор мекунанд, ки боиси ташаккули доираи фасодзои интиқоли байнинаслӣ мегардад [150, с. 83]. Ба ақидаи Э.Г. Юзиханова «хусусиятҳои сифатии ҷинояткорони синнашон аз 14 то 17-соларо бесабаб метавон пешгӯии тамоми ҷиноятҳои дар кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он арзёбӣ кард» [63, с. 12]. Аммо, мо ба ақидаи мазкур ба пуррагӣ розӣ шуда наметавонем, зеро омори содиршавии ҷиноятҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурӣ навъҳои гуногуни ҷиноят содир мешаванд. Масалан, дар ВМКБ

дар нуҳ моҳи соли 2023 шумораи умумии ҷиноятҳои содиргардида 404 ададро ташкил медиҳад, ки аз он 9 адади он дар байни ноболиғон, 92 адад ҷавонон, 253 адад калонсолон ва 50 адад пиронсолон содир карда шудааст. Дар вилояти Суғд бошад шумораи умумии ҷиноятҳои содиргардида 3585 ададро ташкил медиҳад, ки аз он он 140 адади он дар баёни ноболиғон, 1043 адад ҷавонон, 1774 адад калонсолон ва 628 адад пиронсолон содир карда шудааст. Дар вилояти Хатлон шумораи умумии ҷиноятҳои содиргардида 3264 ададро ташкил медиҳад, ки аз он он 135 адади он дар баёни ноболиғон, 919 адад ҷавонон, 1550 адад калонсолон ва 660 адад пиронсолон содир карда шудааст. Дар шаҳри Душанбе шумораи умумии ҷиноятҳои содиргардида 2258 ададро ташкил медиҳад, ки аз он он 88 адади он дар баёни ноболиғон, 709 адад ҷавонон, 1196 адад калонсолон ва 265 адад пиронсолон содир карда шудааст. Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад шумораи умумии ҷиноятҳои содиргардида 1930 ададро ташкил медиҳад, ки аз он он 103 адади он дар баёни ноболиғон, 590 адад ҷавонон, 918 адад калонсолон ва 319 адад пиронсолон содир карда шудааст (*Маълумотҳои мазкур дар асоси ҷавоби расмии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дархости муаллиф омода карда шудааст).*

Омори овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки хусусиятҳои ҷиноятии шахсони ҷиноятсодиркарда аз маҳалли истиқомати онҳо ва шароитҳои иқтисодиву иҷтимоии он вобастагии калон дорад.

Таҳлили хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткорро бояд ҳамчун асоси калидӣ барои навсозии сиёсати ҷиноятӣ баррасӣ кард, ки ба таҳкими принсипҳои гуманистӣ, расидан ба адолати иҷтимоӣ,ислоҳи самарабахши маҳкумшудагон ва коҳиши ҷинояткории такрорӣ равона шудааст. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс бидуни муайян кардани синну сол ҳамчун ҷузъи ҳатмии ҷиноят ғайриимкон аст.

Чунин дар Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст: «имрӯзҳо ҷомеаро зиёдшавии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ба ташвиш овардааст. Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар

байни ноболиғону наврасон нишон дод, ки аз ҷониби онҳо асосан содиршавии ҷиноятҳои дуздӣ, авбошӣ ва ҷоратгарӣ зиёдтар ба қайд гирифта шудааст. Чунончӣ, ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон ё бо иштироки онҳо содиршуда аз соли 2016 то 2020 3917 (2016-693, 2017-690, 2018-907, 2019-873, 2020-754) ададро ташкил медиҳанд. Сабабҳои асосии сар задани ин қабил ҷиноятҳо, ки имрӯз сокинони ҷумҳуриро ба ташвиш овардааст, ба як қатор омилҳои айнӣ (объективӣ) ва зеҳнӣ (субъективӣ) асос ёфтааст» [14].

Давоми солҳои 2021, 2022 ва нуҳ моҳи соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин сатҳи ҷинояткорӣ ба мушоҳида мерасад: (*Маълумотҳои мазкур дар асоси ҷавоби расмии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дархости муаллиф омода карда шудааст.*)

| **Категорияи шахсон** | **Соли 2021** | **Соли 2022** | **9 моҳи 2023** |
|---|---|---|---|
| Ноболиғон | 749 | 742 | 475 |
| Ҷавонон | 5404 | 4396 | 3367 |
| Калонсолон | 8112 | 7884 | 5747 |
| Пиронсолон | 2662 | 2507 | 1963 |
| Ҷамъи умумӣ | 16927 | 15529 | 11525 |

Бояд қайд кард, ки синну сол дар таҳлили виктимологӣ нақши калидӣ мебозад. Ин омил ба ташаккули хусусиятҳои физиологӣ ва равонии шахсият таъсири мустақим мерасонад ва дараҷаи осебпазирии онро ҳам дар мақоми қурбонии эҳтимолӣ ва ҳам қурбонии воқеии ҷиноятҳо ё дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муайян мекунад. Хусусиятҳои синну сол хусусиятҳои ниёзҳо, афзалиятҳои ҳаётӣ ва ҳамкориҳои иҷтимоии фардро муайян намуда, самтгирии арзишҳо, ормонҳо ва намунаҳои рафтори ӯро шакл медиҳанд [122, с. 42-43].

Синну соли шахсе, ки амалҳои ҷиноятӣ анҷом медиҳад, бояд ҳамчун меъёри калидӣ дар таҳияи барномаҳои маҷмуии пешгирии ҷинояткорӣ баррасӣ шавад. Ин омил на танҳо хусусиятҳои ангеза ва рафтори гурӯҳҳои

синнусолии гуногунро инъикос мекунад, балки инчунин имкон медиҳад, ки равишҳои пешгирии ҷиноятҳо гуногун карда шаванд.

Таҳлили байнисоҳавии маълумотҳое, ки дар соҳаҳои гуногуни илмӣ, аз қабили биология, психология, сотсиология ва геронтология ҷамъ оварда шудаанд, имкон медиҳад хулосаҳои калидӣ оид ба табиати равандҳои марбут ба синну солро баён кард.

Синну сол ҳамчун ҳислате, ки шахсияти ҷинояткорро тавсиф мекунад, як падидаи комлексӣ мебошад, ки унсурҳои миқдорӣ (хронологӣ) ва сифатӣ (иҷтимоъӣ-руҳонӣ)-ро муттаҳид менамояд. Аз як тараф, он расидан ба дараҷаи биологӣ, шомили қобилиятҳои ҷисмонӣ, сатҳи рушд дар низоми асаб ва тағйироти гормонӣ, ки мустақиман ба қобилияти амалӣ кардани кирдори ҷинояткорӣ таъсир мерасонад, нишон медиҳад. Аз тарафи дигар, синну сол нишонаи марҳилаи иҷтимоии инсон мебошад: он муайян мекунад, ки чи гуна арзишҳои равонӣ-эмотсионалӣ ва ҳудудии хоҳишҳо, қобилияти фикр кардан ва шенасоии таъсири амалҳои худ ташкил ёфтааст.

Хусусияти синну соли шахс, ки ҷиноят содир кардааст, як мавзуи мустақили таҳлили криминологист. Бар хилофи дигар хусусиятҳои инфиродии шахсият, омили мазкур аҳаммияти амалии муҳим дорад: он ҳамчун меъёри калидӣ барои таҳияи тадбирҳои фарққунандаи таъсири ҳуқуқӣ ва иҷтимоии-психологӣ хизмат мекунад. Хусусиятҳои синну сол, ба монанди сатҳи иҷтимоишавӣ, расоии эҳсосӣ-ихтиёрӣ ва қобилияти рефлексия, мустақиман ба интихоби стратегияи пешгирӣ, ҷазо ё ресотсиализатсия таъсир мерасонанд. Синну сол ҳатто ҳамчун як нишонгари чандир амал мекунад, ки на танҳо метавонад эҳтимоли содир намудани ҷиноят дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули шахсиятро таҳлил кунад, балки асоси такмили қонунгузориро бо дарназардошти хусусиятҳои рушди равонӣ ва физиологӣ фароҳам оварад. Ин хусусияти объективӣ, бар хилофи омилҳои субъективӣ (масалан, мотиватсия), асоси универсалии ташаккули рӯйдоди инсонӣ ва самараноки сиёсати ҷиноятиро таъмин мекунад.

## 1.2. Ҷинояткорӣ ва синну соли шахсияти ҷинояткор: хусусиятҳои биофизиологии шахсияти ҷинояткор

Дар баробари ба синну соли муайян расидан дар шахсият талаботҳои нав пайдо мешаванд. Дар баъзе ҳолат бо роҳи қонунӣ қонеъ гардонидани онҳо ғайриимкон мегардад ва аз ин ҷо шахсият дар байни муаммоҳои қонеъ гардонидан ва ё нагардонидани ин талаботҳо мемонад. Ин яке аз зинаҳои аввали таъсиррасонӣ ба муайян кардани мавқеи худ дар ҷамъият аз тарафи шахс аст. Дар ҳолати бо роҳи ғайриқонунӣ қонеъ гардонидани талабот мумкин аст, ки содир кардани кирдори бо Кодекси ҷиноятӣ манъ карда шуда, ба миён ояд. Оқибати он дар ҷамъият пайдо шудани шахсияти ҷинояткор мешавад.

«Шахсияти ҷинояткор бо унсурҳои худ аз дигар мафҳумҳо фарқ мекунад, ки ба онҳо ҷамъи нишонаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дохил мешаванд» [98, с. 74]. Яке аз омилҳои синну соли ҷинояткор хусусиятҳои иҷтимоӣ- демографии ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад.

Проблемаи синну соли шахси ҷинояткор на танҳо объеки омузиши илми криминалогия мебошад. вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда дар адабиётҳои криминалистикӣ, психологи низ ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд.

Мувофиқи ақидаи Н.Ф. Кузнецова ва, В.В. Лунеева «илми имрӯзаи криминологӣ чор аломати тавсифкунандаи шахсияти ҷинояткорро пешбинӣ намудааст, ки якум иҷтимоӣ- демографӣ (ҷинс, синну сол, вазъи оилавӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ маълумотнокӣ, мансубияти миллӣ, намуди фаъолият, баромади иҷтимоӣ); дуюм нақши иҷтимоӣ (зуҳуроти субъект дар нақши аъзои оила, ҳамсар, ҳамсоя, узви ҳама гуна гурӯҳҳои иҷтимоӣ); ахлоқӣ-равонӣ (шахсӣ), аз ҷумла манфиатҳо, самтҳои арзишӣ, ниёзҳо, эътиқодҳо, ақидаҳо, интизориҳои ҳаёт ва ормонҳое, ки хусусияти ангезаи ҷиноятии ҷиноят, аз ҷумла гурӯҳҳои синну соли муайяни ҷинояткоронро муайян

мекунанд; ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки бо муқаррар намудани доғи судӣ, такрори ҷиноят, ретсидиви ҷиноятҳо ва ғайра вобаста аст» [70, с. 60], [163, с. 33-34].

Вобаста ба унсурҳои шахсияти ҷинояткор ақидаҳои гуногун мавҷуданд, ки яке аз олимони соҳаи илми криминалогия оиди масъалаи мазкуряке бар он ақида аст, ки «хусусиятҳои биофизиологӣ, ба монанди гендер, синну сол, вазъи саломатӣ, хусусиятҳои ҷисмониро алоҳида дар бар мегирад» [25, с. 17]. Дар таҳқиқоти илмии худ муаллиф чунин зерсохторҳоро асоснок намудааст, ки пешгирии бомуваффақияти ҷиноятҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки таваҷҷуҳ ба шахсияти ҷинояткор равона карда шавад, зеро маҳз шахсият сабабгори содир шудани ҷиноятҳо баромад мекунад [30, с. 8]. Ба андешаи В.Ю. Касимов ба нишонаҳои таҳлилнамудаи муаллифи болозикрро «дар илми криминологӣ таваҷҷуҳи кофӣ дода шуда, ба синну соли шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, дар ин маврид диққат дода нашудааст ва он яке аз масъалаҳои баҳсталаб дар имли криминология боқӣ мондааст» [30, с. 15].

Ба ақидаи равоншинос Л.С. Виготский «барои ҳар як давраи синну соли инкишоф «вазъияти иҷтимоии инкишоф», таносуби муайяни байни шароити муҳити иҷтимоӣ ва шароити дохилии ташаккули шахсият вуҷуд дорад» [44, с. 134-150]. Бо дигар шудани синну сол шахсият иваз меёбад. Равоншиносон тасдиқ намудаанд, ки меъёрҳои синну сол бо ин ё он аломат бояд дар ҳар 20 сол бо иваз кардани наслҳо баррасӣ шаванд. Пешниҳод намудани таносуби тарзи дигари синну соли миқдорӣ (хронологӣ) ва сифатӣ (иҷтимоъӣ-руҳонӣ) аз рӯйи таркиби дохилии онҳо (эҳсосот, рафтор, депрессия, изтироб, шизофрения ва ғайра) хеле душвор аст. Зеро, мазмун ва усулҳои муайян кардани хислатҳои гуногуни психологӣ бо баробари аз худ кардани дониш ва собиқаи муайян тағйир меёбад.

Дар доираи таҳқиқоти илмии анҷомдодааш Х.Ғ. Ҷалолов асоснок намуд, ки «категорияи синну сол ҳамчун як омили калидии иҷтимоӣ-демографӣ баромад мекунад, ки дар таҳлили криминологӣ нақши муҳим мебозад. Ба андешаи муҳаққиқ, синну сол на танҳо маълумоти биографии

шахсияти ҷинояткорро инъикос менамояд, балки инчунин нишондиҳандаи хусусиятҳои амиқи иҷтимоӣ-психологӣ мебошад, аз ҷумла хусусиятҳои ангеза, стратегияҳои рафтор ва дарки меъёрҳои ҳуқуқӣ. Олим қайд менамояд, ки гурӯҳҳои синнусолии гуногун дар майл ба намудҳои муайяни ҷинояткорӣ тағйирпазирӣ нишон медиҳанд, ки ин бо динамикаи нақшҳои иҷтимоӣ, сатҳи импулсивӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоӣ-фарҳангӣ вобаста аст. Ҳамин тавр, синну сол ҳам маълумоти объективии демографиро ва ҳам ҷанбаҳои субъективии рӯҳиро муттаҳид мекунад ва симои мураккаби ҷинояткорро дар заминаи алоқамандии ӯ бо ҷомеа ташаккул медиҳад» [161, с. 76].

Ба ақидаи криминологҳо «ғояи синну сол роҳи иҷтимоӣ-фарҳангии ба ҳам овардани намунаҳои фазоӣ-вақтии ҷаҳони ҷисмониро ба интишори ҳаёти инсон инъикос мекунад, ки ба ин категория имкон медиҳад, вазифаи умумии равониро иҷро кунад» [55, с. 150-169]. Гарчанде кӯдакӣ, калонсолӣ ва пирӣ анъанавӣ ҳамчун марҳилаҳои умумии ҳаёти инсон мебошанд, олимаи рус Н.А. Рибакова масъалаи гуногунҷабҳагии мафҳуми синну солро қайд менамояд. Ба эътиқоди ӯ, категорияҳои синну сол фақат ба расидан ё сустшавии биологии фард маҳдуд намешаванд. Онҳо ҳамчун сохтори мураккаби иҷтимоӣ баромад мекунанд, ки динамикаи муносибатҳоро дар ҷомеа, таъсири арзишҳои фарҳангӣ ва намунаҳои рафторро, ки ба марҳилаҳои муайяни ҳаёт хосанд, инъикос менамоянд. Рибакова қайд менамояд, ки ҳар як давраи синну сол таҳти таъсири меъёрҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Ба ин тартиб, синну сол на танҳо нишондиҳандаи рушди ҷисмонӣ, балки воситаи иҷтимоикунонӣ мегардад, ки муайян мекунад шахсият чӣ гуна бо муҳит муошират мекунад ва вобаста ба заминаи фарҳангӣ ва таърихӣ кадом стратегияи рафторро интихоб менамояд [85, с. 78-80]. «Аз ин рӯ, давраҳои синну сол ва ҳатто сарҳадҳои шартии он бояд аз ин ё он соҳаи иҷтимоӣ баррасӣ карда шаванд. Масалан, давраҳои синнусолӣ вуҷуд доранд, ки ба тағйирёбии нақшҳои иҷтимоӣ, мақом, меъёрҳои

рафтор, фаъолияти ҳаётии инсон ҳангоми ҳалли вазифаҳои муайян фарқ мекунанд – *ҷавонӣ* (аз ҷумла ҷавонтар аз синни қобили меҳнат), *камолот* (синни қобили меҳнат) ва *пиронсолӣ* (аз синни корӣ калонтар) асос ёфтааст» [163, с. 36].

Синну сол ҳамчун омили иҷтимоию демографӣ дар таҳлили шахсияти ҷинояткор на танҳо ҳолати ҷисмонӣ ва қобилияти шахсро барои амалҳои мақсаднок ва дигаргунсозанда муайян мекунад, балки ба тарзи рафтор, интихоби намуди ҷиноят ва хислату моҳияти шахсӣ низ таъсири назаррас мерасонад. «Дар марҳилаҳои гуногуни синнӣ, инсон воқеияти атроф, қоидаҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро ба тарзҳои мухталиф дарк ва қабул мекунад, ки ин метавонад дар ташаккули рафтори ҷиноятӣ нақш дошта бошад» [81, с. 32].

Ошкор кардани робитаи байни тамоюлҳои деструктивӣ, майлҳо ва ангезаҳои шахсӣ, ки фардро ба ҷинояткорӣ водор намудаанд. «Таҳқиқотчиён ба ин категория эҳтиёҷоти асосии инсонро, ки дар раванди амалӣ гардиданашон таҳриф ёфтаанд, шомил мекунанд: вобастагӣ ба моддаҳои психоактивӣ, нӯшокии шароб, тамокукашӣ, фасоди ҷинсӣ ва зуҳуроти монанд. Таҳлили сатҳи интиқодпазирии иҷтимоии шахс имконият медиҳад, ки шахсияти ҳуқуқвайронкунандаро аз нуқтаи назари тамоюлҳои дохилӣ, принсипҳои ахлоқӣ, афзалиятҳои ҳаётӣ ва хусусиятҳои равонии ӯ арзёбӣ намоем. Ҳамзамон, таҳқиқи шахсияти ба ҷиноят моил маънои худро гум мекунад, агар хусусиятҳои инфиродӣ ва равонии ӯ (равандҳои когнитивӣ, соҳаи эҳсосотӣ-иродӣ, акцентуатсияҳои характер, мавҷудияти бемориҳои рӯҳӣ ва дигар омилҳо) ҳамаҷониба омӯхта нашавад» [120, с. 108-114].

Яке аз қисми муҳими таҳлили илми криминалогия ин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи психалогияи шахсияти ҷинояткор мебошад, ки ин равиш на танҳо имкон медиҳад, ки омилҳое, ки ба пайдоиши ҷиноят сабаб шудаанд, муайян карда шаванд, балки механизмҳои амиқи ташаккули соҳаи ангезишии фард низ ошкор мегарданд. Охирин барои амалияи татбиқи

қонун аҳаммияти калидӣ дорад: тахсиси дурусти ангезаҳо на танҳо асоснокии ҷалб ба ҷавобгариро таъмин мекунад, балки робитаҳои низомии байни самтгирии арзишҳо, таҳрифоти шахсият ва шаклҳои мушаххаси рафтори девиантиро низ рӯшан месозад.

«Ду мафҳуми мустақили мафҳуми амиқ: равонӣ ва маънавию ахлоқӣ ҷудо карда мешавад. Баҳодиҳии ин ду мафҳум ба мо имкон медиҳад, ки шахсияти ҷинояткорро аз ҷониби «равонии беҳушӣ» ва ҷанбаи ахлоқию маънавии шахсияти ҷинояткор омӯзем».

Хусусияти асосии рӯйдоди психологии амиқ, ки дар соҳаҳои гуногуни илмӣ – аз криминология то илмҳои иҷтимоии ва клиникӣ – фаъолона истифода мешавад, равона шудани он ба таҳқиқи механизмҳои дохилӣ мебошад, ки дар асоси рафтори девиантӣ қарор доранд. «Бар хилофи тафсирҳои сатҳӣ, ки ҷинояткориро танҳо бо омилҳои беруни (масалан, нобаробариҳои иҷтимоии ё холигии ҳуқуқӣ) мепайванданд, ин роҳбарӣ диққатро ба таҳлили раванди рӯҳии пӯшида медиҳад». Гап дар бораи мотивҳои ноаён, таҷрибаи травматикӣ, ихтилофҳои эмотсионалӣ ва инчунин деформатсияҳои шахсият мебошад, ки таҳти таъсири фишорҳои психологӣ ё патологияҳои тӯлонӣ шакл мегиранд. Дар таҳқиқоти илмии З. Фрейд, К.Г. Юнг, А. Адлер, Л. Сзонди ва дигарон ба таҳлили самти шахсияти бешуур диққати калон дода шудааст [114, с. 144].

Ҳамчунин, шахсияти ҷинояткор аз нуқтаи назари фалсафӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ ба маънои: гуноҳ, ғараз, зӯроварӣ, хусумат ва ғайра фаҳмида мешавад.

Ба сифати хусусиятҳои **ахлоқӣ-равонӣ** инҳо баромад менамоянд. «Ин самт фаҳмиши асосии мафҳумҳои инфиродии неку бад, виҷдон ва вазифа, шаъну шарафро дар бар мегирад, зеро ин мафҳумҳо танзимгари асосии муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа мебошанд. Маҳз норасоиҳо дар фаҳмиши унсури ахлоқӣ-равонӣ метавонанд натиҷаи рафтори ҷиноятии шахс бошанд. Ин ҷиҳат барои омӯзиши илми криминология аҳаммияти калон дорад.

Инчунин, мавҷудияти нигилизми ҳуқуқии ҷинояткоронро низ қайд кардан бамаврид аст, зеро фаҳмиш ва мазмуни ҳуқуқии онҳо танҳо ба фаҳмиши муҷозоти (санксияи) меъёр кам буда, мавҷудияти ҷазои ҷиноятиро инкор мекунанд» [139, с. 47-48]. Аз ҳамин сабаб ҷинояткоронна ҳамеша нақш ва аҳаммияти қонунро дарк мекунанд. Чунон ки таҷриба нишон медиҳад, судшавандагон ҷазои таъинкардаи судро на ҳамеша мефаҳманд, гарчанде худи факти содир кардани кирдори ғайриқонунӣ инкор карда намешавад.

«Таҳқиқи сатҳи фаъолияти ҷинояткорӣ миёни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ бо асоси таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, аз қабили ҷинс, синну сол, ҳолати оилавӣ, сатҳи таҳсилот ва таъминоти моддӣ анҷом дода мешавад». Ин аломатҳо имкон медиҳанд чунин далелро муайян кунанд: гароиш ба содир кардани ҷиноятшо аксаран бо мансубият ба гурӯҳи муайяни ҷинсӣ, категорияи синну сол, бо вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии шахс робита дорад. Масалан, омор нишон медиҳад, ки мардони синни 18-35-сола бо сатҳи пасти даромад бештар ба амалҳои ҷиноятӣ ҷалб мешаванд, ки ин робитаи сохтори ҷомеа ва ҷиноятӣ шудани баъзе қишрҳои онро таъкид мекунад. Синну соли ҷинояткор нақши дугона мебозад. Аз як тараф, он ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ барои муайян кардани имконияти ҷалб ба ҷавобгарии ҷиноятӣ хизмат мекунад (масалан, ҳадди ақали синну соли болиғият). Аз тарафи дигар, марҳилаҳои ташаккули шахсиятро инъикос мекунад: дар ҷавонӣ рафторҳои импулсивӣ бар асари норасоии камолоти иҷтимоӣ зиёд ба назар мерасанд, дар ҳоле ки дар синни калонсолӣ ангезаҳои мантиқӣ ва ё намунаҳои устувори рафторӣ метавонанд дар ҷойи аввал қарор гиранд. Бо зиёд шудани синну сол на танҳо хусусиятҳои физиологӣ (ҷисмонӣ), ҳамчунин хусусиятҳои иҷтимоӣ (рӯҳӣ, психологӣ) низ тағйир меёбанд: сатҳи инкишофи рӯҳӣ, хирадмандӣ, афзунёбии дониш ва мутобиқат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ дигар мешаванд, ки ин бевосита ба рафтори ҷиноятӣ шахс таъсир мерасонад.

Таҳлили криминологӣ анъанавӣ диққатро ба нақши тарбия дар ташаккули шахсият равона мекунад, зеро маҳз ҳамин раванд асосҳои мавқеи иҷтимоии фардро мегузорад, равияҳои арзишӣ, афзалиятҳои ҳаётӣ ва намунаҳои ҳамкорӣ бо ҷамъиятро муайян месозад. Тибқи як қатор равияҳои назариявӣ, «сатҳи маърифати инсон мустақиман бо гароиши ӯ ба амалҳои ҷинояткорӣ иртибот дорад: сатҳи баланди маърифат ҳамчун омиле баррасӣ мешавад, ки хавфи ҷиноятпазириро коҳиш медиҳад» [81].

«Таҳлили тағйироти гуногун, ки он пеш аз ҳама ба синну соли ҷинояткор ва мутаносибан ба рафтори ҷинояткоронаи ӯ алоқамандaнд, бе омӯзиши таносуби гурӯҳҳои синну соли аҳолӣ дар маҷмуъ нопурра ва ғайриасоснок ба ҳисоб меравад, зеро ба хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии ҷинояткории синну соли гуногун тамоюли хеле хоси демографӣ таъсир мерасонад».

Тағйирёбии демографӣ нишон медиҳад, ки дар давоми зиёда аз даҳ соли охир дар ҷомеа, шумораи шахсони синни қобили меҳнат назар ба ноболиғон ва нафарони синни нафақа ба маротиб зиёдтар аст. Ин ҳолат, аз як тараф, имконияти рушди иқтисодиро фароҳам меорад, вале аз ҷониби дигар, метавонад сабаби афзоиши ҷинояткорӣ гардад. Зеро синни 18 то 40 – марҳилаи фаъоли иҷтимоӣ ва равонӣ буда, дар он эҳсосот, майл ба хатар ва эҳтиёҷи иқтисодӣ бештар зоҳир мегардад.

Муҳаққиқ В.О. Касимов ба хулоса омадааст, ки рафтори ғайриқонунӣ бештар барои як гурӯҳи одамони синну соли фаъоли меҳнатӣ хос аст [163, с. 36]. Мо низ ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем, зеро омори содиршавии ҷиноятҳо нишон медиҳад, ки дар аксари ҳолат ҷиноятҳо аз ҷониби шахсони қобили меҳнат содир карда шудааст. Омори расмӣ нишон медиҳад, ки ҳамасола баъзе ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин кам гардида, он дар 5 соли охир раванди пастшавиро доро мебошад. Камшавии умумии он дар соли 2018 аз ҳисоби ҷиноятҳо ба монанди савдои одамон, бандитизм, муомилоти ҷайриқонунии воситаҳои нашъадор, роҳзанӣ, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ҷоратгарӣ, қаллобӣ, муомилоти

ҷайриқонунии силоҳи оташфишон ва худсарона ишҷол намудани замин ба амал омадааст. Дар 7 соли охир ҷиноятҳои одамкушӣ ва сӯиқасд ба он 734 шумора содир шудаан: (2016 – 98, 2017 – 108, 2018 – 86, 2019 – 97, 2020 – 107, 2021 – 105, 2022 – 88, 9 моҳи 2023 – 45) адад, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 999 (2016 – 115, 2017 – 132, 2018 – 149, 2019 – 126, 2020 – 135, 2021 – 150, 2022 – 115, 9 моҳи 2023 – 77), таҷовуз ба номус 322 (2016 – 49, 2017 – 53, 2018 – 42, 2019 – 46, 2020 – 34, 2021 – 43, 2022 – 34, 9 моҳи 2023 – 21), савдои одамон 125 (2016 – 8, 2017 – 22, 2018 – 32, 2019 – 14, 2020 – 12, 2021 – 24, 2022 – 8, 9 моҳи 2023 – 5), роҳзанӣ 299 (2016 – 54, 2017 – 42, 2018 – 37, 2019 – 29, 2020 – 33, 2021 – 41, 2022 – 44, 9 моҳи 2023 – 19), ғоратгарӣ 1101 (2016 – 159, 2017 – 159, 2018 – 171, 2019 – 144, 2020 – 161, 2021 – 111, 2022 – 111, 9 моҳи 2023 – 85), қаллобӣ 19749 (2016 – 3536, 2017 – 2677, 2018 – 3161, 2019 – 2812, 2020 – 2866, 2021 – 1900, 2022 – 1806, 9 моҳи 2023 – 991), ғайриқонунӣ соҳиб шудан ва нигоҳ доштани силоҳ 439 (2016 – 172, 2017 – 84, 2018 – 77, 2019 – 28, 2020 – 44, 2021 – 13, 2022 – 5, 9 моҳи 2023 – 16), авбошӣ 10585 (2016 – 1121, 2017 – 1231, 2018 – 1090, 2019 – 1152, 2020 – 1325, 2021 – 1745, 2022 – 1416, 9 моҳи 2023 – 1505) ва муомилоти ҷайриқонунии воситаҳои нашъаовар 5215 (2016 – 820, 2017 – 738, 2018 – 668, 2019 – 508, 2020 – 602, 2021 – 785, 2022 – 616, 9 моҳи 2023 – 478) адад ба қайд гирифта шудааст, ки кушодашавии онҳо аз то 85,2 фоизро ташкил медиҳад [14].

Омори мазкур нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои зикргардида танҳо аз ҷониби шахсони қобили меҳнат содир шуданашон мумкин мебошад ва бодарназардоти зиёд шудани қойҳои кори сатҳи пастравии онҳо ба назар мерасад.

Ҷиноятҳо аз ҷониби занон аксар вақт аз ҷониби ҷавондухтарони аз 15 то 30 сола, ки маълумоти олӣ надоранд, содир карда мешаванд. Тавре таҷриба нишон медиҳад, аксар вақт ҳомиладории бармаҳал ва/ё номатлуб ба вуҷуд меояд ва ин боиси аз ҷониби модар маҳрум кардани ҳаёти кӯдакони худ мегардад [161, с. 43].

Ҳисоботи омории сатҳи содиршавии ҷиноятҳо нишон медиҳад, ки содиршавии ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ба назар мерасад. Дар нуҳ моҳи соли 2023 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 11 525 адад ҷиноятҳо содир карда шудааст, аз ҷониби ноболиғон 475 адад (4,2%), ҷавонон – 3367 адад (29,21%), калонсолон 5747 адад (49,81%) ва пиронсолон – 1936 адад (16,79%) (*Ҳисоботи расмӣ аз ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дархости муаллиф.)* мебошанд. (ба ҳисоби умумӣ – 100 %)

Тамоюли инкишофи ҷинояткории наврасон аз синни 16 оғоз меёбад. Зеро ин давра давраи гузариш аст. Ба воситаи ҷинояткорӣ маҳз наврасон мавқеи худро дар ҷомеа ёфтанӣ мешаванд. Онҳо мехоҳанд тавассути ҷинояткорӣ таваҷҷуҳи ҷамъиятро ба худ ҷалб намоянд. Дар оилаи солим ба фарзанд аз тарафи волидайн барои ёфтани мавқеъ дар ҷамъият бисёр саҳм гузошта мешавад. Онҳо аз лиҳози ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ кумак мерасонанд. Дар баробари ин, мутассифона оилаҳое ҳастанд, ки таваҷҷуҳи худро бештар ба фарзанд равона намекунанд [185].

Дар таҷриба ҳолатҳое вуҷуд дорад, ки кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ аз ҷониби шахсоне содир карда мешавад, ки ба синну соли ҷавобгарии ҳуқуқӣ нарасидаанд.

Дар адабиётҳои илмӣ-ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки «дар бораи зарурати ба назар гирифтани маҳдудияти синну сол ҳангоми омӯзиши маҳкумшудагон навишта, гурӯҳҳои синну соли зеринро пешниҳод мекунад: 14-15 сола, 16-17 сола, 18-19 сола, 20-24 сола, 25-29-сола, 30-39-сола, 40-49-сола, 50-54-сола, 55-59-сола, 60-сола ва болотар» [93, с. 207].

Таҳқиқоти А.В. Микляева нишон медиҳад, ки «сохтори синнусолии ҷомеа дар намояндагиҳои иҷтимоӣ аз ҷониби чор гурӯҳи синну сол: кӯдакон, наврасон, калонсолон ва гурӯҳи пиронсолон инъикос меёбад. Ба ҳисоби миёна маҳдудиятҳои синну соле, ки субъектҳо барои ин гурӯҳҳои синнусолӣ пешниҳод кардаанд, нишон дод, ки дар тафаккури оддӣ кӯдакӣ тақрибан дар 12-солагӣ ба охир мерасад ва наврасӣ, ки то 20 солагӣ давом мекунад, иваз мешавад. Пас аз он давраи балоғат оғоз мешавад, ки дар

синни 60-солагӣ ба пирӣ иваз мешавад». А.В. Микляева хулоса мекунад, ки «нишонаҳои иҷтимоии марбут ба тағйироти синнусолӣ дар сохтори демографии ҷамъият дорои аҳаммияти бузург мебошанд. Ин тағйирот ба намояндагии иҷтимоӣ ва нақши иҷтимоии шахс дар ҷомеа таъсири бевосита мерасонанд» [86, с. 55-60].

Дар асарҳои олимони рус оварда шудааст, ки синну соли ҷинояткорон дар маҷмӯъ аз 14 то 60 солагиро фаро мегирад [163, с. 41-42].

Омилҳои демографии синну соли ҷинояткорон, пеш аз ҳама бо буҳрони синну солии онҳо алоқамандӣ дорад. Таҳти мафҳуми буҳрони синнусолӣ – ин давраҳои муҳимест, ки организм ба омилҳои муайяни беруна ё дохилӣ хеле ҳассос аст. Маҳз ҳамин давраҳо барои муайян кардани дараҷаи таъсири синну сол ба хосиятҳо ва сифатҳои гуногуни шахсияти ҷинояткор таваҷҷуҳи бештар доранд [184].

Б.Г. Ананиев бошад «...давраи наврасӣ (13-16-писарон, 12-15 – духтарон); ҷавонон (17-21 – мардон, 16-20 – занон); давраи якуми камолот (22-35 – мардон, 21-35 – занон)-ро ҷудо намудааст» [87, с. 7-8]. Яъне, Б.Г. Ананиев синни аввали ба камол расиданро то 35 сол дароз кардааст. Н.А. Неклюдов дар асари худ «Синну сол ва ҷиноят» чунин даврабандиро пешниҳод намудааст: «ҷавонон (синну соли 16-21) ва алоҳида ҷавонон (21-35) сола» [204].

Мутобиқи талаботи қонунгузорӣ бошад масъалаи даврабандии синну сол гуногун арзёбӣ гардидааст. Чунончӣ, тибқи талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» [3] ҷавонон-шахсони синни аз 14 то 30-сола мебошанд. Аммо тибқи талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» [4]. кӯдак – шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст.

Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ меъёрҳои синну солро расман аз нав муқаррар намудааст: «...ҳудуди ҷавонон аз ҳисоби зиёд шудани давомнокии умри аҳолӣ дар маҷмуъ то 44 сол дароз карда шудааст» [189].

А.И. Морозов бошад «се равиши принсипии гуногунро барои муайян кардани ҳудуди синну соли ҷавонон муайян кардааст:

– ҷавонон ҳамчун насл – аз таваллуд то 30 (25, 27, 31, 35)- сола;

– ҷавонон ҳамчун гурӯҳи синну соли ҷавонон, берун аз синну соли ноболиғӣ – аз 18 то 30 (25, 27, 31, 35)-сола;

– ҷавонон ҳамчун нимнасл, ки бо сарҳади худ ноболиғони калонсол (синну соли ҷавонӣ) ва ҷавонон, яъне аз 14 (12,13,15) то 30 (25, 27, 31, 35)-соларо дар бар мегирад» [87, с. 27].

Аз сабаби он ки доираи синну соли ҷавонӣ васеъ аст ва дар ин фосила давраҳои синнусолӣ вуҷуд дошта, хусусияти хоси худро доранд, Касимов В.О. чунин гурӯҳҳои ҷинояткорони ҷавонро пешниҳод намудааст: 18-21, 22-29, 30-35 сола [163, с. 45].

Хулосаи пешниҳодшуда асоснок ва шоистаи таваҷҷӯҳ ба назар мерасад, аммо бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи воқеиятҳои замони муосир, мо мувофиқ мешуморем, ки синну соли ҷинояткорони ҷавонро бознигарӣ намоем. Асоси таснифи мо «ҳамгироии омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда (синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ, хусусиятҳои ҷазо барои ноболиғон), инчунин заминаи фарҳангӣ- таърихӣ (анъанаҳои иҷтимоӣ, намунаҳои оилавӣ) мебошад, ки метавон чунин гурӯҳбандии ҷинояткорони ҷавонро пешниҳод намуд: 14-18-сола, 18-25 сола, 25-38 ва 38-45-сола».

Тавре дар боло зикр карда шуд, даврабандии мазкур бо дарназардошти давраҳои буҳрони синнусолӣ асоснок карда мешаванд, ки дар ҳар як давра вобаста ба омилҳои муайян буҳрони синнусолӣ вуҷуд дорад. Бинобар ин, зарур шуморидем, ки буҳрони синну солиро ҳамчун омили муайянкунандаи ангезаи ҷиноят баррасӣ намоем.

Имрӯз дар илми психология дар бораи буҳронҳои синну солӣ, мавқеъ ва нақши онҳо дар рушди инсон ақида ягона вуҷуд надорад. Андешаҳои олимон мухолиф буда, баъзеҳо бар ин назаранд, ки рушд созгор аст ва буҳронҳоро натиҷаи тарбияи нодуруст медонанд [44, с. 134-150]. Бархеи

дигар бар он назаранд, ки буҳронҳои синнусолӣ табиист ва шахсе, ки буҳронро пурра надида бошад, минбаъд инкишоф намеёбад [85, с. 55-60].

Таъсири буҳронҳои вобаста ба синну сол маҳз дар марҳилаи муайяни рушд оқибатҳои муҳимтарин ва бебозгашт дорад, ки дар ташаккули шахсияти ояндаи ҷинояткори ҳам ҷинси мард ва ҳам ҷинси зан нақши муҳим доранд. Д. Левинсон синну соли шахсро аз тафовутҳои гендерӣ таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки ҳам занон ва ҳам мардон модели афзоиши умумӣ доранд [201]. Ҳар ду ҷинс тақрибан дар синни 30-солагӣ гузариши ҷиддиро аз сар мегузаронанд, вақте ки ҳадафҳо ва тарзи зиндагӣ аз нав муайян карда мешаванд, шубҳа ва норозигӣ доранд. Давраҳои ҳаёти одамон, тибқи назарияи ӯ, ба синну соли хронологӣ асос ёфтааст. Мушкилоти рушд, ки дар ин марҳилаҳо дучор мешаванд, муайян кардани хоб, пайдо кардани мураббӣ, рушди касб ва барқарор кардани муносибатҳои наздикро дар бар мегиранд. Барои занон назар ба синну соли хронологӣ марҳилаҳои давраи оиларо баррасӣ кардан мувофиқтар аст [67, с. 478].

Бо дарназардошти таҳқиқи адабиёти ҳуқуқӣ чунин нақшаи инкишофи буҳронҳои синну солиро пешниҳод кардан мумкин аст:



**___ мардҳо_____занҳо**

Зуҳуроти манфӣ бештар дар давраи гузариш аз кӯдакӣ ба синни балоғат ба мушоҳида мерасад. Ин марҳилаи синнусолӣ бо дигаргуниҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ тавъам буда, хислатҳои шахсият ҳанӯз пурра ташаккул наёфтаанд. Маҳз дар ҳамин давра эҳсоси худшиносӣ, ниёзи

бештар ба истиқлолият ва майл ба таҷрибаандӯзӣ шиддат мегирад, ки дар сурати набудани назорати кофӣ аз ҷониби волидайн ва ҷомеа, метавонад боиси рафтори девиантӣ ё ҳатто ҷинояткорона гардад. Омӯзиши хусусиятҳои ҷинсиву синнусолии шахсияти ҷинояткор имкон дод, ки аломатҳои зерини ҷинояткорон муайян карда шаванд. Ҳамин тариқ, «ҳам дар мардон ва ҳам дар занон, як тамоюли фаъолияти рафтори ҷиноятӣ дар солҳои муайяни ҳаёти онҳо мушоҳида мешавад. Аммо занони синнашон 50-сола, ки шумораи бештари ҷиноятҳои содиркардаи онҳоро ташкил медоданд, аз тамоюли умумӣ хеле дур мондаанд» [163, с. 45].

Ҷинояткорӣ аз ҳисоби занон бо суръати баланд афзоиш ёфта истодааст, ки таҳқиқотҳои гузаронида шудаи илмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи ҷинояткорӣ дар солҳои охир аз ҷониби занон дар баъзе ҳолатҳо нисбат ба мардҳо зиёдтар мебошад. Агар авҷи рафторҳои ҷинояткорона дар байни мардон ба синни тақрибан 20-солагӣ рост ояд, пас дар байни занон ин нуқтаи авҷ одатан ба синни 25-26-солагӣ мувофиқат мекунад. Ин фарқият метавонад ба хусусиятҳои биологӣ, равонӣ ва иҷтимоии ду ҷинс вобастагӣ дошта бошад. Ин падида метавонад бо омилҳои иҷтимой-биологӣ алоқаманд бошад: масалан, дар миёнаи даҳсолаи сеюми ҳаёт занон аксаран бо фишори иқтисодӣ, бӯҳронҳои рӯҳӣ (психологӣ) ё тағйир ёфтани нақшҳои иҷтимоӣ рӯбарӯ мешаванд, ки ин метавонад хатари дар ҷиноят ҷалб шуданро афзоиш диҳад. Илова бар ин, таҳлили хусусиятҳои демографии ҷинояткорон як тамоюли умумиро нишон медиҳад: аксарияти онҳо, новобаста аз ҷинсият, ба гурӯҳи ҷавонон ва калонсолони ҷавон (то синни 39-солагӣ) тааллуқ доранд. Ҷолиб аст, ки дар ин гурӯҳ асосан шахсоне ҳукмфармо мебошанд, ки оиладор нестанд (муҷаррад мебошанд). Ин далел бо назарияҳои криминология, ба монанди консепсияи назорати иҷтимоӣ, мутобиқат мекунад, ки тибқи он робитаҳои оилавӣ эҳтимолияти рафтори девиантиро коҳиш медиҳанд ва механизмҳои боздорандаи расмӣ ва ғайрирасмиро таъмин менамоянд. Набудани уҳдадориҳои издивоҷӣ бошад,

метавонад робитаҳои иҷтимоиро заиф сохта, осебпазириро ба кирдорҳои ҷиноятӣ бештар кунад. «Шахсони оиладор бештар аз 40 то 47-сола ҷиноят содир кардаанд. Шумораи зиёди шахсони оилаашон барҳамхурда ба ҷинояткорони ҷавон, инчунин ҷинояткорони давраи камолоти миёна ва дер рост омадааст. Аксари ҷиноятҳои аз ҷониби занҳои аз оилаашон ҷудо шуда содиршуда дар синни миёна ва охири балоғат (48-55 сола) содир шудаанд».

«Дараҷаи маъдумот нақши калидӣ дар ташаккули намунаҳои рафтор, арзишҳо, муҳити иҷтимоӣ ва стратегияҳои расидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва касбиро дорад. Таҳлили маълумоти илмӣ робитаи возеҳеро миёни дараҷаи маълумот ва тамоил ба амалҳои ҷинояткорӣ нишон медиҳад: дар миёни шахсоне, ки ҷиноят содир мекунанд, ҳиссаи соҳибони маълумоти олии касбӣ ва миёнаи махсус ба таври назаррас камтар аст нисбат ба гурӯҳи шаҳрвандони қонунгузориро риоя мекунанд». Ин падидаро метавон бо якчанд омил тавзеҳ дод. Аввалан, дараҷаи маълумот дастрасиро ба захираҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ васеъ мекунад ва вобастагиро аз нақшаҳои ҷиноятӣ ҳамчун воситаи қонеъ кардани ниёзҳо коҳиш медиҳад. Сониян, раванди таълим тафаккури интиқодӣ, қобилияти банақшагирии дарозмуддат ва арзёбии оқибати амалҳоро инкишоф медиҳад, ки рафтори импулсивиро коҳиш медиҳад. Сеюм, тахассуси баланд имкониятҳоро барои худшиносии қонунӣ мекушояд ва иртиботи устуворро бо ҷомеа ва меъёрҳои он ба вуҷуд меорад. Тибқи омор, миёни онҳо бештар соҳибони таҳсилоти миёнаи махсус мебошанд, бахусус бо ихтисоси техникӣ. Ин тамоюл ҳатто дар байни онҳое, ки бори аввал дар синни калонтар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, нигоҳ дошта мешавад, ки метавонад ба робитаи байни иҷтимоисозии касбӣ, дастрасӣ ба захираҳо ва рафтори ҷиноятӣ ишора кунад.

Ғайр аз ин, таҳқиқоти криминологӣ хусусиятҳои синнусолии дараҷаи маълумотро низ фарқ мекунад. Агар барои аҳолии умумии ҷинояткорон алоқаи байни синну соли ҷавонӣ ва сатҳи пасти дараҷаи маълумот хос

бошад, пас дар гурӯҳи синнашон аз 58-сола боло як намунаи махсус мушоҳида мегардад: дар ин ҷо ҳиссаи зиёди афродеро ташкил медиҳанд, ки таҳсилоти миёнаи нопурра доранд. Ин хусусият, эҳтимолан, асосҳои таърихиву иҷтимоиро инъикос мекунад – бисёре аз намояндагони ин қишри синнусолӣ дар замоне таҳсил мекарданд, ки идомаи таҳсил бар асари монеаҳои иқтисодӣ ё институсионалӣ маҳдуд буд. Дар байни ҷинояткорон камтар аз ҳама шахсони дорои маълумоти олӣ мебошанд, ба истисноӣ ашхоси дар синни барвақт ба камол расидан (40-45 сола) [163, с. 47].

Бо вуҷуди он ки дар соли 2021, 2022 ва нуҳмоҳаи соли 2023 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 43 981 адад ҷиноятҳо дар маҷмуъ ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, мо бо мақсади таҳлили ҳолати маълумотнокии шахсони ҷиноятдоиркарда, ҳукмҳои судӣ нисбат ба 100 нафар мавриди муҳокимаронӣ қарор дода шуд.

Мо низ бо дарназардошти аҳаммияти махсус доштани синну соли ҷинояткор барои коркарди механизмҳои пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ тақдиқотҳои криминологӣ гузаронидем, ки доир ба ҷинояти содирнамудаи шахсон 100 ҳукми эътибори қонунӣ доштаи судҳо таҳлил карда шуд, ки чунин тамоюли содир гардидани ҷиноятҳо вобаста ба маълумотнокии шахсони ҷиноятткор ба назар мерасад:

1. Шумораи ҷиноятҳои содиргардида:100 нафар:

1.1. Аз ҷониби шахсони дорои таҳсилоти миёнаи нопурра 13 адад ё 13%;

1.2. Аз ҷониби шахсони дорои таҳсилоти миёна 46 адад ё 46%;

1.3. Аз ҷониби шахсони дорои таҳсилоти миёнаи махсус 5 адад ё 5%;

1.4. Аз ҷониби шахсони дорои таҳсилоти олии нопурра 2 адад ё 2 %;

1.5. Аз ҷониби шахсони дорои таҳсилоти олии касбӣ 34 адад ё 34 %

«Муносибати байни синну соли ҷиноятткор ва хусусияти минтақавӣ (ҳудудӣ) ва хусусиятҳои таркиби демографии аҳолӣ ҷолиб аст. Дараҷаи пасттар будани синну соли ҷиноятткорон ва дар айни замон паҳншавии

ҷиноятҳои зӯроварӣ нисбат ба шахс дар минтақаҳои ҳудуди (ҳудудҳои наве, ки дар онҳо шаҳрҳо ба наздикӣ сохта шудаанд, минтақаҳои нави рушди саноат ба вуҷуд меоянд), ки синну соли миёнаи аҳолӣ назар ба тамоми мамлакат кам аст. Дар баробари ин, барои ҳудудҳое, ки марказҳои таълимӣ ё илмӣ мебошанд, ин падида камтар маъмул аст. Дар баъзе минтақаҳо, баъзе гурӯҳҳои синнусолӣ вазъи криминогениро дар маҷмуъ муайян мекунанд. Аз ноболиғон тахминан аз се як нафар кирдори ғайриқонунӣ содир мекунанд. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда аксарияти ҷинояткорони синну солашон гуногун дар шаҳрҳо ё шаҳракҳо зиндагӣ мекунанд».

Чунон ки И.С. Кон қайд мекунад, «байни синну сол ва имкониятҳои иҷтимоии шахс робита вуҷуд дорад. Синну соли хронологӣ сатҳи инкишофи фард, ки вай тахмин мекунад, бевосита ё бавосита мавқеи ичтимоии ӯ, хислати фаъолият ва доираи нақшҳои иҷтимоиро муайян мекунад» [65, с. 7].

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда, ба сифати хусусиятҳои демографии шахсияти ҷинояткор , ба маълумоти мутахассисони соҳаи тиб, психалогия, демография пешниҳод менамоям,ки синну соли шахсияти ҷинояткор дарназардошти хусусиятҳояшон ба чунин гурӯҳо ҷудо карда шавад:

Ҷадвали №1

| Синну сол | Давраи инкишофи синну солии шахсият | Категорияи васеъшудаи ҷинояткор бо дарназардошти синну соли ӯ |
|---|---|---|
| ҶАВОНОН | | |
| 14-16-сола | Ноболиғии давраи якум | Ҷинояткорони гурӯҳи ноболиғ ва ҷавонон (14-35 сола) |
| 16-18-сола | Ноболиғии давраи дуюм | |
| 18-21-сола | Гурӯҳи ҷавонони наврас | |
| 21-27-сола | Гурӯҳи ҷавонони миёна | |
| 27-35-сола | Гурӯҳи ҷавонони калон | |
| КАЛОНСОЛОН | | |
| 35-40-сола | Давраи калонсолии якум | Ҷинояткорони гурӯҳи |
| 40-50-сола | Давраи калонсолии дуюм | |

<table>
<tr><td>50-63-сола</td><td>Давраи калонсолии сеюм</td><td>калонсолон (35 -63 сола)</td></tr>
<tr><td colspan="3">ПИРОСОЛОН</td></tr>
<tr><td>63-70-сола</td><td>Давраи пиронсолии якум</td><td rowspan="3">Ҷинояткорони гурӯҳи пиронсолон (аз 63-сола боло)</td></tr>
<tr><td>70-80-сола</td><td>Давраи пиронсолии дуюм</td></tr>
<tr><td>аз 80 боло</td><td>Давраи дарозумри</td></tr>
</table>

Зимни коркарди илмии масъалаҳои дар наздамон гузошташуда тасмим гирифтем, ки масъалазои зеринро пурра таҳлил намоем:

– синну соле, ки мо муаяйн, кардаем бештар кадом хусусиятҳои шахсият дида мешавад;

– бартарияти ангезаи ҷиноят, дар синну соли гуногун дар таркиби рафтори ҷиноятии шахс;

– бо дарназардошти синну сол барои ҷинояткор кадом (манфиатҳо бештар қонеъ мешаванд, чӣ ба ӯ шодӣ ва чӣ ғаму андуҳи амиқ меорад) эҳтиёҷот хос буда, ҷинояткор бо кадом роҳҳо онҳоро конеъ гардонад;

– синну сол бо вазъияте, ки ин ё он рафтори ғайриқонунии шахсро ба амал меоварад, чӣ тавр алоқаманд аст.

Қобили зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидашудаи илмӣ нишон медиҳад, ки синну сол ҳамчун омили асосии муаяйн кунандаи шахсияти ҷинояткор ва ошкор кардани ҷиноятро дар бар мегирад. *Дар маркази таваҷҷуҳи ин – омӯзиши робитаи байни хусусиятҳои синну сол, сохтори шахсияти ҷинояткор ва хусусиятҳои фаъолияти ҷиноятӣ дар гурӯҳҳои синнусолии гуногун қарор дорад. Ин на танҳо имкон медиҳад, ки намунаҳои рафторӣ ва равонии устувор, ки барои марҳилаҳои муайяни синнусолӣ хосанд, ошкор карда шаванд, балки инчунин постулатҳо ва боварҳои устуворшудаи илми криминологиро аз нав ва ба таври интиқодӣ баррасӣ намояд.*

Ҷойи махсусро дар таҳқиқоти криминологӣ таҳлили шахсияти ҷинояткори ноболиғ ишғол мекунад, вале ин таваҷҷӯҳ дар маҷмӯъ дар адабиёти илмӣ камтар ба назар мерасад. Бо вуҷуди аҳаммияти омӯзиши ҷинояткорӣ миёни наврасон, ин гурӯҳ дар муқоиса бо категорияҳои сини калонтар дар ҷинояткорон, ҳам аз рӯйи таъсир нахусти онҳо ба вазъияти

криминогении ҷамъият, ҳам аз рӯйи ҳаҷми зараре, ки ба ҷомеа мерасонанд, камтар аст. Ҳуқуқвайронкуниҳои калонсолон қисми асосии кирдорҳои ғайриқонунӣ ва ҷиноятӣ мебошанд, ва шиддати ҷиноятҳои онҳо, такроршавии онҳо ва ҳаҷми натиҷаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо хатароти систематикӣ барои амниятро ба вуҷуд меоранд. Ин, албатта, таваҷҷӯҳи пизишкон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба объектҳои зарурии бештар равона мекунад. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти анҷомшуда қонунҳои асосиро муайян кард: ишкастҳои аввалаи рушд ё фарсондаҳои шахсиятӣ дар ҷинояткорони оянда алреҳ 14-15 сола ба вуҷуд меоянд. Ба гурӯҳи синну соли мазкур хос аст маргинализатсияи пайвандҳои иҷтимоӣ (мардудият ё пурра набудани муносибатҳои созанда бо хонавода, мактаб, ҷомеа), камбуди фаъолият дар таҳсилот, меҳнат ё эҷодкорӣ, инчунин муҳити рафтори агрессивӣ ва истеъмолкунанда. Ин омилҳо на танҳо асосҳои таҷрибаи аввалини ҳуқуқвайронкунӣ таъсис медиҳанд, балки ба таври мустақим дар хусусияти ҷиноятҳои ҷинояткорон дар синну соли наврасӣ ё шиддати корҳои гурӯҳии хоссахо ва ҳамлаҳои нажодистеъфо дар сати гурӯҳ дар майдон мебошанд, ки ин зарурати иҷрои монеъи пешазизии шахсӣ ва таҳрир ва шориданро ишора мекунад. «Дар сурати мавҷуд набудани шароити муътадил, ки дар он шахсият бояд ташаккул ва инкишоф ёбад, ҳар як давраи синну сол ба як навъ дар роҳи ташаккули ҷинояткори комилан тайёри то синни 18-солагӣ бо эътиқод ва муносибатҳои устувори ҷиноятии худ мубаддал мегардад. Бо гузаронидани таҳқиқоти криминологӣ маълум, ки барои маҳкумшудагон аз 14 то 17-сола чизи аз ҳама муҳим дар ҳаёт будани оилаи обод ва шароитҳои муътадили молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷиноятҳои занона аксар вақт аз ҷониби ҷавондухтарони синни аз 15 то 30-сола, ки маълумоти олӣ надоранд, содир карда мешаванд» [161, с. 43].

Вобаста ба таҳқиқотҳои гузаронидашуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки аксари вақт ҷиноят аз ҷониби шахсоне содир мешавад, ки дорои омилҳои криминогенӣ мебошанд: масъалан (нашъамандӣ ё ин ки

волидонашон нашъаманд, майзадагӣ ё ин ки волидонашон майзада мебошанд) ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Майзадагӣ як мушкили хеле ҷиддӣ дар сатҳи иҷтимоӣ, тиббӣ ва равонӣ мебошад, ки он ҳам занон ва ҳам мардонро фаро мегирад. Мувофиқи маълумоти Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ), мардон нисбат ба занон то се нафар зиёдтар вобастагии майзадагӣ доранд. Ғайр аз оқибатҳои ҷиддие, ки нӯшокиҳои спиртӣ дар ҳаёти мо, дар зеҳни мо ва дар организм мавҷуданд, ба таври васеъ эътироф карда шудааст, ки дар он бемориҳои ҳамҷоя зиёданд [192]. Имруз шумораи майзадаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд шуда истодааст, ки дар соли 2023 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 6055 нафар майзада истиқомат мекунанд, ки аз он 6055 адади онҳо дар қайди муассисаҳо тандурустӣ буда, мунтазам ба ташхису табобат фаро гирифта мешаванд. Аз ин шумора 690 нафари майзадаҳоро ноболиғон ва ҷавонони 18-30-сола ташкил медиҳад.

Дар шароити зиёд шудани майзадагии аҳолӣ шумораи ҷиноятҳои содиршуда дар ин ҳолат низ зиёд шудааст.

Бархе аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки хусусиятҳои равонии ҷавонони аз 18 то 24-сола ба ноболиғон хеле монанд аст [143, с. 17-20].

В.О. Касимов ақидаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба хулоса омадааст, ки ҳолатҳои умумии хусусиятҳои психологии ҷавонони аз 18 то 24-сола ба ноболиғон монанд мебошанд [163, с. 51-52]. Барои шахсоне, ки дар синни калонсолтар ба анҷом расидани иҷтимоӣ, яъне азхудкунии вазифаҳои касбӣ, оилавӣ ва фарҳангӣ вуҷуд дорад [65, с. 65]. К.Е. Игошев ва Г.М. Минковский низ дар бораи якхела будани хусусиятҳои баррасишаванда ва кирдорҳои ҷинояткорони ин синну солро дар асарҳои худ таъкид намудаанд [59, с. 69].

Наздик будани ҳудуди синну соли ноболиғон ва ҷавонон бо якхела будани хусусиятҳои физиологӣ ва равонии шахсияти ҷинояткорони ин гурӯҳҳо муайян карда мешавад. Ба андешаи Касимов В.О. орзую хоҳишҳои

дар боло зикршуда, ки дар наболиғон ба вуҷуд меоянд, бештар дар синни 22-29-солагӣ зоҳир мешаванд. Муаллиф илова намудааст, ки дар ҷинояткорони 22-29-сола бар хилофи синну соли қаблӣ фарқиятҳо на танҳо дар дарк ва муносибат ба воқеияти атроф, балки дар хусусият ва намудҳои ҷиноятҳои содиршуда низ ошкор мешаванд [163, с. 51-52].

Гурӯҳҳои синну соли гуногун одатҳои гуногун доранд. Дар ин ҳолат сухан дар бораи одаткунӣ меравад. Аксар вақт ҳатто пас аз бартараф кардани омилҳои сабабӣ, ки боиси рушди он шудаанд, одаткунӣ боқӣ мемонад.

Таҳқиқоти ҷинояткорон нишон медиҳад, ки бо мурури синну сол муътадилшавии одатҳо, хусусан одатҳои зарарнок ба амал меояд, яъне одатҳои одамони синну соли баркамол амалан тағйир намеёбанд ва ибтидои ин раванд аз 30-35 солагӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан одатҳои манфӣ (тамокукашӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ ва ғ.) реша мегиранд.

Яке аз ҷузъҳои муҳимми қувваи пешбарандаи ҷинояткорон ҳавасмандкунӣ мебошад, ки дар як вақт якчанд вазифаҳоро иҷро мекунад: рафторро ташвиқ мекунад; ба он роҳбарӣ ва ташкил мекунад; ба он хусусият ва аҳаммияти шахсӣ медиҳад [60, с. 327]. Аҳаммияти вазифаҳои ҳавасмандкунӣ дар марҳилаҳои гуногуни синну соли ташаккулёбии шахсият бо тарзҳои гуногун зоҳир мешавад: дар ҳар синну сол идеалҳо ва самтҳои арзишӣ, ниёзҳо, ҳадафҳо, манфиатҳо хусусиятҳои худро доранд [109, с. 23].

Муқаррар карда шудааст, ки як навъ ҷиноята, ки аз ҷониби шахсони синну соли гуногун содир карда мешаванд, мақсадҳои гуногун доранд. Содир намудани баъзе ҷиноятҳо ба монанди дуздии, ғоратгарӣ, ҳамлаи хиёнаткорона, амалҳои вандализм ва дигар амалҳо, аксар вақт бо хоҳиши ҷавонон барои баланд бардоштани мақоми иҷтимоии худ дар гурӯҳи «обрӯманд» алоқаманд аст. Дар муҳити наврасон ва ҷавонон, чунин амалҳо метавонанд ҳамчун роҳи исбот кардани афзалият, нишон додани ҷасорат ё вафо ба меъёрҳои ҷиноии гурӯҳ қабул шаванд. Талош барои ишғол кардани

мавқеи муҳим дар низоми гурӯҳӣ баъзан шахсонро ба кӯшиши ошкоро шикастани қонун маҷбур мекунад, ки ин хосияти хоси ҷомеаҳои маргинализашударо нишон медиҳад, ки дар он мутахассиси ҷиноӣ шаклҳои анъанавии шенасоии иҷтимоиро иваз мекунад. Ҷиноятҳои мазкур аз ҷониби шахсони калонсол мумкин аст бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт содир карда шавад. Амалҳои зӯроварона аксар вақт барои нишон додани худ, барои қасос гирифтан аз ҷабрдида, ҳасад ва рашк содир шуда бошад. Чунин ангезаҳо барои ҷинояткорони ҷавон хеле хос аст, аммо онҳо пас аз 40 сол низ ба вуҷуд меоянд.

Таҳқиқотҳои криминологӣ ҳамеша ба фарқияти асосӣ байни онҳое, ки рафтори девиантӣ доранд, ва онҳое, ки қонунро риоя мекунанд, ишора мекунанд: интернализатсияи заифи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ. Барои аксари аъзои ҷомеа, ин меъёрҳо самтҳои дохилиеро ба вуҷуд меоранд, ки рафтори онҳоро муайян мекунанд, дар ҳоле ки барои касоне, ки ба амалҳои ғайриқонунӣ майл доранд, ин меъёрҳо ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонбинии онҳо намешаванд. Ҷинояткорон шахсоне мебошанд, ки хислатӣ (худпарастӣ) доранд ва танҳо ба манфиати худ фаъолият мекунанд. Ҳатто дар намекунанд, ки ҷамъият аз онҳо чӣ талаб мекунад. Вобаста ба адабиётҳои илмӣ муаяйн шудааст, ки меъёрҳои ахлоқии инсон дар синну солӣ аз 14-16 солагӣ ба пуррагӣ инкишоф меёбад. Ин ҳолатро қонунгузории ҷиноятӣ ба инобат гирифта, ҷавобгарии ҷиноятиро аз синни 16-солагӣ муқаррар намудааст, ба истиснои баъзе ҷиноятҳое, ки дар қисми 2 моддаи 23 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир кардани ҷиноят аз синни 14-солагӣ муқаррар кардааast.

Дар ҷараёни таҳқиқоти гузаронидашуда, ки ба таҳлили хислатҳои синнусолии амалҳои ҷиноятии муосир равона гардида шудааст, мо ба нишондиҳандаҳои актуалии демографӣ такя кардем, ки тақсимшавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар гурӯҳҳои синнусолӣ нишон медиҳанд. Ин рафтори, ки бар муқоиса кардани маълумоти оморӣ дар бораи

ҷинояткорӣ бо сохтори синнусолии ҷомеа шомил буд, на танҳо имконият дод, ки асосҳои синнусолии миёнаи афроди, ки дар фаъолияти ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ошкор гардад, балки динамикаи ин нишондиҳандаҳоро дар доираи табдили иҷтимоии-демографӣ пайгирӣ намоем. Аз таҳқиқоти гузаронидашудаи олими ватанӣ Х.Ғ. Ҷалолов муайян карда шуд, ки аз 200 маҳбусони аз 14 то 64 сола синну соли миёнаи ҷинояткор бо дарназардошти вазъи демографӣ 45-50 солро ташкил медиҳад. Аммо агар тафовутҳои ҷинсиятӣ маълум мешавад, ки синни миёнаи мардони ҷинояткорон имрӯз 35-50 сол, буда, синни миёнаи занҳои ҷинояткор 40 солро ташкил медиҳад [161, с. 15].

Бино ба иттилои Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ масъалаи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ миёни ноболиғон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи вазорат қарор дошта, бо вуҷуди гузаронидани чорабиниҳои гуногун дар соли 2017 аз тарафи ноболиғон 690 ҷиноят ва дар шаш моҳи соли 2018 бошад, аз ҷониби ноболиғон 555 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 216 ҳолат зиёд аст [212].

Таҳлили гузаронида нишон дод, ки айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояткорӣ аз тарафи занон низ ру ба зиёдшавӣ дорад. Ба иттилои расмӣ, дар як соли охир занону духтарон дар қаламрави вилояти Хатлон 314 ҷиноят содир кардаанд, ки дар муқоиса бо ду соли пеш 100 фоиз ё зиёда аз 160 ҷиноят бештар аст. Аз ин шумора, 83 ҳолати қаллобӣ, 46 ҳолати дуздӣ, 35 ҳолати авбошӣ, 22 ҳолати ба фоҳишагӣ ҷалб кардан, ташкил кардани даллахонаҳо ё занҷаллобӣ, 14 мавриди сохтакорӣ, тайёр кардан ва ба соҳибии каси дигар додани ҳуҷҷат ва дигар санадҳо, 14 ҳолати расонидани зарари ҷисмонӣ ба саломатӣ, 12 ҳолати худсарона ишғол намудани замин, 12 ҳолати ба шавҳар додани духтарони ба синни никоҳӣ нарасида ва дигар ҷиноятҳои вазнин аз тарафи занҳо дар вилояти Хатлон содир шудааст [211].

Такрори ҷиноят, дар таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ бармеояд, ки ҷинояткории такрориро дар давраҳои гуногуни синну сол содир кардаанд аз

ин рӯ низомнокии онҳо бар меояд, ки ба давраҳои шахс дар синну солӣ тақрибан 40-сола қарор доштанаш ин давраи такрорӣ ҷинояд меафзояд. Ин падида бо фаро расидани он чӣ ки «кризиси миёнасолӣ» номида мешавад, вобаста аст – марҳилаи баррасии психологӣ ва иҷтимоии арзишҳои ҳаёт, ки бо номувозинатии эҳсосӣ ҳамроҳ аст. Таҳқиқот дар соҳаи криминологияи синну сол нишон медиҳад, ки дар ин давра барои шахсон бо гузаштаи ҷиноятӣ бештар намунаҳои зидди иҷтимоии рафтор фаъол мешаванд. Ин метавонад бо ҷамъшавии норозигии иҷтимоӣ, арзёбии натиҷаҳои ба даст омада ва ҳамчунин бо афзоиши фишори муҳити атроф ё сохторҳои ҷиноятӣ алоқаманд бошад. Маълумотҳои таҳқиқоти гузаронидаи М.Е. Хилко ва М.С. Ткачева мувофиқанд ва муайян кардаанд, ки «ретсидивистии калонсол бо оворагӣ, дигар тарзи ҳаёти носолим, вайрон кардани қоидаҳои шиноснома, қоидаҳои назорати маъмурӣ, саркашӣ аз пардохти алимент бадқасдона хос мебошад» [50, с. 132; 108, с. 78].

Таҳлили омили синну сол дар миёни шахсоне, ки ҷиноят содир мекунанд, ба муайян кардани низомнокии фаъолияти ҷиноятии гурӯҳӣ дар категорияҳои гуногуни демографӣ мусоидат мекунад. Ин таҳқиқот на танҳо муайян мекунад, ки дар кадом гурӯҳҳои синну сол ҷиноятҳои гурӯҳӣ бештар рух медиҳанд, балки хусусиятҳои ташкили чунин гурӯҳҳоро низ ошкор месозад: шумораи онҳо, сохтори ҳамкории иштирокчиён ва динамикаи синнусолии роҳбарӣ. Аз ин рӯ, «бештар дар гурӯҳҳо ҷинояткорони 16-17-сола, 18-21-сола ва ҷавонони 22-35-сола ҷиноят содир мекунанд. Яъне бо баланд шудани синни ҷинояткорон (аз 16-солагӣ сар карда) шумораи ҷиноятҳои содиркардаи онҳо дар гурӯҳ кам мешавад».

«Муқаррар карда шудааст, ки агар дар синни ноболиғӣ ҷиноятҳо дар гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ аксаран бо сабабҳои хеле ғайричашмдошт – «барои ширкат» содир карда шуда бошанд, пас дар синни ба воя расидан одамон дар гурӯҳи ҷиноятӣ маҳз бо фаъолияти якҷояи ҷинояти барои ба даст овардани натиҷаи мушаххас мутаҳҳид мешаванд».

Дар натиҷаи таҳлили маводи парвандаҳои ҷиноятӣ бармеояд, ки ҳангоми гузаронидани пурсишҳои амалиёти мурофиаи ҷиноятӣ, масъалан: пурсиши гумонбаршавандагон, айбдоршавандагон маълум мегардад, ки қисми зиёди ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғон зиёда аз 90% фоизи онҳо бо ҳамроҳии калонсолон (ғоратгарӣ, роҳзанӣ, дуздӣ) содир кардаанд, ноболиғон аз тарафи шахсоне, қаблан ҷиноят содир кардаанд, ҷалб шудаанд.

С.А. Шеткинов масъалаи редсивиди занонро таҳлил намуда, хулоса намудааст, ки «...барои редсидиви ҷинояти аз тарафи занон содиршуда хавфи баланди иҷтимоӣ хос нест, зеро дар баробари зиёд шудани шумораи доғи судии занон одатан ба содир кардани ҷиноятҳои дараҷаи вазнинтар содир намегардад» [113, с. 23]. В.В. Городнянская чунин мешуморад, ки хусусиятҳои хоси редсидиви ҷинояти аз тарафи занонсодиршуда такрор ва шиддатнокӣ мебошанд. Барои занон, ретсидиви махсус хос аст.

Дар ин ҷонда, мо ҷонибдори Х.Ғ. Ҷалолов мебошем, ки ба ақидаи номбурда ретсидиви занон бо ҳар як ҳукми нав хатарноктар мешавад ва одатан онҳо наметавонанд ба дараҷаи баланди таҷовуз гузаранд. Хусусияти фарққунандаи ҷиноятҳои ретсидивӣ миёни занон тамоюли устувор ба содир кардани такрории ҷиноятҳои ҳамнавъ ё шабеҳ мебошад. Аксаран ин бо ҷиноятҳои молу мулк (дуздӣ, қаллобӣ, тасарруфи амволи ғайр), ҷиноятҳои иқтисодӣ (пинҳон кардани андоз, қонунигардонии маблағҳои ғайриқонунӣ, қаллобӣ дар соҳаи соҳибкорӣ), инчунин кирдорҳо дар соҳаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир (нигоҳдорӣ, фурӯш, интиқол) вобаста аст [161, с. 99].

Таҳқиқоти гузаронидашуда ба мо имконият медиҳад, ки доир ба масъалаи баррасишаванда ба хулосаҳои зерин оем:

Якум, синну соли шахс дар таҳлили рафтори ҷиноятковии он аҳаммияти аввалиндараҷа дорад ва ҳамчун нишондиҳандаи марҳилаҳои пухтарасии психофизиологӣ хизмат мекунад. Ҳар як марҳилаи рушди шахсият, аз бӯҳрони наврасӣ то суботи комили калонсолӣ намунаҳои

рафтории махсусро ташаккул медиҳад, ки онҳо аз тағйироти биологӣ, эҳсосӣ ва маърифатӣ вобастаанд.

Дуюм, хусусиятҳои равонӣ шахсияти ҷинояткоро дар ҳар марҳилаи синну сол омӯхта мешаванд, ки аз омилҳои руҳии инсон: ақл, зеҳн, фаҳмиши маънавӣ, одатҳо, одоб, рафтору кирдор, ахлоқ, дониши онҳо вобаста мебошад. Ташаккули ангезаи рафтори ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо дар амал то ҳадди зиёд бо хусусиятҳои синнусолии шахсият вобаста аст, ки онҳо далели муайянкунандаи асосии мавқеи иҷтимоии ӯ мебошанд. Ин мавқеъ, ки таҳти таъсири критерияҳои объективӣ, аз қабили меъёрҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва марҳилаҳои роҳи ҳаёт ташаккул меёбад, аз ҷониби фард тавассути ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва таҷрибаи шахсии худ ба таври субъективӣ тафсир карда мешавад.

Сеюм, таҳлили хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ, ахлоқӣ-психологӣ, иҷтимоию нақшӣ ва ҳуқуқӣ имкон дод, ки давраи мавҷудаи синну соли шахсияти ҷинояткор, ки дар омори расмии ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, такмил дода шавад, зеро он барои баҳои дурусти рафтори ҷиноятӣ, тартиб додани портрети инфиродии ҷинояткор бо дарназардошти намуд ё гурӯҳи ҷиноятҳо кифоя бевосита мусоидат мекунад (Замимаи №1).

Чорум, ҷанбаи муҳиме, ки бояд қайд кард, ин хусусиятҳои ҷинсии синну соли шахсияти чиноятсодиркунанда мебошад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мардон ба фаъолияти ҷинояткорӣ ба ҳисоби миёна 3-5 сол пештар аз занон ҷалб мешаванд ва авҷи фаъолиятро дар синни 1621 солагӣ нишон медиҳанд. Аммо фарқи асосӣ на танҳо дар ҷадвали замонӣ, балки дар хусусиятҳои сифатии ҷиноятҳо низ зоҳир мешавад. Таҳсилоти ҳам мардон ва ҳам занонмиёнаи нопурра ё миёнаи махсус буда, асосан нафароне мебошанд, ки манбаи даромади доимӣ надоранд ва дар шаҳрҳо ва ё марказҳои ноҳияҳо зиндагӣ мекунанд. Динамикаи тағйироти вобаста ба синну сол дар мардон ва занон аз бисёр ҷиҳат мувофиқат мекунад.

Вобаста ба хулосаҳои баёнгардида пешниҳод менамоем, ки:

– барои амалӣ шудани Замимаи №1 бояд аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фармони дахлдор қабул карда шуда, дар ҳар як давраи ҳисоботӣ шакли пешниҳодгардида пур карда шавад;

– ташаккул додани омори ҷинояткорон пешниҳод карда мешавад. Маҳз бо ворид намудани нишондиҳандаҳои махсус, ки имкон медиҳанд робитаи синну соли шахси ҷиноятсодиркарда ва хусусиятҳои ҷиноятҳои содиркардаи ӯро таҳлил кунанд.

# БОБИ II. ТАҲҚИҚИ КРИМИНОЛОГИИ НАҚШИ СИННУ СОЛ ДАР КИРДОРИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОР

## 2.1. Нишондодҳои шуморавӣ ва сифатии ҷинояткории ноболиғон: сабаб ва шароитҳои ҷинояткорӣ байни ноболиғон

Хусусиятҳои синну соли шахс ба ташаккули шахсияти ӯ таъсир мерасонанд. Синну сол ҳолати ҷисмонии шахс, рафтор, манфиатҳои ӯро муайян мекунад, ба имконияти гирифтани маълумот, ихтисос, ташкили оила таъсир расонида, талаботи ҳаётро муайян мекунад. Бе ба назар гирифтани ин хусусиятҳо ба кирдори инсон баҳо додан мумкин нест. Синну сол ба тамоми маҷмуи масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Аз ҷумла, асос барои эътирофи қобилияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои ҷиноятҳои содиркардааш баромад мекунад.

Асос барои муаяйн кардани хусусиятҳои ҷиноят ва пешгири кардани ҷиноят ин ба таври пурра омӯхтани таркиби синну соли ҷинояткор мебошад. Ба ақидаи олимони гуногун синну сол марҳилаи сифатӣ ва муайяни инкишофи шахсият буда, тавассути он инсоният табиат ва олами атрофро дарк мекунад. М.Н. Гернет қайд мекунад, ки «бо мурури синну сол инкишофи қувваи мушакӣ ва интеллекти шахс вобаста аст, зеро барои содир намудани кирдорҳои муайяни ҷиноятӣ қувваи ҷисмонӣ зарур аст» [47, с. 151]. Олими ватанӣ Х.Ғ. Ҷалолов бошад, чунин мешуморад, ки хусусиятҳои синну сол ба рафтори ҷиноятӣ таъсир расонида наметавонанд [161, с. 77].

Мо низ ҷонибдорӣ ақидаҳои болозикр мебошем ва илова намуданием, ки синну сол омили муҳимми муайян намудани шахсият ба ҳисоб меравад. Зеро, маҳз дар давраи муайяни синнусолӣ инсоният қобилияти муайянеро ба даст меорад ва дар давраи муайяни синнусолӣ нақш ва мақоми он дар ҷомеа иваз мешавад.

Дар давраи камолоти инсон, давраҳои инкишофи ӯ дар кудакӣ ва пиронсолӣ ҳам дигаргуниҳои биологӣ ва ҳам психологӣ дар сохтори шахсият инъикос меёбанд. Синну сол на танҳо аз рӯйи ҷадвали вақти

физикии андозагирии он, балки бо тафаккур ва рафтори шахс муайян карда мешавад [151, с. 87]. Ба андешаи В.А. Казакова хусусиятҳои синну соли муайян дар хар холат дар шаклҳои конкретии рафтори ҷиноятӣ ифода карда мешаванд (хамаи ин механизми ҷинояти содиршударо ташкил медихад ва дар натича дар муайян кардани рафтори ҷиноятӣ иштирок мекунад) [125, с. 10].

Тазаккур бояд дод, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ба хусус адабиёти криминологӣ таҳлили масъалаи синну сол ва ҷинояткорӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ пайдо намудааст. Зеро, аз ҳамаи омилҳое, ки ба содир намудани ҷиноят таъсири бевосита мерасонанд ин синну соли ҷинояткор мебошад [183]. Олимон таносуби шахсони синну соли гуногунро дар содир намудани ҷиноят таҳлил намуда ба хулоса омадаанд, ки фаъолияти ҷиноятӣ барои синну соли 25-29-сола, пас аз он 18-24, 14-17-сола ва ниҳоят 30-40-сола хос аст [163, с. 173]. Ҳамин тариқ, бештари ҷиноятҳоро ҷавонон содир мекунанд. Гурӯҳҳои гуногуни синну сол инчунин намудҳои гуногуни ҷиноятҳои бештар содиршаванда доранд. Ба ақидаи Микляева А. В., аксар вақт шахсони 16-25-сола ба дуздӣ, авбошӣ, вандализм, ғоратгарӣ, таҷовуз ба номус, мошиндуздӣ даст мезананд. Шахсони баркамол бошанд асосан ба ҷиноятҳои гирифтан ва додани пора, фармоиши куштор ва дигар намуди ҷиноятҳо маҳкум мегарданд [85, с. 78-80].

Сохтори нақшҳои синну солӣ, ки дастурҳои баҳодиҳии синну соли иҷтимоии шахсро муайян мекунад, аз ҷиҳати фарҳангӣ ва таърихӣ хос мебошад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳарчӣ пештар шахс ҷиноят содир кунад эҳтимоли такрор шудани ҷиноят баландтар аст. Ин ба устувор шудани шеваҳои рафтории харобкунанда, имкониятҳои маҳдуди дастрасӣ ба сатҳи иҷтимоии қонуние ва ҳадди ақал шомил шудан ба гурӯҳҳои маргиналӣ вобаста аст [124, с. 93-98].

Аломати **ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ** аломати муҳимми таҳлили синну соли шахси ҷиноятсодиркарда ба ҳисоб меравад. Зеро тавассути он таҳлили шахсияти

ҷинояткор аз ҷиҳати дарки шахсияти ҷинояткор муҳимтарин ҳисоб кардан лозим аст.

Ҷанбаи муҳими омӯзиши шахсияти ҷиноятсодиркунанда дар ҳуқуқи ҷиноятӣ далели такрор шудани ҷиноят, ки ҳамчун ретсидив маъруф аст, мебошад. Падидаи мазкур дар доираи мурофиаи судӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад, зеро суд на танҳо шароити ҷинояти мушаххасро баррасӣ мекунад, балки шахсияти айбдоршавандаро бо назардошти принсипи индивидуализатсияи ҷазо низ баҳогузорӣ мекунад. Ретсидив ҳамчун нишондиҳандае хизмат мекунад, ки самаранокии чораҳои қаблан андешидашуда ва дараҷаи хатарнокии иҷтимоии шахсро нишон медиҳад. Ҳангоми баррасии парванда суд ба хусусият ва вазни ҷиноят, мотивҳои рафтор ва инчунин ба динамикаи амалҳои зиддиҳуқуқӣ эътибор медиҳад, такроршавӣ нишонаи устувории афкори зиддиҷамоатӣ мебошад.

Сатҳи ҷинояткории ретсидивӣ ташвишовар буда, дар давоми 5 соли охир аз ҷониби шахсони пеш ҷиноят содиркарда 5694 (2016 – 1584, 2017 – 1411, 2018 – 966, 2019 – 846, 2020 – 887) ҷиноят содир гардидааст [14].

Таҷрибаи судӣ низ ба чунин самт нигаронида шудааст. Чунончӣ, тибқи талаботи банди 12 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2002, №7 «Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ретсидиви ҷиноят» [195] диққати судҳо ба он равона карда шавад, ки оиди ҳар як шахси ҷиноятсодир намуда дар алоҳидагӣ сабаб ва шарту шароит ва омили аз тарафи ин шахс содир намудани ҷиноят дар ҳолати ретсидив муаяйн карда шаванд. Ҳангоми ошкор намудани чунин камбудиҳо судҳоро лозим аст, ки бо роҳи баровардани таъинотҳои хусусӣ ва ба диққати шахсони мансабдор расонидани онҳо, барои бартараф намудани ин нуқсонҳо чораҳо андешанд.

Таҳлили амиқи хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ (синну сол, дараҷаи маълумот, вазъи оилавӣ) ва хусусиятҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ (моддаҳои айбдоркунӣ, такрори ҷиноят, ангезаҳо) шахсияти ҷиноятсодиркунанда, ки бо санҷиши қатъии эътимоднокии додаҳо пурра карда шудааст, заминаи

боэътимод барои низомнокии минбаъдаи онҳо фароҳам меорад. Чунин равиши бисёрҷанба на танҳо дақиқии пешгӯии хавфҳои ҷиноятиро баланд мебардорад, балки имкон медиҳад, ки барномаҳои профилактикии мақсаднок таҳия карда шаванд.

Дар адабиёти илмӣ, инчунин дар бораи ҷудо кардани унсури панҷуми сохтори шахсият, ба истилоҳ «иҷтимоӣ-биологӣ» ақида мавҷуд аст, ки он хусусиятҳои биологӣ ва ҷисмонӣ (анатомияи одам, хусусиятҳои физиологии шахсият, тамоюли ҷинсӣ, шахсият, хусусиятҳои биологӣ ва физиологии шахсият ва ғайра)-ро дар бар мегирад [137, с. 85-90]. Аммо ба андешаи мо ин унсур баҳсӣ ба ҳисоб меравад, зеро ин аломатҳо ба шахсият тааллуқ надоранд, хусусиятҳои ҷисмонии инсонро ташкил медиҳад.

Бо мақсади таҳлили дурусти масъалаи баррасишаванда тасмим гирифтем, ки масъалаи мазкурро дар давраҳои муайяни синнусолӣ таҳлил намоем. Аз ҷумла, дар тӯли зиёда аз даҳ сол мушоҳида мешавад, ки шумораи шахсони қобили меҳнат (18-60-сола) назар ба кӯдакон ба маротиб зиёдтар аст. Ин вазъ, «бо вуҷуди доштани имкониятҳои рушди иқтисодӣ, метавонад омил барои афзоиши ҷинояткорӣ низ гардад. Зеро гурӯҳи синнусолии қобили меҳнат, махсусан ҷавонони 18-35-сола, бештар ба фаъолияти иҷтимоии шадид ва шиддатҳои равонӣ дучор мешаванд: давраи буҳрони амиқи равонии шахсият буҳрони 15 сол аст (баъзан ин буҳрон то 17 сол тӯл мекашад)» [137, с. 85-90], чунон ки Д.Б. Элконин қайд кардааст, «ин давраи буҳронӣ дар баробари буҳронҳои 3 ва 11 сол аст; 20-22 сол-буҳрони «канда шудан аз решаҳои волидайн», 30 сол-синни буҳрони меъёрии балоғат, 40 сол-буҳрони миёнаҳаҷм, аз ҷумла онҳое, ки бо мушкилоти коҳиши қувваи ҷисмонӣ, ҷолибият алоқамананд» [43, с. 101].

Омӯзиши ҷинояткорӣ байни ноболиғон як мушкили байнисоҳаӣ мебошад, ки дар доираи равияҳои гуногуни илмӣ таҳқиқ карда мешавад. Сотсиология омилҳои иҷтимоиро, ба монанди таъсири оила, таълим, муҳит ва шароити иқтисодиро, ки ба рафтори девиантӣ мусоидат мекунанд,

таҳлил мекунад. Психологияи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба ангезаҳо, ҳолатҳои эҳсосӣ ва таҳрифҳои маърифатии наврасон, инчунин ба дарки онҳо аз меъёрҳои ҳуқуқӣ тамаркуз менамояд. Ҳуқуқшиносӣ механизмҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва ҷазоро меомӯзад, қонунгузориро бо хусусиятҳои синнусолии ноболиғон мутобиқ мекунад. Психиатрия бемориҳои рӯҳӣ ва психопатологияҳоро, ки метавонанд сабаби амалҳои ғайриқонунӣ шаванд, баррасӣ менамояд.

Таваҷҷуҳи криминологҳо (И.П. Башкатов, А.И. Долгова) [69], Г.Х. Ефремова, К.Е. Игошев, И.С. Кон, Г.М. Минковский ва дигарон ва равоншиносон ба ин давраи синнусолӣ аз ҳолатҳои зерин вобаста аст: «омилҳои меъёрӣ- ҳуқуқие, ки ҳудуди ақаллиятҳо, мавҷудияти тағйироти мушаххаси физиологӣ ва равонӣ, таҷрибаҳои мураккаби дохилишахсӣ, низоъҳо ва бuҳронҳоро аник муайян мекунад; сарҳадҳои возеҳ муайяншуда барои рушди хусусиятҳои шахсӣ бо вобастагии камтар аз омилҳои беруна нисбат ба синну сол. Аз ин рӯ, хосиятҳои ахлоқӣ ва равонии дар давраи кӯдакӣ мустаҳкам ба вуҷуд омада, ба ташаккули сифатҳои устувори криминогенӣ дар одам дар синну соли баъдӣ таъсир расонида, боиси деформатсияи инкишофи муътадили равонии шахс ва мутобиқшавии иҷтимоии сусти он мегардад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳое ҷой доранд, ки тибқи он шиддати фаъолияти ҷинояткорони ҷавон (аз 14 то 35-сола) бевосита ба афзоиши синну соли онҳо вобаста аст» [77]. Дар мавриди доираи синну соли давраи наврасӣ ҳаминро бояд гуфт, ки оғози давраи наврасӣ барои ҳар ду ҷинс як хел нест ва он мувофиқи қонуни табиат дар духтарон нисбат ба писарон тақрибан 2 сол барвақтар сар мешавад. Бо дарназардошти маҳз ҳамин нуқта дар қисми зиёди адабиёти ҳозираи педагогию психологӣ оғози онро ҳангоми таҳсили хонандагон дар синфи охирини зинаи ибтидоии таҳсилот (IV) яъне аз синни 9-10 то 15-16 солагӣ медонанд. Дар давраи наврасӣ ба қавли В.А. Сухомлинский одам бори дувум аз сари нав тавлид меёбад. Ин гуфтаи В.А. Сухомлинский ба он

далолат мекунад, ки маҳз дар ҳамин давра инкишофи ҳамаҷонибаи инсон, аз он ҷумла ахлоқи ӯ сурат мегирад [213].

«Барои пешгирии самараноки ҷиноятҳо миёни наврасон ва таҳияи чорабиниҳои мақсаднок ислоҳи рафтор, аз ҷиҳати илмӣ омӯхтани хусусиятҳои ташаккули шахсияти ноболиғони ҳуқуқвайронкунанда дар ду гурӯҳи асосии синнӣ – 14-15 ва 16-17 сола – аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Ин таҳлили мукаммали омилҳои биопсихосотсиалиро, ки ба рушди онҳо таъсир мерасонанд, талаб мекунад, бо таъкид ба фарқиятҳои асосӣ байни наврасии барвақтӣ ва наврасии дер».

«Барои кӯдакони ноболиғ номутаносибии ҳадди аксар дар сатҳ ва суръати рушд, муноқишаҳои байнишахсӣ ва иҷтимоӣ, «исён» нисбат ба волидон ва калонсолон, эътироз ба маҳдудиятҳо ва қоидаҳои мавҷуда, аз ҷумла меъёрҳои қонун хос аст». Чунон ки В.А. Андриенко, И.П. Лесниченко, Ю.Е. Пудовочкин қайд кардаанд, «рафтори ғайриқонунии ноболиғон падидаи ниҳоят хавфнок аст, маҳз ҳамин синну сол контингенти ҷинояткорони ноболиғро пурра мекунад. Илова бар ин, ташаккули стандартҳои ҷамъиятии рафтор дар давраи кӯдакӣ модели устувори фаъолияти ҷиноятиро дар оянда таъмин менамояд»[24, с. 125]. «Ҳанӯз солҳои 80-ум криминологҳо муайян кардаанд, ки афзоиши «фаъолияти ҷиноятӣ» дар байни ҷинояткорони ҷавон бевосита ба афзоиши синну соли онҳо вобаста аст» [77, с. 249].

Ҳисоботҳои оморӣ нишон медиҳад, ки айни ҳол содиршавии ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғон рӯ ба афзоиш ёфтааст. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ ва Прокуратураи генералӣ соли 2022 аз тарафи 737 ноболиғон (37 духтар ва 692 писар) ҷиноят содир гардидаст, ки нисбат ба соли 2021 26 ҳолат ё 3,5% кам мебошад. Аз ин шумора 103 нафарашон хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4 нафар хонандагони Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ, 1 нафар хонандаи Омӯзишгоҳи касбӣ-

техникӣ ва 626 нафарашон ноболиғоне мебошанд, ки ба кору таҳсил фаро гирифта нашудаанд [84, с. 48-49].

Омили мазкур дар баробари дигар омилҳо инчунин дар натиҷаи зиёдшавии аҳолӣ низ ба миён омадааст. Чунончӣ, дар соли 2023 шумораи аҳолии Тоҷикистон 2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ба ҳолати 1 январи соли 2024 бо дарназардошти шумораи таваллудшудагон, фавтидагон ва муҳоҷират 10 миллиону 277,1 ҳазор нафарро ташкил додааст. Афзоиши табиии аҳолӣ аз рӯйи маълумоти пешакӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба андозаи 3,9 фоиз зиёд шуда, 207,3 ҳазор нафар ё ба 1000 нафар аҳолӣ 20,4 нафар рост омадааст. Зиёдшавии бақайдгирии таваллуд ба ғайр аз ВМКБ дар ҳамаи минтақаҳо мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, зиёдшавии бақайдгирии таваллуд дар вилояти Хатлон 5,5 фоиз (100,2 ҳазор нафар), дар вилояти Суғд 2,8 фоиз (59,7 ҳазор нафар), дар шаҳри Душанбе 7,4 фоиз (23,2 ҳазор нафар) ва дар ноҳияҳои тобеи марказ 2,3 фоиз (53,5 ҳазор нафар)-ро ташкил намудааст.

Таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғону наврасон нишон дод, ки аз ҷониби онҳо асосан содиршавии ҷиноятҳои дуздӣ, авбошӣ ва ғоратгарӣ зиёдтар ба қайд гирифта шудааст. Чунончӣ, ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон ё бо иштироки онҳо содиршуда 3917 (2016 – 693, 2017 – 690, 2018 – 907, 2019 – 873, 2020 – 754) ададро ташкил медиҳанд [15].

«Чунин тағйироти миқдорӣ дар пасманзари равандҳои манфии иҷтимоию иқтисодии кишвар боз саволу шубҳаҳои зиёдеро ба миён меорад. Якум, барои муътадил гардонидан ва аз ин ҳам бештар паст кардани дараҷаи ҷинояткорӣ, ақаллан шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ лозим мебошад. Гузашта аз ин, буҳрони идомаи иқтисодӣ, ки бо зуҳуроти болоравии нархҳо, таваррум, бекорӣ, беқурбшавии рубл ва ғайра ҳамроҳӣ мекунад, афзоиши шумораи кӯдакони бе парастории волидон, деформатсияи муассисаи оилавӣ, афзоиши шумораи талоқҳои ба қайд гирифташуда ва ғайра ба сабаб ва шароитҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунад. Шароитҳои зикршуда бояд объективӣ ба афзоиши шумораи ҷиноятҳо дар

кишвар, аз ҷумла дар байни ноболиғон ва ё нисбатан ба эътидол омадани он мусоидат кунанд. Чунин чораҳо бештар на ба устувор намудани вазъи ҷиноятӣ, балки ба ташвиқи афзоиши ҷинояткории латентӣ ва ташаккули тамоюли устувор ба паҳншавии он равона шудаанд, ки инро таҳқиқоти қавии криминологҳои муосир дар доираи дискурси илмӣ тасдиқ мекунанд. Ғайр аз ин, чунин динамика хавфҳои низомӣ барои ҷомеа, аз ҷумла таҳриф ёфтани амалияи татбиқи ҳуқуқ ва кам шудани эътимод ба муассисаҳои назоратиро инъикос мекунад» [164].

Бояд гуфт, ки «дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми ҷиноятҳои латентӣ (пинҳонӣ) андешаҳои гуногун мавҷуд аст. Ҳамин тариқ, ба гуфтаи олимони рус ҷиноятҳои хусусияти латентидошта бои мешавад, ки оқибатҳои дигар ба бор орад: душворӣ дар муайян кардани шароитҳое, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунанд ва имконияти пешгӯии содир намудани ҷиноят, тартиб додани барномаҳои зарурӣ дар ин самт» [49, с. 20].

Чи тавре ки Т.Н. Волков қайд менамояд, ҷинояткории латентӣ маҷмуи амалҳои ғайриқонунӣ мебошад, ки берун аз дастгоҳи назорати мақомоти тафтишотӣ боқӣ мемонанд ё дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ дуруст қадр намешаванд. Падидаи мазкур як самти пинҳонии ҷинояткориро ташкил медиҳад, ки омори расмиро таҳриф мекунад ва арзёбии объективии вазъи криминогениро душвор месозад [159, с. 40].

Дар шароити муосир муҳим аст, ки ба тамоюли устувор дар вазъияти криминогении ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ шавад. Ба маълумоти таҳлилӣ, дар тӯли панҷ соли охир, ҳиссаи ҷиноятҳои латентӣ (ки на сабт мешаванд ё дар беруни диққати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мемонанд) ба таври устувор дар сатҳи 18-22% аз маҷмуи амалҳои ҷиноятии сабтшуда нигоҳ дошта мешавад [161, с. 34-35]. Ба ақидаи Ҷ.Ғ. Холиқов «сабаби асосии инкишофи ҷиноятҳои латентӣ бояд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат накардани шаҳрвандон дар робита ба зуҳури номуайянӣ дар самаранокии фаъолияти онҳо дониста мешавад» [161, с. 34-35]. Ин ҳолат нигаронии ҷиддиро ба бор меорад, зеро нишон медиҳад, ки ноболиғон ба марҳилае ворид мешаванд, ки дар он

таъсири муҳити беруна, омилҳои равонӣ ва иҷтимоӣ хеле қавӣ мебошанд, вале қобилияти худназоратии онҳо ҳанӯз ташаккул наёфтааст [53]. Ба ҳолати мазкур «омилҳои зерин таъсири бевосита мерасонанд: 1) ба ҷинояткории ба қайд гирифташуда дар байни ноболиғон танҳо он кирдорҳо дохил мешаванд, ки барои онҳо шахсони содиркардаашон муқаррар шудаанд, аз ин рӯ, кам шудани ошкор намудани ҷиноятҳо ба таври худкор боиси паст шудани сатҳи ҷинояткории ба қайд гирифташуда дар байни ноболиғон мегардад; 2) мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар бораи ҷинояти содлиргардида ариза (хабар) гирифта, пешомади ошкорнамоиро надида, онро ба қайд намегиранд ва мувофиқан тафтиш намекунанд» [163, с. 65].

Таҳлили маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ мушкили низомии нокифояи самаранокии тафтишоти пешакиро ошкор мекунад. Чуноне таҷриба нишон медиҳад, омиле, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаро монеъ мегардад, бетарафии касбии кормандони мақомоти тафтишотӣ мебошад. Ба ҷои муносибати комплексӣ, ки зарурати барқарорсозии тасвири пурраи амалҳои ғайриқонунӣ дорад, тафтишгарон аксаран бо омӯзиши рӯйизаминӣ ва сатҳии корҳо маҳдуд мемонанд. Ин пароканӣ дар нороҳатӣ аз ошкор кардани робитаҳои ҷиноятӣ байни иштирокчиён, муайян кардани тамоми доираи шахсони алоқаманд ва таҳлили занҷирҳои сабабӣ ва натиҷавии рӯйдодҳо таҷассум меёбад.

Тавре К.В. Ображиев менависад,«сирояти ҷиноятии наврасони имрӯза ҷинояти ҷавононро ба вуҷуд меорад, таҷрибаи ҷиноятиро ба оянда мефиристад, ки тибқи қонунҳои омӯзиши ҷомеа, боз ба наврасони фардо ҳамчун «мероси иҷтимоии» наслҳои пешин бармегардад» [134, с. 52-53]. «Ин ҳолатҳо зарурати омӯзиши хусусиятҳои ҷиноятҳои ноболиғонро ба миён меоранд.Ҷинояткории ноболиғон дорои тағйирёбии мавсимӣ, хусусиятҳои ҳудудӣ ва хусусиятҳои фазои муваққатӣ мебошад. Тавре ки таҳқиқоти сершумор, маълумотҳои оморӣ ва амалияи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳанд, ноболиғон бештар дар фасли баҳору тобистон ҷиноят содир

мекунанд, ки ин метавонад сабаби суст шудани назорат аз болои онҳо аз ҷониби мактаб, падару модарон, сарфи вақти зиёд ба корҳои тарбиявӣ бошад. Аксари ин ҷиноятҳо аз ҷониби наврасон бидуни нақша, вазъиятӣ ва вобаста ба вазъи мушаххаси зиндагӣ содир мешаванд» [156, с. 18].

Дар байни минтақаҳое, ки ҳиссаи бештари ҷиноятҳо (аз шумораи тафтишшуда) аз ҷониби ноболиғон ё бо шарикии онҳо дар нуҳ моҳи соли 2023 содир карда мешаванд, инҳоро бояд қайд кард: дар ҳудуди ҷумҳурӣ 475 адад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 9 адад – 1,89 %, вилояти Суғд 140 адад – 29,47 %, вилояти Хатлон 135 адад – 28,42%, ноҳияҳои тобеи марказ 103 адад – 21,68 % ва шаҳри Душанбе 88 – 18,52%.

Таҷрибаи ошкор кардани ҷиноятҳои ноболиғон дар 8 моҳи соли 2018 дар ҳудуди шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки аз ҷиноятҳои умумии дар ин давра содиргардида дар чунин вақт ва макон содир карда шудаанд: 7,1% дар давраи аз соати 06:00 муайян шудааст, ки аксаран ноболиғон дар вақтҳои холии худ (рӯзона ва бегоҳӣ) дар рӯзҳои дарсӣ (аз соати 15.00 то 24.00) ҷиноят содир мекунанд, дар ҳоле ки авҷи зуҳуроти ҷиноятӣ ба соати 20.00-21.00 ва 13.00-16.00 рост меояд. То 10% (14-15-сола) ва 16,7% (16-17-сола) дар рӯзҳои истироҳат ва ид содир гардида, содир шудани ҷиноят дар рӯзҳои душанбе кам ба мушоҳида мерасад.

Таҳлили таҷрибаи судӣ ва тафтишотӣ собит месозад, ки аз шумораи умумии ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон ва наврасон содиргардида 475 ададро ташкил медиҳад, чунин нишондодҳоро ташкил медиҳад: авбошӣ (м. 237 КҶ ҶТ) 21,26%, дуздӣ (м. 244 КҶ ҶТ) 45,05%, ғоратгирӣ (м. 248 КҶ ҶТ) 3,15% ва дигар ҷиноятҳо 30,54%

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки характери ҷинояткории наврасон ба таври назаррас тағйир ёфтааст. «Агар дар гузашта амалҳои ҷинояткорӣ аз ҷониби ноболиғон одатан вазъиятӣ буда, таҳти таъсири эҳсосоти лаҳзаӣ ё шароити беруна рӯй медоданд, имрӯз манзараи ҷиноӣ тамоюли нигаронкунандаеро нишон медиҳад. Ин алалхусус дар ҳолатҳои дуздии кӯча

ва ҳамлаҳои мусаллаҳона равшан ба мушоҳида мерасад, ки ҳоло бештар ҳамчун амалиёти бодиққат тарҳрезишуда рух медиҳанд. Ҷинояткорон бештар ба истифода аз ашёҳои ниқобӣ шуруъ карданд: кулоҳҳо, рӯймолҳо, кулоҳҳо (тақрибан 50% ҳолатҳо). Дар зиёда аз 80% ҳолатҳо онҳо ба таври иловагӣ аз силоҳ ё ашёи ба сифати силоҳ истифодаро истифода мекунанд. Механизми содир намудани ҷиноятҳо, аз қабили қаллобӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ва фаъолияти иқтисодӣ мураккабтар мегардад. Ноболиғон кӯшиш мекунанд, ки шаклҳои нави ҷиноятҳоро азхуд мекунанд, ки ҳолати мазкур аз диверсификатсияи ҷиноятҳои муосири наврасон шаҳодат медиҳад» [171, с. 42-44].

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби ноболиғон, бештар ҷиноятҳои хусусияти зӯроварӣ ва далерӣ ва бераҳмӣ хос аст. М.М. Бабаев ва В.А. Плешаков дуруст хулосаронӣ намудаанд, «миқёси ҷинояткории ҷавонон ва тамоюлҳои манфии он равшан гувоҳӣ медиҳад, ки то чӣ андоза дар шуур ва руҳи ҷавононе, ки ҳаёташон нодуруст ба роҳ монда шудааст, чӣ қадар бадбинӣ ва бераҳмӣ пинҳон аст» [117, с. 308].

Таҳлили пешниҳодшуда имкон дод, ки тамоюлҳои асосӣ дар соҳаи ҷинояткорӣ миёни ноболиғон, ки зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ муосир ба вуҷуд омадаанд, муайян карда шаванд. Ҷанбаи бештар нигаронкунандаи ин динамика афзоиши ҳиссаи наврасон дар амалҳои ҷинояткорӣ мебошад: дар давраи январ-сентябри соли 2023 сатҳи иштироки онҳо дар ҷиноятҳои сабтшуда 18 фоиз зиёд шудааст нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, чунин ҷиноятҳо аз қабили дуздӣ (214 адад), авбошӣ (101 адад), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (23 адад), ғоратгарӣ (15 адад) ва ғайра, ба назар мерасад.

К.В. Образиев диққати худро ба он ҷалб намудааст, ки вақтҳои охир ҷиноятҳои ноболиғон бераҳмона ва таҷовузкорона содир карда мешавад. Сабабҳои омили мазкур метавонад гуногун бошад [134, с. 50-56]. Мо низ ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем. Зеро, таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки

омилҳои мазкур сабабгори асосии бераҳмона ва таҷовускорона содир гардидани ҷиноят аз тарафи ноболиғон гардад: «усули танзим»-и муносибатҳои оилавӣ, ки аз кӯдакӣ ё дар натиҷаи осеби равонии дар кӯдакӣ гирифташуда, аз ҷумла дар натиҷаи таҷовуз, зӯроварии калонсолон (волидон) гирифта шудааст. Ба ин сабаб дар бисёр кишварҳо муҷозоти кӯдак аз ҷониби калонсолон бо ҳадафҳои тарбиявӣ тибқи қонун иҷозат дода мешавад.

Таҷовузи наврасон, аз ҷумла бераҳмии беасос ва мураккаб, метавонад натиҷаи хашми умумӣ, паст будани худбаҳодиҳӣ аз нокомиҳои зиндагӣ бошад. Таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба ангезанокии таҷовузкоронаи ҷинояткорони ноболиғ нишон доданд, ки шиддатнокии рафтори хашмгин ва шаклҳои зуҳури он падидаҳои гетерогенӣ мебошанд [142, с. 88-98].

Чунин хулосаронӣ дар таҳқиқоти криминалистҳои маъруф низ тасдиқ карда мешаванд. Чунончӣ, Ю.М. Антонян қайд кардааст, ки «дар аксарияти мутлақи ҷинояткори ноболиғи 16-17 сола, ки муддати тӯлонӣ дар муҳити номусоид инкишоф ёфтааст, шахсе мебошад, ки муносибат ва майлҳои рафтори зиддиҷамъиятӣ дорад» [116, с. 2].

Мо низ ҷонибдори ақидаҳои мазкур мебошем ва мехоҳем таъкид намоем, ки бо мурури синну сол хусусияти фавқуллодавӣ ва бетаъсирии ҷиноятҳои содиркардаи ноболиғон тадриҷан аз байн меравад ва ҷиноятҳо бошууронаву эҳтиёткорона содир карда мешаванд.

Тамоюли афзоиши мунтазами ҷиноятҳои такрории ноболиғон мушоҳида мешавад. Ин тамоюл бо афзоиши тамоми ҷиноятҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Омӯзиши ҳиссаи ҷиноятҳои такрорӣ дар категорияи синну соли баррасишуда имкон медиҳад, ки хулосаи баровардашуда тасдиқ карда шавад.

Омори расмӣ афзоиши минбаъдаи ҷиноятҳои такрории ноболиғонро нишон дода, ба хулоса омадан мумкин аст, ки корҳои тарбиявӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо нисбат ба ноболиғон аз ҷониби субъектони

таълиму тарбия ислоҳотро тақозо менамояд, ки дар боби ояндаи рисолаи диссертатсионӣ хулосаронӣ карда мешавад.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, омори расмӣ ва таҷрибаи мақомотҳои ваколатдори давлатӣ нишон медиҳад, ки ҷиноятkории такрории ноболиғон ба зиёд шудани ретсидиви ҷиноят дар шахсони синни балоғат мусоидат мекунад.

Майли ноболиғон ба фаъолияти дастаҷамъӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчун хусусияти асосии ин категорияи синну сол муайян шудааст. И.С. Кон тасдиқ кардааст, ки «маҳрамӣ бо дӯстони калонсолон дар синни 15-17 солагӣ бештар ба назар мерасад» [66, с. 177]. И.И. Карпетс қайд мекунад, ки «ҷавонон дар ибтидо иҷтимоӣ буда, ноболиғон ҳамеша барои муттаҳид шудан талош мекунанд, дар чунин иттиҳодияҳо онҳо қувва ва «ман»-и худро эҳсос мекунанд» [62, с. 301]. Рафтори дастаҷамъии ноболиғон барои наврасон бештар аз ин меъёр буда, дуршавӣ аз он падида намебошад.

Ба андешаи Х.Ғ. Ҷалолов таҷрибаи содир кардани ҷиноятҳои занон нишон медиҳад, ки аксари онҳо дар синни 25-50-солагӣ содир мешаванд. Аммо, мутаассифона, дар марҳилаи имрӯза сатҳи ҷиноятkорӣ дар байни духтарони ноболиғ низ меафзояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи ҷиноятҳои духтарони 14-18-сола нисбат ба содир намудани ҷиноятҳои дар синни 20-40-солагӣ содиршуда тақрибан 10% зиёд шудааст [161, с. 76].

Чунин таҳлилҳо дар таҳқиқоти Н.Б. Азимов низ, ба назар мерасад ва номбурда иброз намудааст, ки ин далел ҳамчун аломати нигаронкунандаи ҷомеа ва давлат низ хизмат кунад. Ин тамоюл ба паст шудани хислатҳои ахлоқии ҷавонони имрӯза ва албатта паст шудани сатҳи тарбияи ноболиғон дар оила, пурзӯр шудани таъсири манфии дигарон, бадахлоқии чопӣ, филму наворҳо, махсулот, таъсири муйсафедон, дуру дароз набудани дарсҳо, нокифоя будани кори тарбиявии мактаб ва ниҳоят суст шудани суръати тараққиёти иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад [21, с. 38-39].

Андешаи мазкур низ қобили дастгирӣ мебошад ва дар умум суст ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятгорӣ байни ноболиғон ва наврасонро нишон медиҳад. Чунончӣ, таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад,ки чунин шумораи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷой дорад:

| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» | | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2022 | Соли 2023 | Дар муқоиса |
| Ворид | 15242 | 15488 | +246 |
| Баррасӣ | 15224 | 15445 | +221 |
| Огоҳӣ | 5329 | 5452 | +123 |
| Ҷазои ҷарима | 8463 | 8744 | +281 |

Духтарони ноболиғ аксар вақт аъзои гурӯҳҳои устувори самти ҷиноятҳои ғаразно ва зӯроварӣ мешаванд. Таҳқиқоти криминологӣ В.О. Касимов муайян кардааст, ки «гурӯҳи хатарноктарин ҷиноятгорон занҳои 14-15-сола буда, ҳиссаи онҳо 56% ва гурӯҳи 16-17-сола ҳамагӣ 44%-ро ташкил медиҳад» [163, с. 75]. Ҳамин тариқ, агар дар байни мардони ноболиғ ҷиноятгорӣ бештар дар байни шахсони аз 16 то 17-сола (зиёда аз 2 маротиба) мушоҳида карда шавад, пас дар байни занон тамоюли тамоман дигар дорад. Аз ҳама криминогенӣ барои ҷиноятгорони ноболиғи ҷинси зан аз синни 15-солагӣ мебошад. Омили синну сол дар духтарони ноболиғ нақши калидӣ дар ташаккули сохтори рафтори ҷиноятӣ мебозад. Он на танҳо интихоби ҷабрдидаро (масалан, ҳамқадон, наздикон ё шахсони дорои мақоми иҷтимоии осебпазир) муайян мекунад, балки ба хусусиятҳои шахсии худи ҷиноятгор низ таъсир мерасонад, аз ҷумла сатҳи огоҳии амалҳо, баркамолии эҳсосӣ ва мотиватсия. Тавре ки Л.С. Виготский қайд кардааст, муошират дар гурӯҳ маҳз дар ҳамин синну сол нақши калон дорад [44, с. 79-80].

Андешаи Л.С. Виготский қобили дастгирӣ мебошад ва чунин хулосаронӣ намудан мумкин аст, ки дар вақти содир кардани ҷиноят чӣ қадар шахс ҷавон бошад, ҳамон қадар бештар ҷиноят бо касе, яъне дар шарикӣ содир мешавад.

Дар таҳлили ҳолатҳои содиркардаи гурӯҳҳои мустақил, дар асоси омӯзиши маводи парвандаҳои ҷиноятӣ, ки вобаста ба синну соли шахс танҳо ноболиғон дохил мешаванд. Муаяйн карда шудааст, ки аз ҷониби онҳо кирдорҳои ҷиноятии дорои хусусияти бераҳмонатар мебошанд.

Масалан, бо ҳукми суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз моҳи ноябри соли 2023 ноболиғ А.С. санаи таваллудаш 14-уми августи соли 2007 бо он айбор карда шудааст, ки санаи 09 июни соли 2023, тахминан соати 22:00 дақиқа, дар маркази бозиҳои компютерии «БМВ», воқеъ дар кӯчаи А.Навоӣ, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо рафиқонаш Р.А., Н.Ш, О.А. ва Д.Б. машғули бозиҳои компютерӣ будаанд, ки дар ин маврид ноболиғ З.С. бо мақсади бартарӣ нишон додан нисбат ба ноболиғ Д.Б.С. дӯстонаш ноболиғон Т.Х.Н, Б.Л.А, А.А.С. ва Ю.Ш.-ро гирифта, Т.Х.Н., бо мақсади муайян кардани ҷойи ноболиғ Д.Б.С., ба вай занг зада, бо баҳонаи баргардонидани куртаи Р.А.И. ба назди онҳо ба суроғаи дар боло зикршуда ҳозир мегарданд. Ҳангоми вохӯрӣ З.С. бе асос ба рӯйи Д.Б.С. ва судшавандаи ноболиғ А.С.Қ. бо мушт зарба зада, минбаъд Д.Б.С.-ро то ба дохили маркази бозиҳои компютерии мазкур дунболагирӣ мекунад. Дар ин вақт дигарон низ ба назди даромадгоҳи маркази бозиҳои компютерӣ рафта, дар онҷо Н.Ш.М, ба ғазаб омада, аз ҳиссиёти авбошӣ кордро аз дасти А.С.Қ. гирифта, бо мақсади расонидани зарари ҷисмонӣ ба З.С, ҳамла мекунад. Дар вақти гурехтани З.С. дар назди даромадгоҳи бинои мазкур ӯ ба қисмати болоии рони пойи чап аз қафо як маротиба бо корди дар дасташ буда зарба мезанад, аммо ба ин қонеъ нагардида, боз аз пасаш давида, охиринро мавриди лату кӯб қарор додани мешавад, ки дар ин вақт ҳангоми дар назди маркази савдои «1001 майда Чуйда» расиданашон З.С. аз Н.Ш. узрхоҳӣ карда гуфтааст, ки вайро мешиносад ва ба вай коре надорад.

Н.Ш.М. ӯро ба ҳолаш гузошта, аз назди вай рафтанӣ шудааст, дар ин вақт А.С.Қ. ба наздашон ҳозир шуда, номбурдаро мавриди лату кӯб қарор додааст, ки ӯ аз зарбаҳои А.С.Қ. ба замин нишаста, бо дастонаш рӯяшро ҳимоя кардааст. Ноболиғ О.А.А. бошад, як адад кордеро, ки қаблан аз Р.А.А. гирифта будааст, хостааст ба охирин баргардонад ва кордро ба тарафи номбурда ҳавола додааст, ки корд ба замин афтидааст. Ноболиғ Д.Б.С. бинобар аз ҷониби З.С. лату кӯб гардиданаш ба ғазаб омада, корди мазкурро аз замин гирифта, тартиботи ҷамъиятиро дағалона вайрон намуда, вайро ҳамроҳи О.А.А. ва А.С.Қ. сараввал мавриди лату кӯб қарор дода, ба замин афтонидааст. Ноболиғ Д.Б.С. ба ҳамаи ин қонеъ нагардида, бо мақсади аз ҳаёт маҳрум кардани З.С. корди гирифтаашро баровarда, ба қисмати пеши шикам аз тарафи рости З.С. ду маротиба зарба задааст, ки ҳангоми расонидани зарбаи дуюм корд шикастааст, пас кордро ба як тараф гузошта, ба болои З.С. нишаста, бо дастонаш ба сару рӯйи охирин зарба задааст, ин ҳолатро мардуми гирду атроф дида, садди роҳи мунокишаи онҳо гаштаанд, пас ӯ аз ҷойи ҳодиса фирор кардааст. Дар натиҷаи бардоштани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ ноболиғ З.С. дар вақти ба беморхонаи «Шифобахш» интиқол додан, дар роҳ ба ҳалокат расидааст.

Бо ҳукми зикргардиданоболиғ А.С.Қ. бо моддаи 36 қисми 5 – 237 қисми 3 банди «а» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо ин модда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 6 сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияи тарбиявии низомаш умумӣ таъин карда шудааст.

Натиҷаи бадастовардаи мо инчунин, дар таҳқиқоти қаблан гузаронида низ тасдиқ гардидааст. Чунончӣ, Р.Б.Бжиев бераҳмии истисноӣ, бадбинӣ, тамасхур нисбат ба ҷабрдидаро ҳангоми расидан ба ҳадафи худхоҳона баён кардааст [157, с. 12].

Дар рафти таҳқиқоти мукаммал, ки таҳлили маълумоти илмӣ ва баррасии адабиёти ҳуқуқиро дар бар мегирад, муайян карда шуд, ки ҳатто фарқи хурди синнусол (1-2 сол) дар рушди наврасон нақши калон ва муҳим

дорад. Шахсони 16-17-сола нисбат ба 14-15-сола бештар ангезаи ҷинояткорӣ доранд. Онҳо ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин низ содир кардаанд.

## 2.2. Динамикаи ҷиноятлории синну соли ҷавон ва баркамол.

Масъалаи динамикаи сину соли ҷиноятлорон, инчунин таҳти таваҷҷуҳи олимони рус қарор гирифта, М.М. Бабаев ва М.С. Крутер қайд намудаанд, ки «... мавзуи таҳқиқоти ҷиноятлории ҷавонон ва ноболиғон, яке аз проблемаҳои асосии муқовимат бо ҷиноятлорииро ташкил медиҳад» [32, с. 143-144].

Баъзе муҳаққиқон ҳатто истилоҳи «ҷиноятлории ноболиғон ва ҷавонон»-ро истифода мебаранд ва дар мавриди гурӯҳҳои ҷиноятӣ, ки аз ашхоси то 30-сола иборатанд, «гурӯҳҳои наврасону ҷавонон»-ро истифода мебаранд [111, с. 4-6].

Аз нигоҳи криминологияи ҷиноятлорӣ миёни ҷавонон аз 18 то 30-соларо фаро мегирад. Маълумоти омори ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи назарраси ҷиноятҳо ба ҷавонони синни аз 18 то 29-сола рост меояд. Ҳамзамон, муҳаққиқон ин гурӯҳи синну солро шартан ба ду зергурӯҳ тақсим мекунанд: 18-24 сола ва 25-29 сола. Ин тақсимот ба тафовутҳо дар хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ, сатҳи мустақилият ва шароити зиндагии онҳо вобаста аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 23 декабри соли 2021, №1830 бошад, ҷавононро шахсони синни аз 14 то 30-сола муқаррар намудааст.

Ҷинояти ҷавонон як бахши алоҳидаро дар сохтори ҷиноятлорӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки тамоюли устувори рушдро нишон медиҳад ва ҳиссаи назаррасе дар омори умумии ҷиноятҳо ишғол мекунад. Хусусиятҳои асосии ҷиноятлории ҷавонон аз дигар синну сол бо омилҳои зерин фарқ мекунанд: мақсад, ангезаи ҷиноят, тарзи содир кардани ҷиноят, хавфӣ кирдори онҳо барои ҷомеа ва ғайраҳо иборат мебошад. Таҳқиқоти гузаронидашудаи маҳкумшудагон, ки барои содир кардани ҷиноятҳои гуногун ҷазои худро дар муассисаҳои ислоҳӣ адо мекунанд, масъалаҳоро

оид ба хусусяитҳои ҷинсии шахсони ҷинояткор, муайян менамояд. Тибқи маълумоти гирифташуда, дар байни ҷавонони ҷинояткор, ба истиснои гурӯҳи синнии 18-21 сола, бартарии хурд, вале устувори занон нисбат ба мардон мушоҳида мешавад. Ин падида бо тамоюли умумии ҷаҳон, ки дар он мардон аксарияти аҳолии зиндонҳоро ташкил медиҳанд, мухолифат мекунад.

Ба ақидаи Бажанов С.В. ва Воронсов А.А. афзоиши ҷинояткорӣ дар мардон дар синни 20 ва 30-солагӣ (14,3% ва 12,4%-давраи буҳрони синну солӣ), дар занон дар синни 25-солагӣ (13,6%) рух додааст. Вобаста ба ин, давраи синну сол, ки ҳам барои намояндагони ҷинси мард ва ҳам ҷинси зан хос аст, марҳилаи гузариш ба фаъолияти фаъоли касбиро нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар воқеияти иҷтимоӣ-иқтисодии кунунӣ татбиқи ин марҳила бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад [118, с. 175-181].

Дэниел Левинсон психолог чӣ тавре ки қайд менамояд, «расидан ба марҳилаи сини 30-солагӣ барои бисёр шахсон як марҳилаи бӯҳронӣ мебошад, ки бо арзёбии амиқи самтҳои ҳаётӣ алоқаманд аст». Ба ақидаи ӯ, ки назарияҳои рушдии шахсияти калонсолонро таҳқиқ мекунад, ин давра, ки ҳамчун «гузариш ба сини 30-солагӣ» шеносо аст, ба анҷом расидани ҷавонии аввала ва талаб кардани бознигарии на танҳо орзуҳои касбӣ, балки ҷузъҳои асосии худмуайянкунандаро нишон медиҳад. Ҳангоми таҳқиқи хислатҳои ахлоқию равонии ҷинояткорони баркамол маълум шуд, ки онҳо бештар дар мардон дар синни 40-солагӣ ва дар занон аз 35-солагӣ ба назар мерасанд.

«Фаъолияти ҷиноятии фаъолнокии ҷинояткорони баркамол, бо буҳрони синну солии ба истилоҳ «ғайринақшавӣ», ки на ба ду давраи муътадили ҳаёт, балки дар ин давра ба вуҷуд омадааст, рост меояд. Ин буҳрони 40-сола аст (барои мардон-бештар хусусияти касбӣ ва барои занон хусусияти оилаҳо доранд). Он метавонад каме пештар пайдо шавад ё он метавонад ба синну соли калонтар гузарад » [191].

«Дар синни камолоти дертар шахс метавонад дар ҷавоб ба рафтори бадахлоқона, ба ақидаи ӯ, новобаста аз он, ки он ба кӣ муроҷиат мекунад, хашмгинӣ, душмании шадид нишон диҳад.Дар ин синну сол дар доираи ихтиёрӣ вайронкуниҳо ба амал меоянд: фаҳмиши нодурусти ҳолатҳои муайян ва ё пешгӯии нодурусти амалҳо (худ ва дигарон). Аксар вақт, чунин тағйироти шахсият ғайриимкон аст, аммо барои баъзеҳо онҳо метавонанд назаррас бошанд ва ҳамчун асос барои эътирофи онҳо ҳамчун мукаллафии маҳдуд хизмат кунанд. Дар баъзе мавридҳо дар шахсият тағйироти куллӣ ва бебозгашт ба амал меояд ва дар натиҷа ба номукаллафӣ оварда мерасонад» [33, с. 201-207].

Ба ақидаи В.О. Касимов «ҷинояткорони 30-35-сола аз рӯйи ҷойи истиқомат манфӣ тавсиф карда мешаванд. Ҷинояткорони 22 то 29-сола бештар бетараф ва 18 то 21-сола мусбат тавсиф мешаванд, аммо дар ҷойи кор бошад баҳои манфӣ хеле кам аст. Маълумоти бадастомада аз муносибати расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи тавсифкунанда шаҳодат медиҳад» [163, с. 89].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ҷавононе, ки ҷиноят содир мекунанд, бештар аз ҷониби шахсоне, маълумоти олӣ надоран ё ин ки мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро нахондаанд ва намехонанд мебошанд, аз ин бар меояд, надоштани «дониш» ин яке аз даст задан ба ҷиноят мебошад.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки алоқамандии зич байни дараҷаи маълумот ва хуссусияти ҷиноятҳое, ки содир мегарданд, мавҷуд аст. Ҳадди ақалтарини фоизи одамон бо таҳсилоти олии ё касбии миёна дар миёни онҳо, ки барои амалҳои зӯроварӣ, расонидани зарар ба шахс ё ҳулиганизм ҷазо гирифтаанд, мушоҳида мешавад. Ин метавонад ба дастрасии маҳдуд ба таҳсилоти босифат, маргинализатсияи иҷтимоӣ ё зиёд шудани рафтории импулсивӣ, ки нақшакашии мураккабро талаб намекунанд, алоқаманд бошад.

Дар доираи таҳқиқотҳои криминологӣ, таҳлили ҳолати оилавии ҷавонони ҷинояткор аҳаммияти махсус дорад. Таҳқиқоти 100 парвандаи

ҷиноятии ҷавонон (18-35 сол) имконият дод, ки робитаи муҳим миёни ҳолати иҷтимоиву маишии онҳо ва рафтори ҷинояткорӣ ошкор шавад. «Ҷавонони имрӯза назар ба 10-15 соли пеш ду маротиба издивоҷ мекунанд. Дар ин бобат комилан фаҳмост, ки барои ҷавононе, ки ҷиноят содир кардаанд, паҳншавии ҳамзистии шаҳрвандӣ бештар хос мебошад».

Омили синну сол ба интихоби рафтори ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Вобаста ба намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонон *дар нуҳ моҳи* соли 2023 (3367 адад) содир шудаанд, дар байни онҳо ҷиноятҳо ба муҳобили ҳаёт ва саломатӣ (м.104-129 КҶ ҶТ) 170 адад – 5,05%, ҷиноятҳои зидди моликият (м.244-257 КҶ ҶТ) 1020 адад – 30,29%, ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир (м.200-205 КҶ ҶТ) 86 адад – 2,55% ва баъдан 62,11%-и онҳо ҳама кирдорҳои дигар мебошанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳҳои ҷавонон ҷиноятҳоро 2–2,5 маротиба бештар содир мекунанд, нисбат ба калонсолон. Ин тамоюл ба хусусиятҳои синнусолӣ робита дорад: дар ҷавонӣ, одамон майл ба амалҳои коллективӣ доранд, ки дар гурӯҳ кӯмак, захираҳо ва ҳисси вобастагӣ меёбанд. Аммо бо пиршавӣ, модели рафтор тағйир меёбад. Ҷинояткорони гурӯҳи ҷавонон (22-29-сола) тадриҷан ба фаъолиятҳои одиатӣ мегузаранд, ки бо ҷамъ кардани таҷриба, афзоиши эҳтиёткорӣ ва нобоварӣ ба муҳити атроф иртибот дорад. Қасимов таъкид мекунад, ки чунин гузариш низомнокии умумиро инъикос мекунад: ҳар чӣ шахс калонтар мешавад, мустақилияти вай дар амалҳои ҷиноятӣ афзоиш меёбад. Ҷиноятҳои гурӯҳӣ дар байни занон таваҷҷуҳ доранд. Ин бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла афзоиши шумори умумии занон ба корҳои ғайриқонунӣ вобаста аст [163, с. 89].

Инсон дар синни ҷавонӣ ва наврасӣ ҷиноят содир намуда, худро бо олами ҷиноятӣ сахт пайваста, бо ҳамин тариқ тамоми сарнавиштиояндаи худро пешакӣ муайян мекунад. Ин падидаро нисбатан густурда ба назар гирифта, хавфи бештар ва амиқтар ҷинояткорӣ шудани муҳити ҷавононро дар маҷмуъ бояд қайд кард. Ба қавли А.И. Бастрикин «тақрибан 1/3

ҷавонон ба худ имкон медиҳанд, ки дар гурӯҳҳои ҷиноятӣ иштирок кунанд» [34, с. 37-39]. Ақидаи мазкурро Кузнетсова Н.Ф. ҷонибдорӣ намуда, қайд кардааст, ки «афзоиши хашму ғазаб аз ғояи набудани талаботҳои иҷтимоӣ ва ноумедӣ дар зеҳни аксарияти кулли ҷавонон вазъи шадиди ҷинояткории ҷавононро шадидтар намуда, онро таъхир ва амиқтар мегардонад » [75, с. 121].

Мо низ ҷонибдори ақидаҳои мазкур мебошем ва мехоҳем таъкид намоем, ки дар ҳама синну соли ҷиноятӣкорони ҷавон ангезаи маъмултарин ғарази шахсӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот ҳамчунин нишон дод, ки теъдоди қобили мулоҳизаи ҷиноятҳои ҷавонон дар натиҷаи амалҳои иғвоангез, ғайриқонунӣ аз ҷониби ҷабрдида содир мешавад.

Таҳлили парвандаҳои судӣ ва тафтишотӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои хосаи ангезаҳои ҷиноятиро мушаххас намоем. Маълумоти оморӣ муҳим дар гурӯҳи синнусолии аз 22 то 29 сола мушоҳида мешавад, ки дар он ҷиноятҳо, ки бо таҳаввули низоҳои байнифардӣ барангехта шудаанд, бештар баробар мебошанд.

Афзоиши ҷиноятҳои ретсидивӣ дар байни ҷавонон ҳамоно яке аз ҷиддитарин мушкилот дар соҳаи ҷинояти ҷавонон боқӣ мемонад. Содир намудани ҷиноят бори дуюм ё баъд аз он на танҳо беэҳтиромӣ ба қонунро нишон медиҳад, балки тағйирёбии амиқи шахсиятро низ инъикос мекунад. Ин гуна амалҳо нишон медиҳанд, ки шахс иродаи устувор барои идомаи фаъолияти ҷиноятӣкорона дорад, ҳатто пас аз татбиқи санксияҳои пешбинишуда дар қонунгузории ҷиноятӣ нисбати ӯ. Ин исбот мекунад, ки дар ботини ӯ таассуби ҷиноӣ шакл гирифтааст, ки бо сатҳи поёнии назорат ба худ ва муқовимат бо импулсҳои харобкор омехта шудааст. Чунин кирдорҳо, махсусан, ба суиистеъмоли машрубот ва нашъамандӣ, аз даст додани шавқу ҳаваси меҳнат мусоидат мекунанд. Андешаи мазкур аз ҷониби В.В. Муравёв дастгирӣ карда шудааст [88, с. 13-16].

Ба ақидаи В.В. Муравёв «барои шахсони аз 18 то 30-сола ретсидиви ҷиноятӣ хос аст. Шумораи зиёди ҷиноятҳои такрорӣ дар гурӯҳи синну соли

25-30-сола ба қайд гирифта шудааст. Тавре ки таҳқиқоти муаллиф нишон медиҳанд, ҳиссаи ҷиноятҳои ретсидивӣ аз ҷониби ҷавонон (18-25 сола) айни замон хеле зиёд буда, 35-39% -ро ташкил медиҳад» [88, с. 13-16]. Сатҳи ҷиноятҳои такрории ҷавонон, ба андешаи В.В. Муравёв, майли пай дар пай афзоиш ёфтанро дорад [88, с. 13-16].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда маълум гардид, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо низ сатҳи редсидиви ҷиноят рӯ ба инкишоф қарор дорад.

Ҷинояткорӣ аз ҷониби ҷавонон бо кулли фарқ мекунад аз шахсоне, ки синну солашон баркамолрасида ё пиронсолон. Хусусияти фарққунандаи ҷинояткории ҷавонон ин макони содиршавии ҷиноят мебошад, ки ҷавонон имрӯзҳо аксари ҷиноятҳои содиркардаи худро дар; тарабхонаҳои (дилхушкунанда), майдонҳои консертӣ, клубҳо, варзишгоҳо, мағозаҳо, ҷойҳои истироҳатгоҳо содир менамоянд. Бинобар ин шахсоне, ки синну солашон каркамолрасида ва пиронсолон бо кулли аз ҷавонон бо он фарқ мекунанд, макони содиршавии ҷиноят дар шахсони мазкур ин; ҳавлӣ, хонаҳои истиқоматкунанда мебошанд.

Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби ҷавонон бояд ҳамчун омили муҳим барои паст кардани шиддати ҷиноятӣ дар маҷмуъ ва барои пешгирии редсидиви ҷиноят ва ҷиноятҳои муташаккил арзёбӣ карда шавад.

**Хусусиятҳои криминологии шахсияти ҷинояткорони баркамол ва пиронсол ва фаъолнокии ҷиноятии онҳо.**

Масъалаи хусусиятҳои шахсии ҷинояткорони болиғ дар илми муосири криминология мубрам боқӣ мемонад. Аммо, гарчанде ки он аз нигоҳи назариявӣ аҳаммиятнок аст, дар заминаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол кофӣ омӯхта нашудааст. Ин масъала ҳам ба таҳлили хусусиятҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷинояткорони болиғ ва ҳам ба омӯзиши афзоиши ҷиноятҳо дар ин гурӯҳи синнусолӣ алоқаманд мебошад.

Имрӯз одамони синну соли баркамол (махсусан давраи баъди камолот, калонсолӣ ва пирӣ) гурӯҳи босуръат афзоишёбандаи аҳолии кишварро

ташкил медиҳанд. Калонсолӣ марҳилаи ташаккули инсон аст, ки пас аз ҷавонӣ ва пеш аз пирӣ меояд. Ин марҳилаест, ки дар он камолоти пурраи ҷисмонӣ ва зеҳнии шахс ба даст оварда мешавадва пуррагии ҳуқуқ ва вазифаҳои иҷтимоӣ ва қонунӣ ба даст оварда мешавад. Он одатан ҳошиякашӣ шудааст то 60 сол ва ҳамчун платформаи мобайнӣ дар ҳаёти инсон фаҳмида мешавад [192].

Омӯзиши хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии ҷиноятҳои содиркардаи шахсони ин синну сол табиист имкон медиҳад, ки онро ҷиноятҳои аз ҳама криминогенӣ номида тавонем.

Бояд қайд кард, ки баландтарин сатҳи камолоти шахсӣ ҳеҷ гоҳ сарҳадҳои умумӣ надорад – он тавассути хусусиятҳои инфиродии инсон муайян мешавад ва метавонад ҳатто дар давраҳои дерини ҳаёт рушд кунад. Ин имкон медиҳад, ки раванди худкамолсозиро на ҳамчун як раванд, ки бо мӯҳлатҳои муқарраршударо маҳдуд шудааст, балки ҳамчун як роҳ, ки пайваста бо таҷрибаи ҳаёт, арзишҳо ва мутобиқшавӣ бо шароити тағйирёбанда Зеро, ҳақ ба ҷониби Ю.Д. Блювштейн мебошад вобаста аст, баррасӣ карда шавад., ки таъдик намудааст: «камолоти универсалӣ вуҷуд надорад ва мазмуни онро бояд вазифаи инкишофи ин ё он давраи синну сол муайян кунад» [38, с. 33].

В.В. Лунеев навишта буд: «...адолат на аз содир кардани ҷиноят, балки аз қайди онҳо оғоз меёбад. Агар қайд вуҷуд надошта бошад ҷиноят ва адолати судӣ вуҷуд надорад» [82, с. 83]. «Бояд гуфт, ки дар омори расмии ҷиноятӣ ҷинояткорони болиғ шахсони аз 30 то 49 сола, инчунин 50-сола ва калонтар мебошанд. Ҳамин тариқ, мавқеи В.В. Лунеевро ҷонибдорӣ намуда, метавон гуфт, ки даврабандии ғайримаълумотӣ аз нигоҳи тафсири минбаъдаи маълумоти дар омори расмӣ ҷамъовардашуда на танҳо манзараи воқеияти объективии ҷиноятро таҳриф мекунад, балки монеаи бартарафнашаванда дар роҳи муборизаи муассир бар зидди ҷинояткорӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда мешавад, ки хусусиятҳои муҳимтарини психофизиологии ба ҷинояткорон

дар давраҳои гуногуни синну соли балоғат хос ҷамъбаст карда, давраҳои фаъолнокии ҷиноятии онҳо муайян карда шаванд».

Хусусиятҳои ҷиноятии шахсони баркамолро баррасӣ менамоем. Калонсолон таҷрибаи бузурги ҳаётӣ, характери ташаккулёфта, эҳтиёҷот, одатҳо ва шавқу ҳаваси муқарраршуда доранд.

Вақте ки таҳқиқоти муқоисавии рафтори ҷинояткорона дар гурӯҳҳои гуногуни синну сол гузаронида мешавад, таваҷҷӯҳ ба фарқияти дараҷаи хатарнокии ҷамъиятӣ бештар ҷалб мешавад. Бар хилофи ҷинояткорони ноболиғ ва ҷавон, ки шахсияташон дар марҳалаи ташаккул қарор дорад, ҷинояткорони болиғ шакли дигаре аз фаъолиятҳои зидди иҷтимоӣ нишон медиҳанд. Аъмоли онҳо аз ҷиҳати харобкунӣ бо сабаби як қатор омилҳо бештар хатарнок аст. Аввалан, низоми арзишҳо ва таҷрибаи ҳаётии ба вуҷуд омада ба ҷинояткорони калонсол имкон медиҳанд, ки амалҳои ғайриқонуниро бо дақиқият бештар тарҳрезӣ кунанд, хавфҳои ошкор шуданро коҳиш диҳанд. Дуюм, амалҳои онҳо аксар вақт на ба хатоҳои импулсивӣ, балки ба интихоби огоҳона вобастаанд, ки нишон медиҳад, ки ҳадафҳои ахлоқӣ амиқ тағйир ёфтаанд.

Таҳқиқоти фаъолияти ҷиноятӣ дар синни балоғат ва калонсолӣ бо таваҷҷуҳ ба бӯҳронҳои синну сол то ҳол як соҳаи камомӯхташуда дар доираи илми криминология боқӣ мондааст. Хулосаҳои мавҷуда асосан бар асоси маълумоти ретроспективӣ таҳия шудаанд, ки ин хусусияти шартии тасаввуроти замонавиро таъкид мекунад. Аммо омӯзиши амиқи ин масъала зарурати замон гардидааст: усулҳои анъанавии муқобила бо ҷинояткорӣ, аз ҷумла шаклҳои нави он, дар шароити тағйирёбии воқеиятҳои иҷтимоӣ, технологӣ ва равонӣ самаранокии худро аз даст медиҳанд. Дар ин замина, бӯҳронҳои синну сол аҳаммияти махсус пайдо мекунанд – давраҳои кӯтоҳмуддат, вале шадиди бозсозии шахсият, ки бештар дар синни балоғат ва калонсол зоҳир мегарданд. Ин марҳилаҳо на танҳо бо низоъҳои дохилии равонӣ (аз қабили аз даст додани ҳувият, ҷустуҷӯҳои мавҷудиятӣ, коҳиши

захираҳои мутобиқшавӣ), балки бо тағйироти ҷиддӣ дар рафтори иҷтимоӣ ҳамроҳ мешаванд [92, с. 45].

Дар ҳоле ки дар ҷавонӣ бӯҳронҳои синнӣ пеш аз ҳама ба шаклгирии дохилии шахсият – ҷустуҷӯи ҳувият, худшиносӣ ва болиғ шудани эҳсосот вобастаанд, дар камолот омилҳои иҷтимоии беруна афзоиш меёбанд. Дар марҳилаи калонсолӣ, мувофиқи назарияи Э. Эриксон, бӯҳронҳои ҳалнашудаи марҳилаҳои қаблӣ шиддат мегиранд ва ба вуҷуд овардани ноустувории амиқи вуҷудӣ мерасонанд. Ноумедӣ ҳамчун натиҷаи аз нав арзёбии роҳи зиндагӣ пайдо мешавад: инсон имкониятҳои аздастрафтаро дарк мекунад, ки ин ба инкори таҷрибаи шахсӣ мебарад. Тарси марг бо ҳисси бемаънии ҳаёт вазнинтар мешавад ва кӯшишҳои инкори воқеият (масалан, тавассути рад кардани пиршавӣ ё ҷустуҷӯи маҷбурии амалиётҳои «ҷавонкунанда») фақат ихтилофи дарунии шахсро амиқтар мекунад [35, с. 49]. Чунин хислатҳои шахсият дар худ барои рафтори ҷинояткоронаи шахс заминаи мусоид мебошанд. Давраи зиндагӣ тақрибан дар синни 40-солагӣ аксар вақт ҳамчун оғози бӯҳрони синни миёна баррасӣ мешавад, ки тақрибан як даҳсола то синни 50-солагӣ давом мекунад. Ғайр аз бознигарии роҳи касбӣ, ки эҳсоси рукуд, корҳои амалӣнашуда ё ноумедӣ аз касбро дар бар мегирад, омилҳои калидии бӯҳрон шиддат гирифтани танишҳо дар муносибатҳои оилавӣ мешаванд [35, с. 49]. «Аҷиб аст, ки аксар вақт буҳрони 40-сола барои одамоне, ки дар кӯдакӣ ва ҷавонӣ буҳронро осонтар сипарӣ намудаанд, хусусан агар қарорҳо таҳти таъсири ягон омил қабул карда шаванд душвортар мегузарад. Одамоне, ки мушкилоти интихобро мустақилона ҳал кардаанд, маҳорати худшиносӣ, мубориза бо мушкилот, муқовимат доранд, бинобар ин, устувории онҳо баландтар аст. Ҳамин тариқ, миёнаҳои зиндагӣ замонест, ки одамон ҳаёти худро аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил ва баҳо медиҳанд» [35, с. 49].

Тибқи таҳқиқот, аз рӯйи гурӯҳҳои синну сол, мардон ва занон ба таври зерин тақсим карда шудаанд.

**Маълумот дар бораи шумораи шахсоне, ки дар байни марду зан ҷинояткорон ҳастанд (таносуб барои ҳар як давраи синну сол алоҳида)**

| Ҷинс | 18-30 сола | *31-36-сола* | 37-46 сола | 47-58-сола | 59-70-сола | аз 70 боло |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 45 адад | *22 адад* | 15 адад | 15 адад | 3 адад | – |
| Мард | *97,8%* | *89%* | 66,67% | 80% | 100% | – |
| Зан | *2,2%* | *11%* | 33,33% | 20% | –% | – |

Бешубҳа, ҳангоми омӯзиши шахсияти ҷинояткори баркамол ва пиронсол вазъи оилавии ӯ аҳаммияти муҳим дорад. Суст шудани робитаҳои иҷтимоӣ, алалхусус оилавӣ ба ташаккул ва мустаҳкам шудани муносибату одатҳои зиддиҷамъиятӣ мусоидат мекунад [73, с. 125].

Оила намунаи муносибатҳои байни шахс ва ҷомеа буда, вазифаи иҷтимоигардониро иҷро карда, мутобиқшавии шахсро ба ҳаёт дар ҷомеаи дорои хусусияти иҷтимоӣ таъмин мекунад. Метавон гуфт, ки ҳама гуна ҷинояти қасдан содиршуда гувоҳӣ медиҳад, ки хонаводаи ин ҷинояткор, агар дар ҳодисаи рухдода саҳм надошта бошад, ҳадди ақал ба он муқовимати дуруст нишон надодааст. Дар ҳолатҳое, ки оила вазифаи асосии худро мутобиқсозии иҷтимоии аъзои худ иҷро намекунад, ин шароит барои рӯй овардани рафтори девиантӣ замина мегузорад. Норасоии дастгирӣ дар раванди ҳамгироӣ бо ҷомеа на танҳо хатари ҳуқуқвайронкуниҳоро аз ҷониби аъзои алоҳидаи оила афзоиш медиҳад, балки модели устувори фикркунии ҷиноиро низ ташаккул медиҳад. Ин вазъият ба заъифшавии низомии сохтори оила оварда мерасонад, ки тадриҷан ба як ҳуҷайраи асотсиалӣ ва маҳдуд табдил ёфта, моделҳои вайронгари ҳамкории бо ҷомеаро такрор мекунад [205].

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ бисёре аз ҷинояткорон дар вақти содир намудани ҷиноят ҷудошуда ё муҷаррад буданд. Танҳо 62% ҷинояткорони калонсол ҳангоми

содир кардани ҷиноят дар издивоҷ қарор доштаанд. Муайян шудааст, ки шумораи бештари ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини дорои хусусияти зӯроварӣ аз ҷониби шахсони ҷудошуда содир карда шудааст. Шахсони калонсол ва пиронсол, ки дар як маротиба расман оила накардаанд, бештар дар парвандаҳои ҷиноятӣ шомил мешаванд, ки шояд ба сабабҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва амиқ рабт дошта бошад. Таҳлилгарон қайд мекунанд, ки нобоварии эҳсосӣ, ки бо танҳоии дарозмуддат ё вайроншавии оила ба вуҷуд омадааст, аксар вақт сабаби рафтори агрессивӣ мешавад. Раванди махсусро ғайрат ва орзуҳои соҳибихтиёрӣ бозӣ мекунанд, ки дар одамони синни миёна метавонанд шаклҳои паталогӣ пайдо кунанд, бо сабаби ғам, тарси изолятсияи иҷтимоӣ ё кризи шеносоии худ.

Тавре Х.Ғ. Ҷалолов дар рафти таҳқиқотҳои иҷтимоӣ муайян кардааст, занон, ки баъд аз адо кардани муҳлати зиндон озод мешаванд, бисёр вақт бо нобуд шудани комили дастгирии оилавӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ин бо он рабт дорад, ки шавҳарон дар аксар ҳолатҳо замони зиндонӣ шудани ҳамсарашон ё баъд аз озод шудани ӯ алоқаи оилавиро қатъ мекунанд [161, с. 82], бинобар ин, ҷойи истиқомати занони қаблан маҳкумшуда барои содиршавии ҷиноятҳои нав таъсир мерасонад.

**Маълумот дар бораи вазъи оилавии шахсони ҷиноятсодиркарда.**

| Ҷинс | 18-30 сола | *31-36-сола* | 37-46 сола | 47-58-сола | 59-70-сола | аз 70 боло |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 45 адад | *22 адад* | 15 адад | 15 адад | 3 адад | – |
| оиладор | *40%* | *72,7%* | 86,7% | 80% | 100% | – |
| муҷаррад | *60%* | *27,3%* | 13,3% | 20% | –% | – |

Ба фаъолнокии рафтори ҷинояткоронаи ҷинояткорон, инчунин вазъияти саломатӣ, ки ба ҷинояткорони синну соли шахсони баркамол бештар диққат дода мешавад, таъсир мерасонад.

Ҳангоми таҳлили масъалаи баррасишаванда маълум гардид, ки омили дигари таҳлилшаванда ин сатҳи маълумотнокии шахсони ҷиноятсодиркарда ба ҳисоб меравад, ки онро дар чунин ҷадвал пешниҳод намудан мумкин аст.

**Маълумот дар бораи сатҳи таҳсилоти шахсони ҷиноятсодиркарда**

| Синну сол | 18-30-сола | *31-36-сола* | 37-46 сола | 47-58-сола | 59-70-сола | аз 70 боло |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 45 адад | 22 адад | 15 адад | 15 адад | 3 адад | – |
| Миёнаи нопурра | *20%* | *13,6%* | – | 6,7% | – | – |
| Миёна | *48,8%* | *40,9%* | 53,3% | 33,3% | 66,7 % | – |
| Миёнаи махсус | *6,67%* | *4,5%* | – | 6,6% | – | – |
| Олии нопурра | *2,22%* | *4,5%* | – | – | – | – |
| Олӣ | *22,22%* | *36,36%* | 46,7% | 53,3% | 33,3% | – |

Аксарияти ҷинояткорони болиғро бекорон ва нафақахӯрон ташкил медиҳанд, ба истиснои гурӯҳи 36-49 сола, ки дар он маҳкумшудагон шуғли худро ҳамчун коргар нишон додаанд.

**Маълумот дар бораи шуғли шахсони ҷиноятсодиркарда**

| Синну сол | 18-30-сола | *31-36-сола* | 37-46 сола | 47-58-сола | 59-70-сола | аз 70 боло |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 45 адад | 22 адад | 15 адад | 15 адад | 3 адад | – |
| бекор | *88,8%* | *63,6%* | 73,3 | 73,3% | 100% | – |
| Бо шуғл | *11,2%* | *36,4%* | 26,7% | 26,7% | – | – |

Ба шахсияти одами баркамол, ки ҷиноят содир кардааст, баҳо дода, одату эҳтиёҷоти ӯ, ангезаҳои мақсадноки зиндагиро муайян кардан лозим аст. Психологҳо қайд мекунанд, ки дар сатҳи пасти танзимкунандаи рафтор одатҳо на танҳо назорат карда намешаванд, балки ба механизмҳои

мақсадноки рафтор табдил меёбанд. Дар баробари ин нақши ҷузъи фикрӣ-ихтиёрии танзим якбора паст шуда, рафтори беандеша ба амал меояд [96, с. 261; 97, с. 84].

Бо мурури синну сол ангезаҳои ҷиноят, дар баробари манфиати шахс аксар вақт ба муноқиша бо ҷабрдида табдил меёбад, ки пинҳонӣ ва давомдор мебошад. Дар мардони синну соли баркамол (аз 36 то 65-сола) ангезаҳо асосан хусусияти ғаразнок ва ғаразнокӣ – зуроварӣ доранд ва пас аз 66 солагӣ ангеза – ба хусумат нисбат ба ҷабрдида табдил меёбад. Эҳтиёҷоти объективӣ шояд ангезаи хатарноктарин ва паҳншуда бошад, ки ба пешравии ҷиноятҳои такрорӣ, махсусан дар байни пиронсолон мусоидат мекунад. Нақши он дар шароити номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ имрӯз ҳам хеле муҳим аст [163, с. 111].

Натиҷаҳое, ки дар асоси таҳқиқоти оморӣ оид ба ҷинояткории такрорӣ бар асоси мониторинги фаъолияти низоми ҷиноятӣ ба даст омадаанд, нишон медиҳанд, ки тақрибан чоряки шахсоне, ки пас аз расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳкум шудаанд, дар давраи мутобиқшавии иҷтимоӣ пас аз адои ҷазо дубора ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб мегарданд. Падидаи мазкур бо набудани нақшакашии дуруст барои ҳаёти пас аз ҷазо рабт дорад, ки боиси нокомии мутобиқсозӣ ба меъёрҳои иҷтимоӣ мегардад. Содир кардани ҷиноятҳои ҳар чи бештар бо синну сол ба одат табдил меёбад ва ҷузъи тарзи ҳаёт мегардадодатҳо дигар тағйир намеёбанд. Чунин вазъият дар рафтори маҳкумшудагон нисбат ба шахсони дигар ва умуман ба ҳаёт мушохида мешавад: онҳо эҳтиёҷоти қафомонда, манфиатҳои паст дошта, мақсаду маросҳои ҳаётӣ надоранд [69, с. 347].

Муайян намудани ангезаи рафтори ҷиноятӣ дар давраҳои гуногуни камолоти занон хеле мушкилтар аст. В.Н. Кудрявсев қайд кардааст, ки занон нисбат ба мардон бештар ҳассос, эҳсосотӣ ва хашмгинанд [72, с. 137-138]. Е.В.Середа ошкор намуд, ки хоҳиши зан барои раҳоӣ аз ҷабрдида ё хоҳиши интиқоми ӯ барои кирдораш аксаран ангезаи ҷиноятҳои зӯроварона мебошад [102, с. 11-12].

М.Н. Голоднюк ва В.И. Зубкова бо ишора ба тафовутҳои гендерӣ ва истинод ба маълумоти адабиёти тиббӣ қайд мекунанд, ки «шумораи зиёди заноне, ки ба муқобилияти шахсият ҷиноят содир кардаанд, дорои хислатҳои хоси психопатикӣ мебошанд, вале на ҳамеша, ҳатто дар якҷоягӣ бо таъсири манфии иҷтимоӣ, ки боиси пайдоиши онҳо мегардад, рафтори ҷиноятӣ содир мекунанд. Заноне, ки барои лату кӯб, туҳмат ва таҳқир маҳкум шудаанд, аз ҳад зиёд асабонӣ ва зуд-зуд хашмгин мешаванд» [48, с. 96-100].

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки баръакси мардон, осеби равонии марбут ба муноқишаҳои касбӣ ё оилавӣ дар занони баркамол аксар вақт тӯлонӣ ва дақиқ аст. Ба андешаи Т.Н. Волкова дар аксари мавридҳо ангезаҳои ҷиноятҳои хушунатомези занон кина, манфиати худ ва рашк мебошанд [159, с. 12-18]. Чунин сабабҳо ба монанди тарс ва ҳасад ҳиссаи тақрибан баробарро ташкил медиҳанд. Занони ин тоифа майл доранд, ки дар зери таъсири эҳсосоте, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят ҳукмфармост, бидуни дарки кофии вазъият амал мекунанд [127, с. 9-11]. Муҳити номусоиди хона, ваҳшати мунтазами аъзои оила нисбати зан, ин яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, дар ин ҳолат ҷиноятҳои бераҳмона аз ҷониби занҳо содир мешаванд.

Аз ҷониби занҳо бештар дар синну соли (36-40) ҷиноятҳо содир мешаванд.

Онҳоро бештар аз ҳама рафтори ҷабрдида (тақрибан 70%) ба хашм овардааст ва аз ҷумлаи сабабҳо, аз қабили рашк ва хоҳиши хушнудии мард низ зикр шудааст. Эҳтиёҷот дар баробари таҳқир ангезаи аслии ҷиноятҳои занони аз 50 то 55-сола ба ҳисоб меравад. Инчунин, аксар вақт занон дар ин синну сол аз рафтори ҷабрдида ба хашм омадаанд. Баъди синни 55-солагӣ қариб ҳама ҷиноятҳо бо ангезаҳои манфиатҳои шахсӣ ва бадбинӣ содир мешаванд. Бо дарназардошти он ки як қисми назаррас аз ангезаҳои муайяншудаи амалҳои ҷинояткорӣ байни шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, аз падида «худро гум кардан» бармеояд, зарурати омӯзиши амиқи

ҳоли равонӣ-эмотсионалӣ равиши системавиро тақозо мекунад, ки бояд ҳам гурӯҳҳои занона ва ҳам гурӯҳҳои мардонаи ҷинояткорро фаро гирад.

Дар байни зуҳуроти сершумори хусусиятҳои синну соли шахс, хусусияти ҷиноятҳои содиркардаи онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Таҳқиқоти фаъолиятҳои ҷиноятии ин гурӯҳ нишон дод, ки бештар ҳиссаи ҷиноятҳои молӣ ва иқтисодӣ ба шахсоне рост меояд, ки ба авҷи фаъолияти иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ расидаанд синнест, ки онҳо дорои захираҳои максималӣ, робитаҳои касбӣ ва дастрасӣ ба неъмоти моддӣ мебошанд. Статистика нишон медиҳад, ки дар синни 39-40 солагӣ як болоравии парадоксалии фаъолияти ҷиноятӣ мушоҳида мешавад, ки мумкин аст бо буҳрони худидоракунӣ, талош барои пешравии молӣ ё истифодаи таҷрибаи ҷамъшуда дар мақсадҳои қонуншиканона иртибот дошта бошад. Баръакс, шахсони синни 56-60 сола ҳадди ақали дастгирӣ ба ҷиноятҳоро нишон медиҳанд, ки ин бо коҳиши орзу ва амбиция, гузаштан ба вазъи устувор ё аз даст додани имкониятҳо барои татбиқи нақшаҳои мураккаб шарҳ дода мешавад.

Масалан, бо ҳукми Суди ҳарбии гарнизони Душанбе аз 24-уми августи соли 2021 Б.М.А. 2-юми марти соли 1968 соли таваллудаш, бо он гунаҳкор дониста шудааст, ки духтур-мутахассис Б.М.А. дар асоси қарори раиси ноҳияи Рӯдакӣ дар давраи даъвати баҳори соли 2021 дар кори комиссияи даъвати ноҳияи Рӯдакӣ ба ҳайси духтур-мутахассиси ҷарроҳи комиссияи даъвати тиббии ноҳияи Рӯдакӣ шомил гардида, ӯ 17-апрели соли 2021 дар ҳайати духтурон-мутахассисони комиссияи даъвати ноҳияи Рӯдакӣ ба ҳайси духтури ҷарроҳ иштирок дошт. Худи ҳамон рӯз ба комиссияи даъват даъватшаванда Р.С.С., ки гирифтори бемории «Паҳнкафи модарзоди дараҷаи 3-юм аз ҳар ду тараф» буд, ҳозир гардида аз комиссияи тиббӣ гузашт. Ҳангоми иштирок дар комиссияи даъват Б.М.А., ҳамчун духтури ҷарроҳ нисбат ба вазифаҳои хизматиаш хунукназарона муносибат намуда, вазифаҳои хизматии худро ба таври дахлдор иҷро накарда, даъватшаванда

Р.С.С.-ро ба таври дақиқ ва дахлдор иҷро накарда, бемории ӯро, гарчанде ошкор карда бошад ҳам, ӯро ғайриқонунӣ аз ҷиҳати саломатӣ бо маҳдудиятҳои ҷузъии дараҷаи 3 солим ба қобили хизмати ҳарбӣ донист, ки ин боиси ба хизмати ҳарбӣ даъват ва барои адои он ба қисми ҳарбии 87740 Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар шудани ӯ гардид. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи муносибати хунукназаронаи Б.М.А., ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи Р.С.С., ба таври ҷиддӣ покмол гардида, ин ҳолат боиси ғайриқонунӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват сафарбар намудани ӯ гардид.

Аммо баръакси ҳолати мазкур низ дар таҷриба ба мушоҳида мерасад.

Аз ҷониби шахсоне, ки дар синни 40-50-солагӣ ҷиноят, содир кардаанд бо баъзе хусусиятҳои худ аз шахсоне, ки дар синни 30- солагӣ ва баъди 50-солагӣ ҷиноят содир мекунанд, хеле зиёд фарқ мекунанд. Ҳамин тариқ, дар байни шахсони калонсолон дар давраи нуҳ моҳи соли 2023 ҳиссаи ҷиноятҳо чунин ба назар мерасад:

- *ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ (м. 104-129 КҶ) – 285 адад – 4,96%;*
- *ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият (м. 130-137 КҶ) –14 адад – 0,24%;*
- *ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ (м. 138-142¹ КҶ) – 54 адад – 0,93%;*
- *ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд (м. 143-164 КҶ) – 175 адад – 3,05%;*
- *ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон (м. 165-178 КҶ) – 404 адад – 7,03%;*
- *ҷиноятҳо ба муқобили амнияти чамъиятӣ (м. 179-199¹ КҶ) – 53 адад – 0,92%;*
- *ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ (м. 200-210 КҶ) – 487 адад – 8,47%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт (м. 211-219 КҶ) – 403 адад – 7,01%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист (м. 220-236 КҶ) – 68 адад – 1,18%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ (м. 237-243 КҶ) – 747 адад – 12,99%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили моликият (м. 244-257 КҶ) – 1687 адад – 29,35%;*

• *ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (м. 258-297 КҶ) – 235 адад – 4,07%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (м. 298-304 КҶ) – 4 адад – 0,069%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат (м. 305-313 КҶ) – 311 адад – 5,41%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ (м. 314-327 КҶ) – 185 адад – 3,22%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ(м. 328-344 КҶ) – 509 адад – 8,84%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ (м. 345-365 КҶ) – 53 адад – 0,93%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ (м. 366-394 КҶ) – 50 адад – 0,87%;*

• *ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният (м. 395-405 КҶ) – 54 адад – 0,93%.*

Таҳқиқотҳои муосир дар соҳаи нейропсихология тағйирёбии рафторро дар ҳолати бемориҳои нейродегенеративии вобаста ба синну сол муайян кардаанд. Хусусан, дар ҳолати деменсияи пирӣ, ки дар қисми одамон дар синну соли калон инкишоф меёбад, коҳиши тадриҷии намунаҳои рафтори иҷтимоии мақбул мушоҳида мешавад. Аз байн рафтани меъёрҳои ахлоқии пешина ва гум шудани ҳисси ҳаёро олимон бо атрофияи қисми пеши мағзи сар алоқаманд медонанд, ки он барои назорати эҳсосот ва қабули қарор масъул аст. Аксар вақт педофилия ва эфебофилия вуҷуд доранд, ки бо ҷалби

патологӣ ба кӯдакон ва наврасон тавсиф мешаванд ва кӯдакони шиносҳо ё атрофиёни наздикро ҳамчун объекти ҷалб интихоб кардан мумкин аст [91, с. 42-44]. Таҳқиқотҳои В.В. Прокофев нишон медиҳанд, ки доираи синну соли шахсоне, ки ҷиноятҳои педофилия содир мекунанд, хеле гуногун аст, аз наврасон то шахсони синну соли пир. Олим қайд менамояд, ки хусусиятҳои ҷиноятҳои шаҳвонӣ алайҳи ноболиғон вобаста ба синну соли ҷинояткор, табиати амали содиршуда ва қурбонии интихобшуда фарқ мекунанд. Таҳлили маълумоти оморӣ имкон медиҳад, ки қонуниятҳои равшан муайян шаванд. Масалан, «қисми асосии амалҳои бадахлоқӣ (тақрибан 0,08% аз шумораи умумии ҷиноятҳои ба қайдгирифташуда) аз тарафи мардони синни миёна аз 30 то 49 сола содир мегарданд». Ин давра эҳтимолан бо намунаҳои устувори рафтор ва буҳрони эҳтимолии ҳувият алоқаманд аст [136, с. 34-39]. Мо муайян кардем, ки шумораи бештари ҷиноятҳо муқобили дахлнопазирии ҷинсии ноболиғон дар байни ҷинояткорони синнашон 40-49 ва 52-53 -сола ошкор шудааст. Натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки синну соли содиркунандагони чунин ҷиноятҳо зиёд шуда истодааст.

Тадқиқотҳо муайян мекунанд, ки ҷиноятҳои ретсидивӣ бештар ба он гурӯҳи шахсоне, ки барои дахолат ба моликият, хос мебошанд.

Ҷиноятҳои гурӯҳӣ аксаран бар асоси тартиби равшан, тақсими нақшҳо ва робитаҳои дарозмуддат ташкил меёбанд, ки устувории онҳоро таъмин мекунад. Хусусияти муҳими онҳо ҳамгироии амиқ ба муҳити ҷиноятӣ мебошад: иштирокчиён шабакаҳои ҷиноятиро фаъолона барои мубодилаи захираҳо, иттилоот ва пинҳон доштани фаъолиятҳои ғайриқонунӣ истифода мебаранд. Дар муқоиса бо ин, гурӯҳҳои ноболиғон камтар чунин сохторро доранд, иттиҳодияҳои онҳо бештар ҳолатӣ, аз ҳиссиёт бармеоянда ва бо ҷинояткории ташкилёфта кам алоқамананд, ки онҳоро камтар устувор ва касбӣ мегардонад. Маълумотҳои оморӣ ҷанбаҳои синниро дар ҷинояткории гурӯҳӣ нишон медиҳанд: аксари чунин кирдорҳоро шахсони то синни 50

содир мекунанд. Инро метавон бо фаъолиятҳои ҷисмоние, ки ба синни ҷавонӣ хосанд, ва ҳамчунин бо омилҳои иҷтимоӣ, масалан, кӯшиши худташаккулёбӣ дар гурӯҳи ҷиноятӣ ё мушкилоти иқтисодӣ тавзеҳ дод. Ҳамзамон, нобаробарии ҷинсӣ як хусусияти барҷастаи гурӯҳҳои ҷиноятӣ боқӣ мемонад: мардон дар таркиби онҳо новобаста аз синну сол ҳукмронанд. «Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти анҷомшуда миёни маҳкумшудагон нишон медиҳанд, ки занон бештар ба ҷиноятҳои гурӯҳӣ майл доранд нисбат ба ҷиноятҳои инфиродӣ, тақрибан 70%-и онҳо дар ҳайати гурӯҳ амал кардаанд».

Дар таҳқиқоти илмии замони муосир ба ҳолати равонии шахсият аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад, зеро он нақши калидӣ дар ташаккули намунаҳои рафторӣ дорад. Таҳқиқотчиён таъкид мекунанд, ки вайроншавии равонӣ ҳатто вақте ки дуюмдараҷа буда, аз бемориҳои соматикӣ (масалан, ихтилолҳои эндокринӣ, бемориҳои рагҳои мағз ё оқибатҳои лат хӯрдани косахонаи сар) бармеояд, метавонад ҳамчун ангезандаи рафторҳои девиантӣ зоҳир гардад.

Дар доираи таҳқиқоти крминология сатҳи паҳншавии ихтилолҳои равонӣ дар миёни шахсони синну соли миёнасолу пиронсол, ки ҷиноят содир мекунанд, ҳанӯз ҳам масъалаи баҳсбарангез боқӣ мемонад. Мӯҳокимаи ин мавзуъро Ю.М. Антонян, М.И. Еникеев ва В.Е. Еминов мавриди таҳлил қарор дода, ба ихтилофи назарҳо ишора мекунанд, вале таъкид менамоянд, ки дар аксари ҷинояткорони пиронсол нишонаҳои устувори патопсихологӣ мушоҳида мешаванд. Тибқи маълумоти онҳо, чунин ихтилолҳо аксар вақт хусусияти муттаҳидона доранд: нишонаҳои невротикӣ, вайроншавии шахсият ва коҳиши умумии фаъолияти когнитивӣ-эмотсионалиро дар бар мегиранд, ки бо фалаҷшавии синнусолонаи функсияҳои равонӣ рабт доранд. Олимон робитаи мустақим байни ихтилолоти равонӣ ва хоси рафтори ҷиноятиро равшан мебинанд. Масалан, таҳқиқотҳои эмпирикӣ нишон медиҳанд, ки тақрибан 40 % ҷиноятҳо дар ин

гурӯҳи синнусол ба кирдорҳои авбошӣ иртибот доранд, ки онро бо асабоният, импулсивӣ ва коҳиши назорат бар рафтор фаҳмидан мумкин аст. Ҷиноятҳои хушунатомез (21%), аз ҷумла қатл ва захмҳои вазнин, аксар вақт бо тамоилҳои параноя, дарки тағйирёфтаи таҳдид ё осебҳои органикии пешрафтаи мағз алоқаманданд [30, с. 70]. Бар хилофи равишҳои маъмулӣ ва илмии паҳншуда, мавқеи О.В. Барсукова назари комилан дигар ба масъала нишон медиҳад. Бо анҷом додани як таҳқиқоти васеъ бо иштироки 171 бемори синну соли пир, олим муайян намуд, ки истифодаи чораҳои маҷбурии тиббӣ дар ин гурӯҳи синнӣ хеле кам ба назар мерасад. Тибқи маълумоти бадастомада, танҳо дар як ҳолат – дар ҳоли ташхиси осеби косахонаи сар бо паёмадҳои ҷиддии когнитивӣ – чунин чораҳо зарур дониста шудаанд. Дар баробари ин, Барсукова таъкид мекунад, ки худи таъини табобати маҷбурӣ нишондиҳандаи аз даст рафтани қобилияти ҳуқуқӣ нест.

Дар миёни шахсоне, ки бо нуқсони равонӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, маъмултарин ҳолатҳо чунинанд: вобастагии спиртӣ, халалҳои шахсият (психопатияҳо), норасоии интеллектуалӣ (олигофрения), инчунин оқибатҳои латохӯрии сар ва мағз ва осеби органикии низоми асаби марказӣ. Ба ҳамин гурӯҳ аксаран дигар ихтилолҳои равонӣ низ дохил мешаванд, ки, бо он ки ба рафтор таъсири барҷаста доранд, камтар бо расмиёти муайян намудани маъюбӣ ҳамроҳ мешаванд. Бинобар ин, ба нишондиҳандаҳои солимии равонии категорияи синну соли баррасишавандаи ашхос диққати махсус додан лозим аст [206].

Депрессияи дер, ки бештар дар занон ташхис дода мешавад, як навъи вазнини бемории рӯҳӣ ба ҳисоб меравад, ки асосан дар синни калонсолӣ пайдо мешавад. Дар давраҳои шиддатёбии ҳолатҳои изтиробӣ, дар беморон хавфи баланди рафтори худзараррасонӣ мушоҳида мешавад: бо кӯшиши рафъи дарди эҳсосотӣ, онҳо метавонанд ба таври ноогоҳ ба худ зарари ҷисмонӣ расонанд (то ба дараҷаи шикастани устухонҳо ё буришҳои амиқ), инчунин амалҳои бодиққат тарҳрезишудаи худкуширо анҷом диҳанд.

Таҳқиқотҳои клиникӣ нишон медиҳанд, ки ин навъи депрессия ҷараёни тӯлонӣ дорад, нишонаҳои он, аз ҷумла бепарвоӣ, хастагии музмин ва ҳисси ноумедӣ, метавонанд дар тӯли 2-3 сол боқӣ монанд ва ба таври ҷиддӣ сифати зиндагиро паст намоянд [193].

Таҳлили гузаронидашудаи хусусиятҳои демографии ҷинояткорон низоми устувори синнусолиро ошкор намуд. Фоизи аз ҳама баланди кирдорҳои ғайриқонунӣ байни шахсони баркамол ва пиронсолонро гурӯҳи синнусолии 36-49-сола ташкил медиҳад, ки ин имкон медиҳад ин гурӯҳро ҳамчун гурӯҳи калидӣ дар сохтори ҷинояткории вобаста ба синну сол арзёбӣ намоем. Тақсимоти ҷинсӣ тавозуни анъанавии худро нигоҳ медорад: мардон дар омор ҳукмфармо мебошанд, вале ҷалби ғайримуқаррарии баланди занон мушоҳида мешавад. Тағйирот вобаста ба «синну сол, махсусан дар давраҳои буҳронҳои инкишоф (монанди гузариши наврасӣ, буҳрони миёнасолагӣ ё пиршавӣ), дар якҷоягӣ бо омилҳои манфии иҷтимоӣ ва муҳити атроф метавонанд ба намунаҳои рафтори инсон, аз ҷумла шаклҳои девиантӣ ва ғайриқонунӣ, таъсири назаррас расонанд». Муҳим аст таъкид намудан, ки бар хилофи қолабҳои маъмул, аксарияти ҷинояткорони дар охири синни наврасӣ ва шахсони пиронсол клиникан патологияи равонии возеҳеро намоиш намедиҳанд, ки метавонад асоси дахолати маҷбурии тиббиро фароҳам оварад. Ин ба мураккабии ҳамкории асосҳои биологӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ дар пайдоиши рафтори ҷиноятӣ ишора мекунад.

Сарфи назар аз тамоюли умумӣ ба коҳиши фаъолиятҳои ҷиноятӣ дар байни шахсони аз 50-сола боло, маълумотҳои оморӣ ба як далели ҷолиб ишора мекунад: шахсоне, ки аз ин марзи синнӣ гузаштаанд, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнинро бештар аз онҳое содир мекунанд, ки ба синни дақиқи 50 расидаанд. Ин падида ҳам дар байни мардон ва ҳам занон мушоҳида мешавад, ки хусусияти умумии онро нишон медиҳад. Ин ҳолат метавонад бо ҷамъшавии фишорҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (аз қабили аз даст рафтани ҷойи кор, буҳрони шахсияти шахсӣ), дигаргуниҳои рӯҳӣ ё иштирок

дар сохторҳои ҷиноятии дарозмуддат алоқаманд бошад. Масалан, шахсони аз 60-сола боло бештар ба қаллобӣ ё ҷиноятҳои молиявӣ ҷалб мешаванд, дар ҳоле ки шахсони 50-сола майли бештар ба амалҳои зӯроварӣ дар заминаи маишӣ нишон медиҳанд.

# БОБИ III. МЕХАНИЗМҲОИ ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТКОРӢ ВОБАСТА БА ОМИЛИ СИННУ СОЛ

## 3.1. Профилактикаи криминологии ҷинояткорӣ байни ноболиғон

Таҳқиқоти ҷиҳатҳои криминологӣ ба ташаккули муносибати низомӣ дар пешгирии ҷиноятҳо дар гурӯҳҳои синнусолии гуногун равона шудааст. Тавре ки Ю.М. Антонян ва Т.Н. Волкова қайд менамоянд, таҳлили амиқи хусусиятҳои синнусолии шахсоне, ки ба амалҳои ҷинояткорӣ майл доранд, заминаи таҳияи стратегияи пешгирикунандаи мақсаднок мегардад. Олимон таъкид менамоянд, ки фарқиятҳо дар ангеза, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва хусусиятҳои равонии ноболиғон, калонсолон ва пиронсолони ҷинояткор талаб мекунанд, ки муносибати фарқкунанда ба роҳ монда шавад [27, с. 34-35].

Пешгирии ҷинояткорӣ як фаъолияти низомиест, ки ҳам усулҳои умумӣ ва ҳам махсусро дар бар мегирад. Асоси онро маҷмуи чорабиниҳо ташкил медиҳанд, ки на танҳо ба ошкор сохтани сабабҳо ва шароити аслии содиршавии ҷиноят, балки ба бартараф ё кам кардани таъсири манфии онҳо равона шудаанд.

Пешгирии ҷинояткорӣ дар маркази низоми донишҳои криминологӣ қарор дорад ва ҳамчун самти калидии ҳам таҳқиқоти назариявӣ ва ҳам фаъолияти амалӣ баромад мекунад. «Криминология ҳамчун илм ба ҳаллу фасли мукаммали масъалаҳо равона шудааст: он бо таҳлили омилҳое, ки ҷинояткориро ба вуҷуд меоранд (омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ) маҳдуд намешавад, балки ҳамчунин динамикаи тағйирёбии онро дар шароити ҷомеаи рӯ ба тағйир меомӯзад» [29, с. 63]. Вазифаи муҳимтарини ин фан таҳияи стратегияҳои самараноки муқовимат ба падидаҳои девиантӣ мебошад, ки дар бар мегирад: пешгӯии хатарҳо, безарар гардонидани омилҳои ҷиноятзо ва ҷорӣ кардани чораҳои пешгирикунанда.

Олимон мафҳуми пешгирии ҷиноятро гуногун шарҳ додаанд. Пеш аз баррасии мафҳуми «пешгирии ҷиноятkорӣ» бояд қайд кард, ки дар адабиёти

ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ як қатор мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд, аз қабили «назорати ҷинояткорӣ», «мубориза бо ҷинояткорӣ», «муқовимат ба ҷинояткорӣ», «пешгирии ҷинояткорӣ» мавҷуданд. Аксар вақт онҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд, гарчанде ки ҳар яке аз ин истилоҳот мазмуни гуногун доранд.

Мафҳумҳоро «мубориза бо ҷинояткорӣ» ва «назорати ҷинояткорӣ» дар амалияи ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамчунин дар фазои расонаӣ фаъолона истифода мебаранд. Онҳо маҷмуи чораҳое мебошанд, ки давлат бо мақсади таъмини қонуният ва амнияти ҷамъиятӣ амалӣ менамояд [103, с. 16].

Ба андешаи С.С. Симонова пешгирии ҷинояткорӣ ин фаъолияти давлат ва ҷомеа оид ба таъсир расонидан ба ҷинояткорӣ, муйян кардани сабаб ва шароити содир шудани онҳо; шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд ё онҳое, ки мақсади содир намудани онро доранд бо мақсади кам намудани таъсири криминогении онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, безарар кардан ё барҳам додани онҳо мебошад [103, с. 15].

Дар ҳуҷҷати расмии сатҳи универсалӣ – Модули №2-и СММ бошад чунин мафҳуми пешгирии ҷиноят пешбинӣ шудааст: пешгирии ҷиноят ба ҳама гуна фаъолияти шахс ё гурӯҳи ашхос, ҷамъиятӣ ё хусусӣ, ки нияти бартараф кардани ҷиноятро пеш аз рух додани он ё пеш аз андешидани ягон амали минбаъдаро дорад, дар назар дорад. Дар асоси модели зикршуда, баъзе назариячиён байни пешгирии ҷиноятҳои ибтидоӣ (универсалӣ), пешгирии ҷиноятҳои дуюмдараҷа (дар зери хатар) ва пешгирии ҷиноятҳои сеюм (ҷинояткорони маълум)-ро фарқ мекунанд [208].

Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронида ба хулоса омадан мумкин аст, ки «пешгирии ҷиноят – маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдори давлатӣ ва дигар шахсон ба муқобили кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, бо мақсади пешгирии содир намудани

ҷиноятҳои нав ва аз нав иҷтимоигардонии шахсони қаблан ҷиноятсодирнамуда андешидашуда , равона карда мешаванд».

Аз ин рӯ, ба назар гирифтани хусусиятҳои синну солӣ шахсони ҷиноятсодирнамуда, аз ҷониби сохторҳои давлатии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳокимияти давлатӣ, барои пешгирии ҷинояткорӣ низоми махсус ташкил диҳанд, ки чораҳоро дар самти пешгирии ҷинояткорӣ ба таври мақсаднок ба роҳ монанд. Ин гуна равиш имкон медиҳад, ки чораҳои таъсиррасонӣ вобаста ба хусусиятҳои психофизиологӣ, болиғшавии иҷтимоӣ ва ангезаҳои шахсони гурӯҳҳои синнусолии гуногун фарқ карда шаванд.

Барои пешгири ҷинояткорӣ ду омили асосӣ мавҷуд аст, ки бо ҳам алоқаи ногузирӣ доранд:

– яке аз омили ассосӣ самти пешгирикунандаи ҷинояткорӣ субъектҳои онҳо ба ҳисоб мераванд: шаҳрвандони алоҳида (аҳолӣ), мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сохторҳои тиҷоратӣ;

– ба сифати фаъолияти пешгирикунии ҷинояткорӣ баромад менамояд: (чораҳои умумииҷтимоӣ ва махсус).

Дар амалияи криминологӣ анъана қабул шудааст, ки тадбирҳои пешгирии ба ду гурӯҳ тақсим карда шаванд: чорабиниҳои иҷтимоии умумӣ ва тадбирҳои пешгирӣ, ки ба пешгирии махсус ва шомили равишҳои индивидуалӣ равона шудаанд. Ин низомнокӣ дар асоси таҳлили амиқи хислатҳои шахсии ҷинояткор, ки таваҷҷӯҳи махсус ба омилҳои синну сол, ки нақши калидӣ дар таҳияи стратегияи пешгирии ҷиноят мебозад, сохта шудааст [40, с. 97].

Самтҳои калидии фаъолияти пешгирӣ такмили низомноки механизмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва тағйири таҷрибаҳои решадоршуда дар соҳаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, ахлоқию рӯҳӣ ва фарҳангиро дар назар доранд. Таваҷҷуҳи махсус ба ҳамоҳангсозии муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона шудааст, ки ин на танҳо афзоиши

даромади шаҳрвандон, балки навсозии низоми кафолатҳои иҷтимоиро низ дар бар мегирад. Ҳамзамон, барномаҳо оид ба инсонгароии фаъолияти меҳнатӣ амалӣ мешаванд – аз ҷумла, ташаккули ҳаҷми кори коргарон, ҷорӣ намудани ҷадвалҳои чандир ва фароҳам овардани шароит барои худшиносии касбӣ. [177, с. 135].

Маҷмуи тадбирҳои пешниҳодшуда муносибати фарқкунандаро талаб мекунад, ки дар асоси таҳлили амиқи хусусиятҳои синнусолии ҷинояткорони болиғ ва ноболиғ қарор мегирад. Дар таҳияи барномаҳои пешгирӣ, ислоҳӣ ва реабилитатсионӣ зарур аст, ки ба назар гирифта шавад на танҳо синни хронологӣ, балки хусусиятҳои равонӣ-эмотсионалӣ, когнитивӣ ва иҷтимоии ҳар гурӯҳ.

«Пешгирии умумииҷтимоӣ навъҳои дарозмуддати амалияи иҷтимоиро ба маънои васеътарини ибора фаро мегирад» [22, с. 115-120]. Ин тадбирҳо, ба андешаи мо, пешгирии умумииҷтимоӣ нисбати ҳамаи аъзоёни ҷамъият равона шудааст, ки дар содир накардани ҷиноят аз ҷониби шаҳрвандон ифода мегардад ва ҳамчунин барои сифатан беҳтар шудани самтҳои фаъолияти пешгирикунандаи мақомоти давлатӣ ва фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, нақши калон мебозанд.

«Тибқи Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ин маҷмуи чорабиниҳои дастаҷамъона ва инфиродии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахлоқию равонӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва тиббӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, падару модарон ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда бо мақсади ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содиршавии ҳуқуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон мусоидаткунанда амалӣ карда мешавад» [15].

Таҳлили сатҳи ҷинояткории ноболиғон дар соли 2022 нишон медиҳад, ки дар натиҷаи чораҳои андешидаи пешгирӣ ва огоҳонии ҳуқуқвайронкунӣ,

сатҳи содиршавии ҷиноят аз ҷониби ноболиғон кам шудааст. Нишондиҳандаҳои содиршавии ҷиноят аз ҷониби ноболиғон чунинанд:

– одамкушӣ 2 (соли 2021 – 3);

– қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 7 (соли 2021 – 14);

– таҷовуз ба номус 1 (соли 2021 – 4);

– ҳаракатҳои зӯроварӣ дорои хусусияти шаҳвонӣ 7 (соли 2021 – 9);

– муносибати ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор 2 (соли 2021 – 4);

– дуздӣ 505 (соли 2021 – 528);

– қаллобӣ 6 (соли 2021 – 12);

– ғоратгарӣ 13 (соли 2021 – 14);

– роҳзанӣ 0 (соли 2021 – 5);

– авбошӣ 86 (соли 2021 – 86);

– дигар ҷиноятҳо 108 (соли 2021 – 84) [84, с. 49-50].

Соли 2022 дар миқёси ҷумҳурӣ дар натиҷаи гузаронидани рейд ва амалиётҳои муштарак 16 290 (соли 2021-15 351) нафар ноболиғон барои ҳуқуқвайронкуниҳои гуногун ба сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оварда шудаанд. Аз ҷумла, барои:

– оворагардӣ – 4 807 нафар (соли 2021 – 4 497);

– талбандагӣ – 1097 нафар (соли 2021 – 794);

– кашидани бор дар бозорҳо – 433 нафар (соли 2021 – 371);

– ҷамъоварии маблағи роҳкиро дар воситаҳои нақлиёти мусофиркаш – 318 нафар (соли 2021 – 471);

– шустани воситаҳои нақлиёт дар ҷойҳои муқаррарнагардида – 362 нафар (соли 2021 – 276);

– дар вақти дарс машғул шудан ба бозиҳои компютерӣ – 2 268 нафар (соли 2021 – 2 401);

– фоҳишагӣ – 1 нафар (соли 2021 – 9);

– ноболиғони бепарастор – 167 нафар (соли 2021 – 165);

– истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ – 26 нафар (соли 2021 – 23);

– фурӯшандагӣ дар ҷойҳои муқаррарнагардида – 659 нафар (соли 2021 – 556);

– дуд додани испанд – 462 нафар (соли 2021 – 425);

– дигар ҳуқуқвайронкуниҳо – 5 690 нафар (соли 2021 – 5 563) [84, с. 51-52].

Ҳисобтҳои овардашуда нишон медиҳад, ки чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят байни ноболиғон ва ҷавонон тақвият дода шавад.

Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024-ро мавриди иҷро қарор дода, чорабиниҳои дар нақша пешбинишударо амалӣ менамоянд. Дар давраи амалигардии нақшаи чорабиниҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи тартиби муқаррааргардида ҳамкорӣ менамоянд [15].

Низоми пешгирии иҷтимоӣ дар муҳити ноболиғон ва ҷавонон, ба назари мо, бояд ба унсури калидии сиёсати давлатии муқовимат ба ҷинояткоршавии насли ҷавон табдил ёбад. Ин гурӯҳ на танҳо гурӯҳи хавфнок аст, балки манбаи эҳтимолии афзоиши ҷинояткорӣ дар байни аҳолии калонсол низ ба шумор меравад, ки дахолати барвақтиро ба як амали стратегии муҳим табдил медиҳад. Ҳадафи асосии чунин пешгирӣ — ташкили муҳити устувори иҷтимоӣ мебошад, ки шароити рафтори девиантиро тавассути рушди ҳаматарафаи механизмҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва арзишӣ ба ҳадди ақал мерасонад [163, с. 128].

Дар давраи гузариши ба балоғат, амалҳои табъизомез ба унсури пурқуввате табдил меёбанд, ки рафтор ва ҷаҳонбинии ноболиғонро ташаккул медиҳанд [22, с. 123]. Бинобар ин, тақозо карда мешавад, ки кори

иҷтимоӣ барои рафъи қолабҳои синнусолӣ ва коҳиш додани таъсири табъизи синну солии шахс ва хусусиятҳои таҷрибаи он тавассути таҳияи барномаҳои пешгирии табъизи синну сол дар муҳити наврасону ҷавонон ва ғ. корҳои иҷтимоӣ ҷоннок карда шавад.

Фикри В.Д. Ермаковро таҳлил намуда, мавқеи ӯро оид ба самтҳои консептуалӣ оид ба пешгирии ҷиноят дар байни ноболиғон ва ҷавонон дастгирӣ мекунем. Чунин роҳҳои зеринро пешниҳод намудааст: «мустаҳкам намудани солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии насли наврас, таъмини эҳтиёҷоти наврасон ба меҳнат ва эҷодкорӣ, барҳам додани тақсимоти идоравии соҳаҳои фаъолияти тарбиявию пешгирӣ нисбат ба ноболиғон ва ҷавонон» [57, с. 127].

Тибқи банди 14 Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024 бошад, дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ ва ухдадориҳои байналмилалии эътироф кардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои асосии Барнома аз инҳо иборат мебошад: «таъмини ҳамоҳангсозӣ ва мониторинг дар самти пешгирии содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳо бо роҳи вокуниши самаранок ба талаботи ҳар як ноболиғ дар алоҳидагӣ; сари вақт ва самаранок қонеъ кардани талаботи ҳар як ноболиғ барои истисно намудани зарурати мудохила тавассути мақомоти корҳои дохилӣ ба ҳаёти онҳо».

Таҳлили синну сол имконият медиҳад, ки вобаста ба дуруст муаяй намудани синну соли ҷинояткор ин имконият медиҳад, барои ошкоркунии ҷиноят, бахусус яке аз чораҳои пешгирикунии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ин гуна муносибат на танҳо имкон медиҳад, ки имконоти барномаҳои мавҷуда муайян карда шаванд, балки механизмҳои таъсиргузории фарқкунанда бо дарназардошти хусусияти гурӯҳҳои синнусолии мухталиф таҳия шаванд.

Сиёсати ҷавонон- маҷмуи тадбирҳоест, ки ба дастгирӣ ва рушди ҷавонон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт нигаронида шудааст. Он доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла маориф, шуғл, саломатӣ, фароғат ва

иштирок дар ҳаёти ҷомеа. Дар шароити ҷаҳоншавӣ, пешрафти босуръати технологӣ ва тағийрёбии меъёрҳои иҷтимоӣ, сиёсати ҷавонон махсусан муҳим буда, муносибати ҳамаҷонибаро тақозо мекунад, ки ба пешгирӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ равона шудааст. Сухан дар бораи эҳёи арзишҳои маънавӣ, динӣ, ахлоқӣ, миллӣ ва давлатӣ меравад, ки дар тӯли таърих пояи суботи ҷомеа буданд. Назарсанҷии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон дод, ки дар қатори тадбирҳои пешгирикунанда чунин тадбир ба мисли ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти ҷавонон дар тамоми зинаҳои сохтори ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ имрӯз ба даст наомадааст.

Дар Паёми хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин нуқтаро таъкид кардаанд: «Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди илму техника ва бунёдкорӣ равона созанд» [188].

«Аз рӯзҳои ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеа, фаъолгардонии мақоми онҳо дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар тадбирҳои амалӣ андешида истодааст. Дар ин муддати кӯтоҳ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаёти онҳо, инчунин татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 13 марти соли 1992 (тасдиқ бо тағйиру илова 15 июли соли 2004, №52), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми майи соли 1997 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар

намудани кор бо ҷавонон» ва дар ҳамин замина таъсис дода шудани Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабул гардидани Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 1999-2000 (5 октябри соли 1998), Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2001-2003» (соли 2001), таъсис додани Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ (20 марти соли 1998), Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таъсилоти ҳамагонӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касби – техникӣ, техникумҳо ва коллеҷҳо» (26 феврали соли 1998), Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018, баъди танаффуси сесола боз аз нав эҳё шудани рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», (23 феврали соли 1998), 23-юми май эълон гардидани Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, доир гаштани фестивалҳои ҳамасолаи дӯстии ҷавонон соли 1997 дар вилояти Суғд, соли 2000 дар Бадахшон, соли 2001 дар шаҳри Душанбе, соли 2002 дар вилояти Хатлон, соли 2003 фестивали дӯстии Ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон, соли 2004 дар шаҳри Душанбе, соли 2004 фестивали дуюми дӯстии ҷавонони Тоҷикистону Қирғизистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон, соли 2005 дар вилояти Бадахшон, соли 2006 дар шаҳри Душанбе, соли 2007 дар вилояти Суғд, қабул гардиданд, ки татбиқи онҳо боиси хеле боло гардидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид. Ин шаҳодати раднопазирӣ, дар солҳои Истиқлолият ба амал омадани тағйиротҳои куллӣ дар ҳаёти ҷавонони кишвар мебошанд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳои чандинкаратаи худ бо ҷавонон: 2-юми феврали соли 1993, 4 сентябри соли 1993 ба муносибати дувум ин солгарди Истиқлолияти Тоҷикистон, 17 марти соли 1994 дар нахуст Анҷумани Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, 23 майи

соли 1997, қабл аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, 16 майи соли 1998 вохӯрӣ бо ҷавонони лаёқатманди ҷумҳурӣ, 21-уми майи соли 2005 вохӯрии навбатӣ бо ҷавонони ҷумҳурӣ ва дигар вохӯриҳо муҳимтарин муаммову проблемаҳои ҳаёти ҷавононро баррасӣ намуданд. Ин вохӯриҳо рамзи ояндасозиву ояндабинӣ ва дарки рисолати баланди ҷомеашиносӣ, инсонгарой ва худшиносиву худогоҳии ҷавонони кишвар гардид» [194].

Дар ин муҳит муносиб аст, ки на танҳо сиёсати давлатии ҷавонон рушд гардад, балки ба амалигардонии навигариҳо равона карда шавад. Барои ин зарур аст, механизмҳояш бо динамикаи равандҳои иҷтимоии муосир ҳамоҳанг гарданд ва бо ҷорӣ намудани қарорҳои идоракунии мутобиқ ва воситаҳои рақамии ҳамкорӣ фаъолона истифода шаванд.

Дар Тоҷикистон бекории ҷавонон як қатор масъалаҳои хеле ҷиддии иҷтимоии иқтисодӣ боқӣ мемонад. Бар асоси маълумотҳо дар моҳи январ 2023, ҷавонон то 25-солагӣ 12% аз умумии бекорон дар кишварро ташкил медиҳанд, ки ин ба дисбаланси сохторӣ дар бозори меҳнат ишора мекунад. Вазъияти асабонӣ бештар дар байни ҷавонон 15-19-сола, ки ба ҳаёти касбӣ ворид мешаванд, нигаронӣ ба бор меорад. Масалан, ҳар чаҳорум намояндаи ин гурӯҳи синнусол дар шаҳрҳо (23%) ва қариб ҳар панҷум дар минтақаҳои деҳот (17%) наметавонанд кор ёбанд.

Бекорӣ на танҳо ба наврасон барои анҷом додани аъмоли бад шароити мусоид фароҳам меорад, ҳатто кӯдаконро низ метавонад барои анҷом додани амалҳои нописандида ва қобили қабул набуда водор намояд [180].

Барои гурӯҳҳои баррасишаванда, мавзуи меҳнат муҳимтарин аст, зеро неоплазмаи марказии ин давраи синну соли мушаххас худмуайянкунии пешакии касбӣ ва шахсӣ мебошад. Нақшаи ҳаёти дар ин синну сол сохташуда, пеш аз ҳама, ба интихоби касб вобаста аст [35, с. 237]. Афзоиши касбӣ барои ҷавонон воситаи муҳимми худмуайянкунии касбӣ мебошад [35, с. 237]. Барои ӯ обрӯю эътибори касбӣ нисбат ба калонсолон хеле муҳимтар аст, гарчанде, ки калонсолон бояд оилаашро таъмин намоянд ҳам.

Бориш бо бекорӣ миёни ноболиғон як ҷузъи асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки самаранокии он мустақиман ба рушди устувори ҷомеа вобаста аст. Е.М. Илчикова дар таҳқиқоти худ муҳимияти подоши низомиро ба ин масъала таъкид мекунад, пешниҳоди роҳнигари асосӣ сохтани ҷойҳои кории мақсаднок барои наврасон, хусусан дар минтақаҳо мебошад [162, с. 127].

Дар давраи болиғ оила таъсири ҳалкунанда мерасонад ба шаклгирии ҷаҳонбинӣ, ҳамчун намунаи асосӣ барои пайравӣ ва манбаи меъёрҳои иҷтимоӣ хизмат мекунад. Дар ҳамин вақт, нофаҳмиҳо дар низоми оилавӣ, ки дар муносибатҳои вайроншудаи байни аъзои оила, набудани наздикии рӯҳӣ ё муноқишаҳои доимӣ зоҳир мешаванд – заминаи мусоид барои инкишофи рафтори зиддиҷамъиятӣ мешаванд [42]. Аз 1/6 ҳиссаи ҷинояткорон собиқаи ҷиноятии худро аз оилаашон мегиранд. Ба ақидаи Р.А. Леонов мушкилоти оилавӣ, ки ба тарбияи фарзандон таъсир мерасонад, сабаби асосии ҷинояткории ноболиғон мебошад [167, с. 106]. Дар ин бобат буҳрони институти оила рафъ кардан лозим аст. Маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ на ҳамеша роҳи ҳалли мушкилот аст, ки онро таҳқиқоти равоншиносон [210] тасдиқ кардааст. Барои шахсоне, ки барои ҷиноят ҷазоро адо мекунанд, оила қариб аҳаммияти асосӣ дорад. Муносибати ашхоси дар адои ҷазо қарордошта нисбат ба оилаҳои худ эҳтиромона ва ҳасратангез аст. Аксарияти шахсони дар адои ҷазо қарордошта нишон дод, ки муносибатҳои онҳо дар оила ба вуҷуд омада хуб ва меҳрубонона мебошад. Ноболиғи 14-15-сола гарчанде ки аксари онҳо дар оилаҳои носолим тарбия ёфта бошанд ҳам ин гуна муносибатҳоро хуб медонанд [163, с. 1341]. Муассисаҳои иҷтимоӣ барои нигоҳ доштан ва барқарор намудани оилаҳо, расондани ёрии моддию психологӣ ва ғайра бояд нақши калон дошта бошанд.

Дар низоми муассисаҳои таълимии анъанавӣ ташкилотҳое, ки таълимро дар тамоми марҳилаҳои ҳаёти инсон таъмин мекунанд, дохил

мешаванд. Дар ташаккули шахсияти инсон аз ҷумла ноболиғон ва ҷавонон тарбияи онҳо нақши муҳим дорад [46, с. 57-61]. Муносибати мутақобила дар коллективи муассисаҳои таълимӣ боиси ташаккули ҳиссиёти мураккаби иҷтимоӣ ва азхудкунии амалии меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори иҷтимоӣ аз ҷониби таълимгирандагон мегардад. Набудани таъсири тарбиявии ташкилотҳои таълимӣ, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти Н.Д. Никандров, «дар аксари мавридҳо бевосита ба рафтори ҳуқуқвайронкунии наврасону ҷавонон вобаста аст» [89, с. 16].

Ҳолати мазкур ба раванди таълиму тарбия таъсир расонида, монеаи амалӣ намудани чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо байни ноболиғон мегардад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки камбудиҳои ҷойдошта, ки дар боло ишора шуд, дар муҳлати кӯтоҳтарин бартараф карда шавад.

Инчунин, дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот маълум гардид, ки айни ҳол дар муассисаҳои таҳсилоти таҳсилоти миёнаи умумӣ ва асосӣ омӯзиши фанни ахлоқ ба роҳ монда нашудааст. Фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ дар як ҳафта як маротиба роҳандозӣ карда шудааст.

Аз ин рӯ, ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, ки аз синфи ҳафтум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши фанни ахлоқ роҳандозӣ карда шуда, соатҳои омӯзиши фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ зиёд карда шавад.

Дар шароити табдили рақамӣ ва глобализатсия нақши асосӣ дар иҷтимоии намудани насли ҷавон тадриҷан ба агентҳои навини таъсир мегузарад. Платформҳои замони муосир, телевизион, кино, шабакаҳои интернетӣ ва иҷтимоӣ, воқеан эконизоми таълимии алтернативиро шакл додаанд. Ин институтҳо на танҳо комилан, балки дар бисёр ҳолатҳо моделҳои классикии тарбияро барҳам зада, рехтани маълумот дар шакли пайваста, шаклҳои интерактивии омӯзиш ва моделҳои виртуалии ҳамкории иҷтимоиро пешниҳод мекунанд. Дар сомонаҳои интернет таблиғи

ифротгароӣ, бадахлоқӣ ва бераҳмӣ ба ҷиноят мебарад [74, с. 76]. Имрӯз дар дунё 600 миллион нафар аз интернет истифода мебаранд. Хусусан, ба як қисми муҳимми ҳаёти ҷавонони имрӯза табдил ёфтааст. Аксари ҷавонон, хусусан донишҷӯён, интернетро ҳамчун сарчашмаи асосии манбаъ, маълумот ва ахбор истифода мебаранд, ҳатто онро ба китобхонаи худ тағйир додаанд. Ҳақиқатан, дар ҷомеаи муосир шабакаи интернет ҳамчун як рукни зарурӣ барои инсонҳост. Парвариши бераҳмӣ ва хушунат тавассути таблиғоте, ки ҳар дақиқа зӯроварӣ ва куштtorro нишон медиҳад, дар зеҳни ҷавононе, ки ба далели синну солашон мусбат ва ҳақро аз манфию ғайриқонунӣ ҷудо карда наметавонанд, як амри маъмулӣ шуда истодааст [144, с. 81].

Моҳи сентябри соли 1997 фармони Президенти Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ҳуқуқӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳон» масъаларо хосияти расмӣ бахшид. Вобаста ба он шаҳрвандони Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои давлатию ҷамъиятӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ пайваст гардиданд.

Бесабаб нест Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ, ки 23 декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдрас намудаанд, ки «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар руҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд. Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифода аз технологияҳои

иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки «Маркази ягонаи иттилоотӣ» таъсис дода шавад» [53] .

Айни ҳол давлатҳои ҷаҳон ҳуҷҷатҳои расмие қабул карда истодаанд, ки ба ҳимояи ноболиғону ҷавонон аз хатарҳои интернет нигаронида шудаанд. Чунончӣ, бо Фармони Президенти Федератсияи Россия аз 28 апрели соли 2023, №1105-р «Консепсияи амнияти иттилоотии кӯдакон» тасдиқ карда шудааст. Дар Консепсияи мазкур роҳҳо ва воситаҳои ҳимояи кӯдакон аз хатарҳои иттилоотӣ пешбинӣ шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт чораҳои дахлдор андешида истодааст. Чунончӣ, тибқи талаботи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» [5], «падару модар дар тарбияи фарзанд ӯҳдадориҳои зерин доранд: аз соати 18.00 то соати 08.00 ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ рафтани кӯдаки худро иҷозат надиҳанд ва аз тарафи кӯдак мақсаднок истифода шудани интернетро назорат намоянд» [5] .

Тавре, Пешвои миллат дар Паёми хеш аз 26-уми январи соли 2021 дастур доданд, ки «дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Агентии инноватсия ва технология» таъсис дода шуда, пайваста ба технологияи рақамӣ гузашта шавад» [69]. Дар иртибот бо пешниҳоди мазкур мувофиқи мақсад аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ санади махсуси ҳуқуқие қабул карда шавад, ки ҳимояи кӯдакон ва ҷавононро аз хатарҳои иттилоотӣ ҳимоя намояд.

Инчунин, воситаҳои ахбори оммаро зарур аст, ки барои коҳиш додани рафтори ҷинояткорӣ байни ҷавонон тавассути захираҳои худ чораандешӣ намоянд.

Машруботи алкоголи аксар вақт ҳамчун муътадилкунанда (катализатор) амал карда, ҷалби қурбониёни эҳтимолиро ба қимор ва дигар бозиҳо суръат мебахшад ва мусоидат мекунад, ки ҳушёрии онҳоро хира мекунад. Дар ин бобат кори асосии тарбиявиро аз падару модароне, ки аксар вақт ба ин гуна бозиҳо аҳаммият намедиҳанд ва ё ба он шавқ надоранд, шуруъ кардан лозим аст. Таҳқиқоти кормандони мақомоти ҳифзи

ҳуқуқ нишон дод, ки имрӯз назорат ва роҳбарии соҳаи муоширати ноболиғон, ташкили истироҳати холии онҳо чандон муассир нест. Зарурият ба миён омадааст, ки дар сатҳи давлатӣ бо дарназардошти шароити тағйирёбанда фаъолона бо ҷалби мутахассисони маҳдуд барномаҳое таҳия карда шаванд, ки дар он тадбирҳо оид ба кам кардани таъсири бозии қиморро пешгирӣ кунад.

Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, тақрибан дар ҳама кишварҳо ҷавонони 15-29-сола дар гурӯҳи хатари худкушӣ дар ҷойи дуюм қарор доранд (дар ҷойи аввал онҳое, ки синнашон аз 70 ва болотар аз он боло аст) ҷойгир аст. Мушкилоти майли худкушӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон, тибқи мушоҳидаҳои А.Е.Личко, танҳо дар 5% ҳолатҳо ва кӯшишҳо ба психозҳо, 20-30% психопатия ва ҳама боқимонда дар давраи буҳронӣ синну солӣ рост меояд [79, с. 23]. Дар миёни омилҳои калидӣ, ки метавонанд рафтори худкуширо ба вуҷуд оранд, вазъиятҳои боэҳтиёти ношударо ҷойи хосса мегиранд. Ин падида дар давраҳои табдили синнӣ аҳаммияти тахкирӣ касб мекунад, вақте ки шахсият махсусан нисбат ба расиданҳои эҳсосӣ осебпазир мегардад [35, с. 209]), мунокишаҳо бо волидон ё ҳамсолон, мавҷудияти тарси оянда, ё мушкилоти танҳоӣ мебошанд. Дар соли 2022 – 69 нафар (соли 2021 – 73) ноболиғ даст ба худкушӣ задаанд, ки аз ин шумора 38 нафар писар (2021 – 36) ва 31 нафарашон духтарон (2021 – 37) мебошанд, ки 69 ҳолати худкуширо худовезӣ ташкил медиҳад. Сабабу омилҳои худкушӣ гуногунанд: 6 нафар бинобар касалиҳои руҳӣ ва 63 нафар бо сабабҳои номаълум [84, с. 52].

«Ноболиғон ба далели синну соли ҷавониашон аз ҳама бештар идоранашаванда ҳастанд ва маълум аст, ки афзоиши ҳолати идоранашаванда омили тавоноест, ки ба рафтори ҷинояткоронаи шахс мусоидат мекунад» [138, с. 170-176].

Бинобар сабаби омили муҳимми зараровар будани падидаи худкушӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2004, №304-8 қабул карда шудааст, ки мақсади асосии он баланд

бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқӣ ва иттилоотонии ба ҳисоб меравад.

«Тибқи Нақшаи чорабиниҳои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2004, №304-8 «Дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ», «раёсату шуъба ва бахшҳои дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳои маориф ва илм, адлия, фарҳанг, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, кор бо занон ва оила, телевизион ва радио ва раисони шаҳру ноҳияҳо вазифадор шудаанд, ки ҷиҳати амалӣ намудани чорабиниҳои ба нақша гирифташуда баҳри пешгирии ҳодисаҳои даст ба худкушӣ ва сӯиқасд ба он задани шаҳрвандон тадбирҳо андешанд. Бо мақсади тақвият бахшидани Қарори мазкур дар мувофиқа бо Вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаҳои телевизион ва радио, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Тоҷикистон, маркази исломшиносии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маркази исломии Тоҷикистон «Барнома дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва суиқасд ба ҷони худ барои солҳои 2019-2023» таҳия ва он бо имзои Прокурори генералӣ аз 19.07.2019 сол тасдиқ шуда, барои маълумот ва иҷро ба мақомотҳои номбаршуда, прокуророни поёнӣ фиристода шуда, зери назорат қарор дода шудааст» [179].

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ пешниҳод карда мешавад, ки соҳаи фароғат ва тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ҷоннок карда шуда, дар таътилҳои тобистона ноболиғон ва ҷавонон бо лагерҳои тобистона ҷалб карда шаванд. Зимни амалишавии чораҳои мазкур пешгирии худкушӣ ва корҳои фаҳмонидадиҳӣ оид ба натиҷаи амалҳои марбут ба худкушӣ аз нуқтаи назари динӣ фаҳмонида шавад.

Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ноболиғоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ адои ҷазо менамоянд, дар маҷмуъ 91 (соли 2021 – 70) нафарро ташкил медиҳанд, аз ҷумла дар тавқифгоҳи тафтишотӣ 38 нафар (соли 2021 – 35), дар муассисаи ислоҳии тарбиявӣ 51 нафар (соли 2021 – 35), дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 2 нафар (духтар) адои ҷазо намуда истодаанд. Ҳамаи маҳкумшудагон, ки дар муассисаи тарбиявӣ адои ҷазо менамоянд, дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Омори мазкур нишон медиҳад, ки шумораи ноболиғон дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазо нисбат ба соли гузашта 23 фоиз бештар гардидааст [84, с. 48].

Тавре ки таҳқиқоти сершумор нишон медиҳанд, «адолати судии сазодиҳанда» ба ислоҳи онҳо оварда намерасонад [169] ва баръакс, шахсоне, ки ба адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар ин синну сол маҳкум шудаанд, ин тадбирҳоро аз ҷиҳати эҳсосотӣ нисбат ба калонсолон қабул мекунанд [52]. Шахсони хашмгин, аз ҷиҳати рӯҳӣ нотавон, ки майл ба ҷинояткорӣ ва такрори ҷиноят доранд, ба ҷомеа бармегарданд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки баъди тақрибан 3 соли зиндон марди калонсол дигар аз чунин ҷазо натарсида, балки аз ирода метарсад. Дар наврасон ва занон давраи критикӣ ду маротиба камтар аст-1-1,5 сол. Пас аз он тағйироти рӯҳии баргардонидашаванда оғоз мешавад: «баргаштан ба зиндон даҳшатнок нест» [198].

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 – 426 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 563 нафар ноболиғ баррасӣ карда шуд. Аз ин шумора 398 парванда нисбат ба 521 нафар ноболиғ ҳукми айбдоркунанда бароварда шуда, нисбати 24 нафар чораҳои хусусияти тарбиявидошта таъин ва 80 дархост оид ба чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтани ноболиғон қонеъ карда шудааст [84].

Омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки таҷрибаи Олмон дар ин ҷода қобили таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ

гардидааст. Хусусиятҳои фарқкунандаи системаи адолати судии ноболиғон дар Олмон дар он аст, ки қонунгузорӣ меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ва мурофиавиро дар бар мегирад, ки хусусиятҳои синну соли ҷинояткоронро ба назар мегиранд. Афзоиши доираи даст кашидани таъқиботи ҷиноятии ноболиғон ва ҷавонон яке аз муҳимтарин ислоҳот дар сиёсати ҷиноятӣ дар Олмон дар даҳсолаҳои охир буд [145, с. 122-123].

Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки афзалиятҳо дар низоми мавҷудаи ҷазои ҷиноятӣ коркард карда шуда, нисбат ба ноболиғон ҷазоҳои алтернативӣ коркард карда шавад. То ҳадди ақал кам кардани оқибатҳои ҷиноят ва ҷазо, яъне муҳофизат кардани ҷинояткори ноболиғ аз таъсири манфӣ ба ҳаёти оянда, ташаккул додани фаҳмиши кирдори содиркардааш ҳамчун ҷиноят, ба ӯ дар фаҳмидани зарурати ҷавобгарӣ барои амалҳои ӯ ва оқибатҳои онҳо, аз ҷумла пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, ба гурӯҳи кории таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда мешавад, ки зимни таҳияи лоиҳаи Қонуни зикргардида афзалият ба татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти тарбиявӣ дошта дода, институти медиатсияро дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят нисбат ба ноболиғон мукаммал намоянд.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти илмӣ муайян гардид, ки имрӯз дар мактабҳо як равоншинос кор мекунад, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ ба хонандагоне, ки ба ислоҳи рафтор ниёз доранд, дастрас ва муайян карда наметавонад. Дар баъзе мактабҳо бошад чунин воҳиди корӣ вуҷуд надорад. Дар чунин воҳидҳои корӣ асосан шахсони ғайриихтисос ва ё шахсоне, ки ихтисоси психологиро дар муассисаҳои миёна ва олии касбии омӯзгори гирифтаанд, кор мекунанд. Ҳолати мазкур ислоҳоти куллиро тақозо мекунад.

Ҳамзамон, мувофиқи мақсад мебошад, ки дар назди муассисаҳои миёна ва олии тиббии касбӣ равияҳое таъсис дода шавад, ки самти онҳо омода

намудани кадрҳо дар соҳаи психологияи муассисаҳои таҳсиоти миёнаи умумӣ бошад.

Кори психологӣ бо ҷинояткорони ноболиғ низ бояд ба паст кардани сатҳи муноқиша нигаронида шавад. Масалан, В.Л. Василев менависад, ки инкишофи психофизиологии ҷинояткорони ноболиғ бо тағйирёбии муносибат бо калонсолон, афзоиши ихтилофи онҳо бо волидон хос аст [41]. Ин имкон медиҳад, ки шахсоне, ки ба чораҳои пешгирикунанда ниёз доранд, сари вақт (пеш аз содир кардани ҷиноят) ошкор карда шаванд.

Ба андешаи Р.А. Леонов дар он сурат муваффақияти пешгирӣ ба даст меояд, ки кушишҳо на ба пахш кардан ва несту нобуд кардани гурӯҳ, балки ба решакан кардани сабабу шароите, ки боиси пайдоиши он мегарданд, равона карда шаванд [167, с. 149]. Илми педагогӣ усулҳои зерини имконпазири таъсиррасонӣ ба чунин гурӯҳҳоро пешниҳод мекунад: барҳам додани ақидаҳо ва мақоми ҷиноятии шахсони алоҳида; нишон додани оқибатҳои манфии эҳтимолии ин ё он рафтори ғайриқонунӣ, номуносиб будани психологии он ва ғайра [54, с. 44-57].

Ба даст овардани чунин натиҷаҳо танҳо бо маҳорати баланди касбӣ, дониши амиқи иҷтимоию психологӣ, равонию педагогӣ ва ҳуқуқӣ, маҳорати ташкилотчигӣ ва матонати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконпазир аст.

Дар шароити муосир кормандони бахшҳое, ки дар самти ноболиғон фаъолият мебаранд, ҳамоно ба дастгирии мутахассисони баландихтисос – равоншиносон, педагогҳои иҷтимоӣ, криминалистҳо ва ювенологҳо ниёзмандии ҷиддӣ доранд. Ҳузури онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо муносибати фардии пешгирикунанда нисбат ба наврасоне, ки ислоҳи рафторро талаб мекунанд, тақвият дода шавад, балки усулҳои илмӣ асосноки кор низ ҷорӣ гарданд. Ҳамкории байнисоҳавӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад: масалан, равоншиносон ба муайян кардани сабабҳои аслии девиатсияҳо кӯмак мерасонанд, педагогҳо барномаҳои реабилитатсияро таҳия мекунанд ва криминалистҳо намунаҳои рафтори ҷинояткорӣ таҳлил

менамоянд. Чунин ҳамгироии малакаҳо ба таҳияи барномаҳои инфиродии таъсиргузорӣ мусоидат мекунад, ки хусусиятҳои синнусолии ноболиғон ва муҳити иҷтимоии онҳоро ба инобат мегиранд.

Воқеан, таъминоти моддӣ-техникии сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ беҳтар карда шуда, доираи ваколати онҳо мушаххас ва ба онҳо ба ғайр аз вазифаҳои асосии анъанавӣ, инчунин, функсияҳои инсондӯстӣ вогузор карда шавад. Алалхусус, дар мақоми ваколатдор оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят байни ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилӣ воҳидҳои алоҳида, ҷиҳати ислоҳи ноболиғон ва ҷавонони ҷиноятсодирнамуда таъсис дода шуда, он ба корҳои инфиродии пешгирии махсусуи ҷиноятӣ равона карда шавад. Самаранокии корҳои профилактикӣ ҳамкории мутақобила ва самараноки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳоро тақозо мекунад.

Зарур мебошад, ки дар фаъолияти мақомотҳои корҳои дохилӣ ва дигар субъектони пешгирикунии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноят принсипҳои маҷбуркунӣ аз байн бурда шуда, ба тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси педогогӣ дар низоми мақомоти корҳои дохилӣ ва сабукгардонии низоми ҷазо дар фаъолияти мақомоти судӣ истифода карда шавад. Дар ин замина, инчунин тавсия дода мешавад, ки модели пешгирикунандаи Олмон, ки қаблан баррасӣ шуда буд, барои муқовимати самаранок ба ҷинояткорӣ дар самти ноболиғон ва ҷавонон (гурӯҳҳои синну сол 18-21 сола) татбиқ карда шавад. «Ин усул ҳамкории мукаммали хадамоти иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар назар дорад, ки таваҷҷуҳи асосиро ба ошкорсозии барвақтии омилҳои хатарзо, барномаҳои касбшиносӣ ва рушди институти роҳнамоӣ равона мекунад» [135, с. 82-87].

Шахсоне, ки дар синни 22-29 сола ва 30-35 сола қарор доранд, дар марҳилаи гузариш аз ҷавонӣ ба болиғӣ буда, расман ба гурӯҳи калонсолони аҳолӣ шомиланд. Аммо самти иҷтимоию психологӣ ва намунаи рафтори онҳо аз гурӯҳи синну соли 30-сола ва аз он болотар фарқҳои назаррас

доранд. Ин динамика дар фаъолияти ҷиноятӣ бештар намоён аст: ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонони синни 18-21 ва 22-29 сола содир карда мешаванд, аз рӯйи ангеза, тарзи содиркунӣ ва хусусияти гурӯҳии онҳо бештар ба ҷинояткории наврасон шабоҳат доранд, назар ба зуҳуроти ҷиноятӣ дар шахсони синнашон аз 30 сол боло.

Вобаста ба ин, В.О. Касимов пешниҳод мекунад, ки корҳои профилактикие ки нисбати ноболиғон оғоз шудааст, пас аз расидан ба синни 18-солагӣ идома ёбад. «Дар ҷараёни тадқиқот муаллиф нуқтаи назари худро асоснок намуда, як хуссусияти криминологиро муайян кард: маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки ташкилкунандагони асосии фаъолиятҳои ҷиноятӣ миёни ноболиғон аксаран шахсоне мебошанд, ки дар синни 22 то 29-солагӣ қарор доранд». Ин давраи зиндагӣ, ки дар он каме пухтагии иҷтимоӣ бо эҳсосоти шадид ҳамроҳ мешавад [163, с. 147].

Мо низ ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем ва мехоҳем илова намоем, ки чораҳои андешидашаванда нисбат ба ноболиғон то ба сиини 21-22 солагӣ расидани шахс нисбат ба он шахс давом дода шавад. Зеро, шахс дар ин ҳолат дар давраи буҳронӣ қарор доранд.

Такмили самаранокии дастгирии шахсии наврасон ва ҷавононе, ки ҷиноят содир намудаанд, татбиқи як стратегияи ҳамгироёнаро талаб мекунад, ки ҷанбаҳои калидии равонӣ ва иҷтимоии синну солии онҳоро ба инобат мегирад. Баланд бардоштани тахассуси онҳо на танҳо имкони таҳлили хусусиятҳои равонӣ ва иҷтимоии гурӯҳи мақсаднокро фароҳам меорад, балки имкон медиҳад усулҳои мушаххасиислоҳи рафтор таҳия карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти криминологӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки наврасон ва ҷавонон бештар дар ҳолати таъсири моддаҳои психоактивӣ – дар ҳолати мастии маводи мухаддир ё делирияи спиртӣ ҷиноят содир менамоянд. Ин тамоюл бо он тавзеҳ дода мешавад, ки истеъмоли маводи мухаддир ва спиртӣ қобилияти танқиди воқеиятро коҳиш медиҳад, ҳисси худнигоҳдориро фурӯ менишонад ва рафтори таҳоҷумиро афзоиш медиҳад.

Илова бар ин, вобастагӣ ба ин моддаҳо аксар вақт ҷавононро ба амалҳои ғайриқонунӣ барои ба даст овардани онҳо сабаб мешавад, ки боиси ташаккули давраи бадкори ҷиноятпешагӣ мегардад. Бинобар ин, пешгирии майзадагӣ бояд хусусияти байниидоравӣ дошта бошад. Яъне, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, комиссияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар якҷоягӣ бо мақомоти тадурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ механизмҳои асосии пешгирии майдазадагӣ ва нашъамандиро коркард намоянд.

Чунончӣ, «ҷиҳати пешгирии болоравии сатҳи муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор, истифодаи ғайритиббии он, зиёд шудани теъдоди гирифторони вируси норасоии масъунияти одам аз ҷумлаи истеъмолкунандагони маводи нашъадор бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2013, №1409 «Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» қабул карда шуда буд. Қабули стратегияи мазкур вобаста ба вуҷуд омадани таҳдидҳои нав, қабл аз ҳама вобаста ба фаъол гардидани ҷиноятҳои трансмиллӣ, аз ҷумла муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар алоқаманд мебошад». Аз ин рӯ, «мувофиқи мақсад мебошад, ки чунин Стратегияҳои миллии умумидавлатӣ қабул карда шуда, масъалаи пешгирии ноболиғон ва ҷавонон механизмҳои алоҳида пешбинӣ карда шавад» [69].

Дар шароити кунунӣ бознигарии консептуалии усулҳо барои таҳияи чораҳои пешгирикунанда бар зидди вобастагиҳо зарур аст. Лоиҳаҳои мавҷудаи зидди машрубот ва маводи мухаддир аксаран ба таблиғи механикии маълумот тавассути плакатҳо ва лексияҳои қолабӣ маҳдуд мешаванд, ки бештар ба таҷассум ё нишон додани фаъолият шабоҳат доранд, на ба таъсири воқеӣ ба ангезаҳои амиқи инсон. Ба ҷои ин, зарур аст, ки як экосистемаи тағйироти мусбат офарида шавад, ки дар он маъракаи иттилоотӣ танҳо нуқтаи оғози як кори бисёрсатҳа гардад.

Чораҳои умумии пешгирӣ ҷиноятҳо бо истифода аз равишҳо ва усулҳои махсуси криминологӣ заминаи комил ва тафсилотнок пайдо мекунанд. Ин чораҳо на танҳо барои манъ кардани, балки барои рафъи низомии ҳама шаклҳои кирдорҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ равона шудаанд.Таҳияи онҳо ба тарзи дифференсиалӣ сурат мегирад – бо дарназардошти хусусиятҳои алоҳидаи гурӯҳҳои ҷиноятӣ (масалан, иқтисодӣ, зӯроварона ва кибернетикӣ).

«Дар низоми пешгирии махсуси криминологии ҷиноятҳои ноболиғон ва ҷавонон бояд кори инфиродии мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба ислоҳ ва аз нав тарбия намудани ноболиғон ва ҷавонони ҷиноят содиркарда бевосита машғуланд, ҷойи махсусро ишғол намояд» [208].

Вобаста ба синну соли шахсияти ҷинояткор чунин мешуморем, ки самаранокии пешгирии ҷиноятҳои инфиродӣ бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот ба таври зерин ба даст оварда мешавад:

Муайян кардани синну соли шахс

↓

Гирифтани дониш дар бораи ниёзҳо ва афзалиятҳои шахс, бо дарназардошти синну сол, тафаккур ва дарки воқеияти атроф ва мувофиқи ин, муқаррар кардани рафтор ва аксуламалҳои минбаъдаи эҳтимолӣ

↓

Чораи мушаххаси таъсиррасониро интихоб намудан

Дар байни усулҳои таъсири профилактикии инфиродӣ, пеш аз ҳама, бояд боварӣ ва кумак ва дар ҳолатҳои шадид маҷбуркунӣ истифода шавад.

Аксари ҳолатҳои содир кардани ҷиноят аз тарафи ноболиғон ва ҷавонон нишон медиҳад, ки оилаи онҳо носолим ва ё нопурра (набудани падар ва ё модар), истеъмоли машрубот ва нашъамандӣ содир карда

шудааст. Вобаста ба ин, бояд бо оилаҳои носолим кор ва назорат (сухан на танҳо дар бораи бақайдгирии расмӣ, балки дар бораи тафтиши тарзи зиндагӣ ва рафтори шахс дар ҷойи истиқомат, гузаронидани суҳбат, дидани доимӣ низ бошад), аз ҷумла бо ҷалби равоншиносон, бо мақсади таъсири мусбӣ ба волидон ва танзими муносибатҳои онҳо бо кӯдакони душвортарбия гузаронида шавад.

Аксар вақт «дар ҷинояткорони ҷавон (18-21, 22-29 сола) нуқсонҳои равонӣ, ақибмонии инкишофи рӯҳӣ, дар синни барвақтӣ мондан ва психопатия ба мушоҳида мерасад нишон медиҳанд, ки мукаллафиро истисно намекунанд. Бисёр таҳқиқот нишони медиҳад, ки шумораи зиёди одамоне, ки нуқсонҳои равонӣ доранд, ҳолати рӯҳии онҳо хеле дер ошкор карда мешаванд ё тамоман ошкор карда намешаванд» [29, с. 23]. Ин талаб мекунад, ки барои расондани ёрии барвактии психологӣ ба насли наврас сари вакт чораҳо дида шаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва маводҳои амалия масъалаи пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ байни ноболиғон ва ҷавонон мавқеи махсусро ишғол мекунад. Тибқи таҳқиқоти А.И. Долгова, «танҳо 10% ноболиғоне, ки ҷиноят содир кардаанд, баъдан ба тарзи ҳаёти қонунотпазир пойбанд мемонанд. Тавре ки В.А. Лелеков таъкид мекунад, ин далел аз як тамоюли нигаронкунанда шаҳодат медиҳад: нӯҳ аз даҳ ноболиғи ҷинояткор, новобаста аз кӯшишҳои низоми пешгирӣ, дар натиҷа ба шахсони ҷиноятпеша табдил меёбанд ва роҳеро, ки ба ҷиноят мебарад, огоҳона интихоб мекунанд. Ин омор ба мушкилоти ниозомӣ дар ресотсиализатсияи ҷавонон ишора мекунад, аз ҷумла ба самаранокии нокифояи тадбирҳои тарбиявӣ, мутобиқати заифи иҷтимоӣ баъди адои ҷазо ва таъсири муҳити ҷиноятӣ» [128, с. 15].

Дар шароити хатари мавҷудаи ҷинояткорӣ дар муҳити наврасону ҷавонон, мувофиқ ба назар мерасад, ки кори низомӣ ташкил карда шавад, ки ба ҳалли ду вазифаи ба ҳам алоқаманд равона шудааст. Самти аввал пешбинӣ мекунад, ки шароити вайронкор, ки замина барои

ҳуқуқвайронкуниҳои ибтидоӣ фароҳам меорад, безарар гардонида шавад. Сухан дар бораи кор бо ангезандаҳои рафтори девиант меравад: муҳити манфии оилавӣ, таъсири зерфарҳангҳои ҷиноятӣ, набудани имкониятҳои таълимӣ ва фароғатӣ. Ба гурӯҳҳои ҳошияшуда бояд таваҷҷуҳи махсус дода шавад ва таъсири онҳо ба наврасон то ҳадди имкон коҳиш дода шавад. Самти дуюм ба реадаптатсияи иҷтимоии шахсоне равона шудааст, ки аллакай ҷиноят содир кардаанд.

Пешгирии самараноки ҷиноятҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонон, аз ҷумла пешгирии такрори ҷиноят, тавассути як равиши ҳаматарафа дар ҳамаи марҳилаҳои раванди ҷиноятӣ таъмин мегардад. Гузаронидани фаврии амалҳои тафтишотӣ бо муайян кардани пурраи ҳолатҳои парванда аҳаммияти махсус дорад, зеро он замина барои арзёбии ҳуқуқии объективӣ фароҳам меорад. Истифодаи ҷазоҳои мувофиқ, ки ба вазнинии кирдор ва шахсияти ҷинояткор мутобиқанд, бо тадбирҳои пешгирикунандаи тарбиявӣ дар марҳилаи пеш аз суд муттаҳид карда мешаванд.

Таваҷҷуҳи махсус ба барномаҳои реабилитатсионӣ барои ноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд, бо таъкиди равонасозии касбӣ ва барқарорсозии робитаҳои иҷтимоӣ пешниҳод мегардад. Амалӣсозии стратегия ҳам тағйироти қонунгузориро, ҳам маъракаи иттилоотии низомнокро, ки ба ташаккули эътимод байни ҷавонон ва ниҳодҳои ҷомеа равона шудааст, талаб мекунад. Ҳамин тавр чораҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ба роҳ мондани механизмҳои самараноки мусоидат ба шуғли ҷавонон мебошад.

*2. Такмили чораҳои ташкили вақти фароғат ва ташаккули меъёрҳои арзишӣ ва ахлоқӣ дар байни ҷавонон, пеш аз ҳама ноболиғон, муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки бо истифодаи фаъоли захираҳои рақамӣ ва расонаӣ амалӣ мегардад. С*амти калидӣ ин ҳамгироии стратегияҳои тарбиявӣ ба фазои иттилоотӣ мебошад: эҷоди мундариҷаи маърифатӣ дар

ВАО, таҳияи платформаҳои интерактивии таълимӣ ва татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар интернет. Ба мутобиқсозии барномаҳои ахлоқӣ ба шаклҳои рақамӣ – аз подкастҳо дар бораи интихоби ахлоқӣ то бозихои квестӣ бо унсурҳои омӯзиши эҳсоси ҳамдардӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардан лозим аст. Чунин табдил имкон медиҳад, ки наврасон на танҳо тавассути шабакаҳои маъмулии иртиботӣ ҷалб гарданд, балки инчунин фарҳанги истифодаи масъулонаи захираҳои расонаӣ ташаккул ёбад ва онҳоро ба абзори рушди шахсӣ табдил диҳад;

3. Пешниҳод карда мешавад маҷмуи чораҳо, ки ба ташкили муҳити амни иттилоотӣ барои ноболиғон равона шудаанд. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки филтратсияи муҳтавои ВАО пурзӯр карда шавад, бо бартарафсозии мунтазами маводҳое, ки зӯроварӣ, бераҳмӣ ё дигар намунаҳои рафтори деструктивиро таблиғ мекунанд. Ин метавонад модератсияи алгоритмӣ, таҳлили коршиносон ва бастани манбаъҳои риоя накардаи меъёрҳои ахлоқиро дар бар гирад. Дуюм, мувофиқи мақсад аст, ки низоми бисёрзинагии муайянкунии синнусол барои дастрасӣ ба муҳтавои аудиовизуалӣ бо нишони «18+» ҷорӣ карда шавад. Масалан, ҳамгироии платформаи ягонаи тасдиқкунӣ тавассути хадамоти давлатӣ ё санҷиши биометрӣ метавонад хавфи дидани муҳтавои номатлубро бе иҷозат коҳиш диҳад;

4. Унсурҳои калидӣ сохтани низоми махсуси судӣ барои ҷавонон аст, ки хусусиятҳои психологии онҳо ва шароити иҷтимоии онҳоро дар назар мегирад. Қадами муҳими дигар баррасии аввалияти сиёсати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ аст: ба ҷои раванди ҷазоидиҳӣ, диққат ба ресотсиализатсия, пешгирии такрори ҷиноятҳо ва муҳофизат кардани ҳуқуқи кӯдак мегузарад. Ин баромадҳоро кам кардани истифодаи аз озодӣ маҳрум кардан ба фоидаи тадбирҳои тарбиявӣ, ҷазои алтернативӣ (корҳои ҷамъиятӣ, омӯзиш) ва барномаҳое барои дастгирии психологии ҷабрдидагон дар бар мегирад;

5. Ҷоннок намудани институтҳи волонтёрӣ ва ҷалби зиёди ноболиғон ва ҷавонон дар онҳо, аз ҷумла ҷоннок намудани фаъолияти «Парлумони ҷавонони Тоҷикистон», «Гурӯҳи авангард» ва ғайраҳо.

## 3.2. Чораҳои умумикриминологӣ ва махсуси профилактикӣ байни ҷинояткорони ҷавон ва баркамол.

Таҳлили хусусиятҳои фаъолиятҳои ҷиноятии шахсони синну соли миёна ва пиронсол, ки дар бар мегирад таҳлили бӯҳронҳои синнусолие, ки онҳо аз сар мегузаронанд, имкон медиҳад, ки амиқтар фаҳмем, ки чӣ гуна ин омилҳо ба хосият, мотиватсия ва мизони амалҳои ҷинояткорона таъсир мерасонанд. Табдилоти синни, ба монанди аз даст додани нақшҳои иҷтимоӣ, камшавии қобилиятҳои физикӣ ё шикастҳои психологӣ (масалан, бӯҳронҳои экзистенсиалӣ), аксар вақт манбаи рафтори девиантӣ мегарданд, ки таваҷҷӯҳи вижаи криминологҳо ва иҷтимошносҳоро талаб мекунад. Чунончӣ, Иванов Н.Г. дар бораи вобастагии бевоситаи ҷинояти баркамол ба як қатор омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ навиштакаст, ки «тадбирҳое заруранд, ки барои ба вуҷуд овардани некуаҳволии моддӣ, маънавӣ ва маънавии омма нигаронида шудаанд» [58, с. 206].

Самти асосии давлат, ин самтҳои сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат мебошад, ки баҳри бартараф намудани мушкилоти ҳамаҷонибаи ҷомеа равона шудааст, ки на танҳо ба баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон, балки ба фароҳам овардани шароити одилона барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ равона шудааст. Барои ин зарур аст, ки тадбирҳо ҷиҳати коҳиши нобаробарии молу мулк амалӣ гарданд. Ю.М. Антонян, О.В. Барсукова, вобаста ба профилактикаи ҷинояткори байни синну соли гуногун таҳқиқотҳои худро пешниҳод кардаанд [94, с. 62]. Натиҷаҳои таҳқиқоти онҳо, ки дар доираи пешгириҳои умумӣ татбиқ мегарданд, таъсири фарқкунандаи равшане вобаста ба синну сол доранд.

Тазаккур бояд дод, ки доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият намедиҳад, ки тамоми маҷмуи тадбирҳои гуногунро фаро гирифта,

пешгирии ҷинояткорӣ дар байни калонсолон, аз ҷумла пиронсолон таъсири мусбат расонда метавонанд. Дар ин ҷода диққати худро ба он омилҳое, ки барои пешгирии ҷинояткорӣ дар байни калонсолон ва пиронсолон бевосита таъсир мерасонад, равона кардан мумкин аст.

Олимон роҳҳо ва воситаҳои гуногуни пешгирии ҷинояткорӣ дар байни калонсолон ва пиронсолонро пешниҳод намудаанд. Чунончӣ, В.О. Касимов чунин чораҳои умумии пешгирии ҷиноятҳоро коркард кардааст:

1. Таъмини некӯаҳволии касбӣ ва оила;

2. Бо дарназардошти буҳрони «нафақа» ҳамчун омиле, ки метавонад ба шиддат гирифтани рафтори ғайриқонунӣ таъсир расонад;

3. Дастгирии саломатӣ ва давомнокии умри ҳаёти фаъоли насли калонсол ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеа ва иқтисод;

4. Ташаккули маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа: стратегияи рафъи нигилизми ҳуқуқӣ ва таҳкими қонуният;

5. Суғуртаи масъулияти шаҳрвандони Федератсияи Россия ҳамчун чораи пешгирикунанда аз ҷинояткорони эҳтимолӣ [163, с. 151-160].

Дар асоси таҳқиқот вобаста ба масъалаи пешгирии ҷинояткорӣ дар байни занон муҳаққиқ Х.Г. Ҷалолов чунин чораҳои умумӣ ва махсуси пешгирии ҷинояткорӣ дар байни занонро пешниҳод намудааст:

1. Баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ;

2. Дастгирии давлатии модар ва кӯдак;

3. Ба кор таъминкунии занон;

4. Баланд бардоштани сатҳи музди меҳнат, сари вақт таъмин ва кафолатҳои ҳифзи иҷтимоии онҳо, тайёрии тахассусии занон, кафолати татбики қонунгузории меҳнат [161, с. 121-125].

Баъди омӯзиши ҳамаҷониба Ҷалолов Х.Г. чунин хулоса намудааст, ки дар ин замина бояд ҳамеша дар назди давлат вазифаҳои баланд бардоштани некӯаҳволии иҷтимоии оилаҳо ва занон гузошта шаванд, музди меҳнати ин тоифаи аҳолӣ зиёд карда шавад, сиёсати иҷтимоӣ возеҳ ҳавасманд карда шуда, ба беҳтар намудани шароити меҳнат ва мустаҳкам намудани

интизоми меҳнатӣ аҳаммияти махсус зоҳир карда шавад. Бинобар ин, ба занон барои тарбияи фарзандон вақти бештар додан лозим аст [161, с. 126].

Олими ватанӣ Ш.М. Шарифзода бошад, чунин андеша дорад, «ки мубориза бо коррупсия тадбирҳо дар самти такмили қонунгузорӣ, амалияи татбиқи қонун ва пешгирии коррупсияро дар назар дорад. Бо дарназардошти пешгирии умуми иҷтимоии ҷинояткорӣ бояд қайд намуд, ки тадбирҳои асосии чунин пешгирӣ фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ, рафъи камбудиҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ-равонӣ ва маънавии ҷомеа мебошанд. Онҳо бо баланд бардоштани некӯаҳволии моддии шаҳрвандон, шароити кор ва истироҳати онҳо, инчунин бо дигаргуниҳои мусбати ҷомеа алоқаманданд, вобаста мебошанд» [177, с. 136].

Андешаи мазкури олимон қобили дастгирӣ мебошад. Аммо дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур дар баробари чораҳои пешниҳоднамудаи олимон чунин чораҳои умумии пешгирии ҷинояткориро коркард ва муайян намудан мумкин аст.

Тавре омӯзиши адабиётҳои илмӣ ва таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, омили калидии пешгирии умумии ҷинояткорӣ ин сатҳи зиндагӣ ва омилҳои иқтисодии ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре оморҳои расмӣ нишон медиҳанд, ҷиноятҳои хусусияти иқтисодӣ дошта, сол то сол зиёд гардида истодаанд. Чунончӣ, дар 7 солу нуҳ моҳ содиршавии ҷиноятҳои хусусияти иқтисодидошта чунин ба назар мерасад: қаллобӣ 19749 (2016 – 3536, 2017 – 2677, 2018 – 3161, 2019 – 2812, 2020 – 2866, 2021 – 1900, 2022 – 1806, 9 моҳи 2023 – 991), ғоратгарӣ 1101 (2016 – 159, 2017 – 159, 2018 – 171, 2019 – 144, 2020 – 161, 2021 – 111, 2022 – 111, 9 моҳи 2023 – 85), роҳзанӣ 299 (2016 – 54, 2017 – 42, 2018 – 37, 2019 – 29, 2020 – 33, 2021 – 41, 2022 – 44, 9 моҳи 2023 – 19).

Зиёда аз ин, омӯзиши таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки аксарияти ҷиноятҳои аз тарафи калонсолон ва пиронсолон содиргардида омили шароитҳои иқтисодӣ ва оилавӣ дорад.

Дар зиндагии инсон, татбиқи касбӣ ва робитаҳои оилавӣ ҷойгоҳи махсус доранд, ки мағзи маънoии ҳастии одамони ба синни миёна расида ва пиронсолро шакл медиҳанд. Фаъолияти меҳнатӣ, «ҳифзкунандаи нақши самти иҷтимоӣ, на танҳо суботи моддиро таъмин мекунад, балки воситаи худшиносӣ, нигоҳ доштани фаъолиятҳои маърифатӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ низ мегардад» [76, с. 167-170]. Маҳсулнокии касбӣ, ба ақидаи Э. Эриксон, «барои шахсияти баркамол саҳм дар рушд ва тасдиқ дар ҳаёти насли оянда аст» [115]. Ҳамин тавр, дар давраи балоғат ташаккули низоми шахсияти ягона ба вуқӯъ мепайвандад, ки дастовардҳои асосии марҳилаҳои қаблии инкишофро муттаҳид мекунад. Ин раванд ҷанбаҳои эҳсосиву иҷтимоиро, ки бо муносибатҳои оилавӣ алоқаманданд, ва ҳамчунин унсурҳои маърифативу амалии салоҳияти ибтидоии касбиро ба ҳам мепайвандад. Муносибатҳои оилавӣ, ки асоси иҷтимоикуниро ташкил медиҳанд, бо маҳорати аввалини касбӣ якҷо шуда, сохтори мураккаберо ба вуҷуд меоранд, ки пояи худшиносӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, аз даст додани ҷойи кор, ки дар байни авлавиятҳои хоси ин синну сол мавқеи асосиро ишғол мекунад ва муҳимтарин манбаи ҳолати эмотсионалӣ мебошад, махсусан дар синни 40-55-солагӣ омилҳои мусоидтарини рафтори ҷиноятии шахс мебошад. Дар байни ҷинояткорони синни баркамол 50-55-сола (60,3%), ашхоси аз 36 то 49 сола(27,4%)(*Хулосаи мазкур дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлил 100 адад ҳукми судӣ асоснок карда шудааст.)* , ки ҳангоми содир кардани ҷиноят дар ягон ҷо кор намекарданд, ташкил медиҳанд. Тамоюли шабеҳ дар байни мардони синнашон аз 60 то 65-сола ба таври возеҳ мушоҳида мешавад, аммо дар ин ҷо аз даст додани кор бо нафақа алоқаманд аст. Кам кардани маҳз ин омилҳои манфии иҷтимоию психологие, ки ба рафтори ҷинояткоронаи шахс таъсир мерасонанд, имконпазир аст. Бинобар ин, дар сатҳи давлатӣ дастгирии шароити муътадили иҷтимоию иқтисодӣ, яке аз роҳҳои кам кардани ҷиноят ва пешгирии онҳо мебошанд, чунки шахс ҳаёти худро метавонад тағийр диҳад,

майл ба касбу ҳунари худ кунанд, баъд аз нафақаи давлатӣ баромадани шахс ҳолати руҳӣ ва ҷисмонии ӯ тағийр меёбад, ки ин боиси пешгирии сатҳи ҷинояткори дар ҷомеа мегардад.

Мутахассисон вазъияти баамаломадаро ҳамчун омили асосии ташаккулдиҳандаи динамикаи ҷинояткорӣ дар ҷомеа муайян мекунанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки аҳолии қобили меҳнат, ки асоси рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоиро ташкил медиҳад, аз ҷониби давлат таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад [121, с. 8-11].

Дар ин замина мо мутмаинем, ки ҷузъи калидӣ дар таҳияи стратегия барои ҳалли мушкилоти зикршуда бояд ба шаҳрвандоне, ки ташаккули фаъоли иҷтимоӣ ва касбии онҳо ба давраи баъд аз нафақа баромадан рост меояд, равона шавад. Гап дар бораи афроде меравад, ки баръакс ба меъёрҳои анъанавии синну сол, иқтидори худро амалӣ карда ё траекторияи ҳаёти худро пурра пас аз итмом ёфтани фаъолияти расмии меҳнатӣ комилан тағйир додаанд. Зеро, нафақа мавқеъ ва нақши шахсро дар ҷомеа тағйир медиҳад, ки ин ба доираи ҳавасмандии ӯ таъсир мерасонад. Ҳавасмандии марди 60-сола ниёз ба худшиносӣ, эҷод ва интиқоли мероси маънавӣ мебошад [108, с. 76-78]. Дар ин давра иштироки одамони солхӯрда дар он намудҳое, ки ҳамчун ҷуброни талафи фаъолияти асосии пешбаранда ҳисобида мешаванд, ба таври назаррас афзоиш меёбад [105, с. 239].

Барои амалӣ сохтани ин мақсад зарур аст таҳия ва таъсиси институтҳои махсус, масалан, марказҳои бисёрфунксионалии шуғл, ки ба ниёзҳои нафақахӯрон равона шудаанд. Ин сохторҳо метавонанд маҷмӯаи хизматрасониҳоро пешниҳод кунанд: аз бозомӯзии касбӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ то кӯмак дар пайдо кардани шаклҳои чандири шуғл (кор аз масофа, шуғли нисфӣ, фаъолияти машваратӣ).

Бояд қайд намуд, ки қонунгузории амалкунандаи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти кори шаҳрвандони синни нафақаиро ба ҳисоб намегирад. Бо вуҷуди тағйироти объективии синну сол, монанди коҳиши таҳаммулпазирии ҷисмонӣ, афзоиши хатарҳои солимӣ ё зарурат ба ҷадвали

кории мутобиқшуда, асоси ҳуқуқии кишвар барои нафақахӯрон ҳамоно қоидаҳои умумиро татбиқ мекунад, ки барои аҳолии қобили кор бе маҳдудияти синну сол пешбинӣ шудаанд. Ин ба набудани муносибати дифференсиалӣ оварда мерасонад, ки метавонист ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои коргарони пиронсолро таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ хусусиятҳои меҳнатии шахсони ба синни нафақа расида, ба таври мушаххас пешбинӣ карда шуда, масъалаҳои зерин дар сатҳи қонунгузорӣ ҳал карда шавад: ба нафақахуроне, ки фаъолияти меҳнатию ҷамъиятиро нигох доштаанд, барои оқилона истифода бурдани қобилияти кории боқимондаи худ, ки бо таҷрибаи чандинсола, дониш ва тахассуси баланди онҳо такмил ёфта шудааст, имконияти фаъолият кардан ба ҳайси мушовир, ёрдамчии роҳбар ва ё воҳидҳои дигари корӣ; дар кори роҳнамоии касбӣ ва таълими (азнавтайёркунӣ) бо дарназардошти имкониятҳои ҷисмонии психологии аз рӯйи синну сол муайяншуда; имконияти дар корхонаҳои калони давлатӣ ва ё хусусӣ таъсис додани марказҳои таълимии касбӣ ва такмили ихтисос.

Инчунин, тибқи пешгӯиҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 аҳолии ҷумҳурӣ тадриҷан афзоиш ёфта, ба 11,5 миллион нафар хоҳад расид, ки афзоиши чашмдошти шумораи аҳолии синни қобили меҳнат барои суръат бахшидани рушди иқтисодӣ имконият фароҳам меоварад.

Шумораи захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 то ба 5 миллиону 635,3 ҳазор нафар, соли 2021 5 миллиону 742,3 ҳазор нафар ва дар соли 2022 бошад 5 миллиону 851,1 ҳазор нафар афзоидааст, ки ин нишондод дар муқоиса ба соли 2018 давоми се соли оянда аз ҳисоби зиёдшавии табиии аҳолӣ шумораи захираҳои меҳнатии Тоҷикистон ба андозаи 7,8 фоиз афзоиш меёбад [16].

Бо назардошти он ки баробари қабули Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022 баъзе

масъалаҳои муҳимми шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда шудаанд, мувофиқи мақсад мебошад, ки чунин барнома барои давраи оянда низ коркард ва қабул карда шуда, дар он фасли аҳолида барои шуғли шахсони ба синни нафақа расида таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор дода шавад. Инчунин, бо мақсади пешгирии ҷиноят аз тарафи шахсони қаблан ҷиноят содир карда, бояд масълаҳои шуғли шахсони аз адои ҷазо озодгардида бо санадҳои дахлдори давлатӣ танзим карда шавад.

Оила рукни асосии сохти иҷтимоӣ буда, нақши бисёрҷабҳавӣ дар ташкили зиндагии инсон мебошад. Ҳамчун ҳуҷайраи ибтидоии ҷомеа, он маҷмӯаи муоширати байнишахсиро ва ҳамчунин ҷузъҳои ҳастии коллективиро муттаҳид месозад. Дар фазои он механизмҳои сотсиализатсия, интиқоли меъёрҳои фарҳангӣ ва ташаккули намунаи рафтори масъулиятнок синтез меёбанд, ки пайвандҳои оиларо ба ниҳоди беназири фарҳанги башарӣ табдил медиҳанд. Функсияи иқтисодии оила дар ташкили низоми устувори мубодилаи захираҳо, хоҷагидории муштарак ва дастгирии моддии мутақобил таҷассум меёбад. «Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ мақоми муносибатҳои никоҳӣ, механизмҳои меросбардорӣ ва ҳуқуқи моликиятро муқаррар намуда, доираи ҳуқуқиро барои ҳифзи манфиатҳои аъзои оила фароҳам меорад». Ҷузъи маънавию тарбиявӣ низоми арзишҳоро парвариш бахшида, дар он эҳтиром ба пиронсолон, ғамхорӣ нисбат ба хурдсолон ва масъулият дар баробари наздикон асоси рушдгоҳи ахлоқии шахсиятро ташкил медиҳад.

Дар доираи корҳои пешгирии ҷиноят бо калонсолон, равиши комплексии низомӣ, ки ба тақвияти пайвандҳои оилавӣ нигаронида шудааст, аҳаммияти хос мегирад. Оила, ҳамчун узви калидии иҷтимоӣ, ҳадафҳои арзишманд, намунаҳои рафтор ва некӯаҳволии эҳсосии инсонро дар марҳилаи камолак муайён мекунад.

Оила барои шахсони калонсол таъсири мусбӣ мерасонад, чунки шахси калонсол ҳангоми ворид шудан ба муносибатҳои оилавӣ чунин

масъулиятҳоро бардуш мегиранд: тарбияи фарзанд, пешбурдани зиндагӣ, таъмин намудани рӯзгори зиндагӣ, ва ҳам ҳамчун манбаи эҳтимолии дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун омилҳои стрессӣ амал мекунанд [108, с. 77]. «Агар барои ноболиғон ва ҷавонони ҷинояткор дар муносибатҳои оилавӣ нақши парасторӣ таъин шуда бошад, пас барои калонсолон аз ҳама муҳимтарин таҷрибаи оиладор будан ва падару модар будан аст». Нокомӣ дар ҳаёти оилавӣ, чунон ки О.В. Дарвеш қайд менамояд, «нисбат ба ҷавонӣ ва наврасӣ шадидтар дарк мешавад». Таҳқиқоти иҷтимоӣ-демографии гузаронидашудаи О.В. Дарвеш нишон медиҳанд, ки «хатари вайроншавии оила дар 5 соли аввали издивоҷ ва дар марзи 45-60 сол, вақте ки одамон ҳадди аққал 15 сол издивоҷ мекунанд, бештар аст» [51, с. 220-230].

Нигоҳ доштани ҷалби одамони баркамол ва пиронсолон, ҳам онҳое, ки ҷиноят содир кардаанд ва ҳам ба онҳое, ки ҳанӯз ҷиноят содир накардаанд ба робитаҳои иҷтимоӣ метавонад таъсири муҳимми барои кирдори қонуниашон дошта бошад. Ҷудошавии иҷтимоӣ ва камбуди муошират дар синни пирӣ ба унсурҳои асосии рушди ҳолатҳои манфии психоэмотсионалӣ табдил меёбанд. Танҳоӣ на танҳо ҳоли руҳафтодагӣ ва бадбинӣ ба вуҷуд меорад, балки изтироби доимӣ, тарсҳои мавҷудиятӣ ва эҳсоси бефоида буданро дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда ташаккул медиҳад. Барои муқовимат бо ин мушкил, як қатор фарҳангҳо намунаҳои ҳамкории байнинаслӣ ба вуҷуд овардаанд, ки дар онҳо ҳамгироии гурӯҳҳои синну сол ҳамчун пояи некӯаҳволии иҷтимоӣ баррасӣ мешавад. Мисоли равшан ин анъанаҳои Чин ва Ҷопон мебошанд, ки дар онҳо принсипи пайванди наслҳо дар меъёрҳои ахлоқи коллективистӣ мустаҳкам гардидааст [100, с. 317-320].

Аз ин рӯ, ҳалли масъалаҳои оилавӣ ва мустаҳкам кардани муноситаҳои оилавӣ омили муҳимми пешгирии умумии ҷинояткорӣ дар байни синну соли калонсолон ва пиронсолон мебошад.

Дар низоми чораҳои умумии пешгирии ҷинояткорӣ тадбирҳо оид ба кам кардани фавти аҳолии калонсол аҳаммияти муҳим дорад [64].

Тағйироти демографӣ, ки бо афзоиши босуръати ҳиссаи шахсони синни пеш аз нафақа ва нафақа дар заминаи коҳиши қишрҳои ҷавон тавсиф мешавад, изтироби ҷиддӣ ба бор меорад. Ин тамоюл хусусияти як чолиши миллӣ касб мекунад, зеро ба номутавозунии низоми нафақа, зиёд шудани фишор ба муассисаҳои иҷтимоӣ ва тағйироти бозори меҳнат меорад. Дар натиҷа, падидае ба вуҷуд меояд, ки онро метавон ҳамчун «пиршавии» омори ҷинояткорӣ таъбир кард – яъне, интиқоли синну соли ҷинояткорон ба самти гурӯҳҳои синнии боло.

Ба ақидаи Е.Д. Кузнетсова ҳалли ин мушкилот бояд дарислоҳоти системавии сиёсати демографӣ ва дар қонунгузории умумӣ муттаҳид намудани стандартҳо ва нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, ки мавқеи воқеии оиларо дар ҷомеа инъикос мекунанд, бошад [165, с. 3]. Мо низ ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем, зеро номутобиқати дар сохтори демографиии ҷомеа мушкилоти низомиро ба вуҷуд меорад, ки ба афзоиши ноустувории иҷтимоӣ оварда мерасонад. Бори иқтисодие, ки ба аҳолии қобили меҳнат вогузор мешавад, дар натиҷаи пиршавии ҷомеа ва коҳиш ёфтани ҳиссаи насли ҷавон, на танҳо танишии иқтисодиро ба вуҷуд меорад, балки заминаи рӯҳии мунокишавиро низ ташкил медиҳад. Ин дар афзоиши дуршавии мутақобила байни наслҳо ифода меёбад: шаҳрвандони қобили меҳнат, ки зери фишори афзоиши бори фискалӣ қарор мегиранд (андозҳо, пардохтҳои нафақавӣ), аксар вақт эҳсоси беадолатиро нисбат ба пиронсолон интиқол медиҳанд. Дар муқоиса бо давлатҳои дигар содиршавии ҷиноятҳо ба муқобили шахсони пиронсол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кам ба назар мерасад, ки ба омили мазкур фарҳангии миллии тоҷикӣ таъсир расонидааст. Яъне, дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, «ба хусус Федератсияи Россия ҷиноятҳои зӯроварӣ дар асоси оилавӣ нисбат ба одамони синну соли нафақавӣ аз ҷониби хешовандон бо сабабҳои «аз хӯрдани паразит хаста» (46%), «ӯ фоида надорад» (13%), « бори гарон шудааст» (15%), «бо

беарзишии худ хашмгин мекунад»(26%) содиршавии ҷиноятҳо ба мушоҳида мерасад» [165, с. 156].

Таҷрибаи мазкурро П. В. Разумов, чунин асоснок намудааст, ки вазъи иқтисодии ин гурӯҳи иҷтимоӣ ниҳоят паст буда, раванди бенавоӣ ба вуҷуд меояд, ки аксаран хешу табореро, ки дар зери хатти фақр қарор доранд, ба хашм меорад [94, с. 62].

Тавре зикр кардем содиршавии чунин намуди ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кам ба назар расанд ҳам, вале таъсири ҷаҳонишавӣ ба ин соҳа истисно намегардад. Яъне, бо дарназардошти ҷаҳонишавӣ ва табодули фарҳангҳо пайдо ва зиёд шудани чунин намуди ҷиноятҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз эҳтимол дур нест.

Имрӯз Ҳукумати мамлакат барои зиёд намудани дарозумрии аҳолӣ чораандешӣ намуда истодааст. Зеро, тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Предизенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сатмҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2023 таъкид намуданд, «таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши табиии аҳолӣ аз ҳисоби зиёд шудани таваллуд ва паст гардидани фавт дар замони соҳибистиқлолӣ хар сол ба ҳисоби миёна 2,1 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар ин давра шумораи фавт ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ аз 6 нафар дар соли 1991 то 3 нафар дар соли 2023 паст гардидааст. Яъне дар ин давра фавт 2 баробар коҳиш ёфтааст. Аз ҷониби дигар, дар ин давра дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 сол ба 76,3 сол расидааст, яъне умри миёнаи аҳолии мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 6 сол афзоиш пайдо кардааст» [186].

Аз ин рӯ, дастгирии саломатии аҳолӣ ва дарозумрии аҳолӣ воситаи дигари чораҳои умумии пешгирии ҷинояткорӣ дар байни калонсолон ва пиронсолон баромад мекунад.

Дар пешгирии умумии ҷинояткорӣ як тадбири дигари таъсиррасонӣ ба ташаккули шахсият ва муносибатҳои дурусти байнишахсӣ бояд тарғиби

донишҳои ҳуқуқӣ ва қоидаҳои рафтор дар ҳаёти ҳаррӯза тавассути суҳбату иттилоот, истифодаи шаклҳои визуалии таъсиррасонӣ, истифодаи имкониятҳои ВАО (матбаа, радио, телевизион, интернет, кино ва ғайра) истифода карда шаванд. Чунин тадбирҳо, ба фикри мо, бояд на танҳо нисбат ба одамони калонсол, балки ба одамони тамоми синну сол ҳам татбиқ карда шаванд. Зеро, тавассути чунин чораҳои тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон амалӣ карда шуда, барои аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Тарбияи ҳуқуқӣ як фаъолияти мунтазам ва ташкилёфта ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби давлат, муассисаҳо, шахсони мансабдор, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ карда мешавад. Ин фаъолият ба рушди худшиносии ҳуқуқӣ, амиқ гардонидани фаҳмиши меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа равона шудааст. Бар хилофи омӯзиши ҳуқуқӣ, ки ба интиқоли донишҳо оид ба қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо тамаркуз мекунад, тарбия дар соҳаи ҳуқуқӣ ташаккули эҳтиром ба қонун, ангезаи дохилӣ барои риояи он ва дарки арзиши тартиботи ҳуқуқиро дар назар дорад.

Вусъат додани фаъолият оид ба паст кардани дараҷаи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷамъият талаботи ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ мебошад. Аммо ҳангоми интихоби усулҳои таълими ҳуқуқӣ бояд хусусиятҳои пешниҳод ва дарки иттилоот бо дарназардошти синну сол ба инобат гирифта шавад.

«Бо назардошти аҳаммияти мазкури омили мазкури пешгирии ҷиноятгкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва

ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд, ки дар ин бора фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, № 668» [187], ба имзо расид.

Бо назардошти раванди мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба ташаккул ва ба зинаи рушд бурда расонидани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар тадбирҳои силсилавӣ роҳандозӣ карда шуданд. Албатта, барои амалӣ намудани механизмҳои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ба омилҳои калидии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ вобастагии ногусастанӣ доранд. Дар байни фишангҳои ишорагардида, нақш ва мавқеи мехнизмҳои ҳуқуқии ташаккул додани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мавқеи меҳвариро ишғол менамояд.

Ба ғайр аз ин, имрӯз «дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси санадҳои ҳуқуқии гуногун, аз ҷумла фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 марти соли 2006, №94, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6 феврали соли 2018, №1005, «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 тасдиқ гардидааст, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 31 декабри соли 2023, №668 амалӣ карда мешавад» [187].

Дар ин радиф олими ватанӣ профессор Насриддинзода Э.С., ки «ба таҳқиқоти шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ машғул аст, таъкид менамояд, ки маърифати ҳуқуқӣ шакли бисёрҷанбаи фаъолияте аст, ки дар амалигардонии он низоми маориф нақши асосӣ дорад» [203].

Ба андешаи И.Ҳ. Бобоҷонзода бошад, «муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, ин баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад» [181].

Бо назардошти андешаҳои болозикр чунин мешуморем, ки маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми баланд бардошти шуури ҳуқуқии ҷомеа ба ҳисоб рафта, барои аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Гузаронидани таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз фаъолияти конститутсионии худ бобати амалӣ намудани адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба натиҷаҳои муайяни амалӣ ноил гардидаанд. Чунончӣ, дар соли 2023 аз ҷониби судяҳои ҷумҳурӣ бо мақсади истифодаи минбари мурофиаҳои сайёри судӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқи қонуният ва пешгирии ҷинояткорӣ, судҳо дар маҷмуъ 22725 парвандаҳоро дар мурофиаҳои сайёр бо ҷалби бештари аҳолӣ баррасӣ карданд. Ба ғайр аз ин, судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ҷиҳати аз байн бурдани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ аз ҷониби хонандагон ва донишҷӯёну

хизматчиёни ҳарбӣ дар 11389 чорабиниҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ташкилоту идораҳо, муассисаҳои таълимӣ ва қисмҳои ҳарбӣ баргузоршуда иштирок карда, ба онҳо оид ба ҷавобгарӣ нисбат ба шахсоне, ки кирдорҳои ҷиноятӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро содир мекунанд, суҳбат ва онҳоро баҳри риояи қонунҳо ва тартиботи ҷамъиятӣ даъват намуданд. Ҳамин тариқ, дар давоми соли 2023 тариқи телевизиону радио 4290 маротиба баромад намуда, дар рӯзномаю маҷаллаҳо 1549 хабару мақолаҳоро ба нашр расониданд. Ҳамчунин бо иштироки кормандони мақомоти судӣ 20 адад барномаи ҳуқуқии «Мурофиа» ва 24 барномаи таҳлиливу ҳуқуқии «Инсон ва қонун» таҳия гардида, тариқи шабакаи «Телевизиони Тоҷикистон» пешкаши тамошобинон гардонида шуданд. Инчунин бо иштироки судяҳои ҷумҳурӣ шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» 30 барномаро таҳти унвони «Ҳуқуқи Шумо» ва 62 барномаи иттилоотӣ-таҳлилии «Додгоҳ»- ро таҳия дода, пешкаши тамошобинон намуд [196].

Инчунин, дар судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2020-2025 бобати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ба аҳолӣ фаҳмонидани меъёрҳои қонунҳои амалкунанда ва пешгирии қонунвайронкуниҳо 4 мурофиаҳои таълимии судӣ оид ба баррасии парвандаҳо тавассути телевизиони марказию маҳаллӣ дар барномаи «Мурофиа» ба намоиш гузошта шуда, дар барномаи маърифати «Ҳуқуқи Шумо», ки ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе доир ва манзури бинандагон мегардад, 28 маротиба баромад карда шудааст. Бобати фаҳмонидани муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиситон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқию сиёсии шаҳрвандон дар ташкилоту муассисаҳо ва мулоқот бо аҳолӣ аз ҷониби судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳои иқтисодӣ дар маҷмуъ 362 маротиба вохӯрӣ доир карда, дар воситаҳои ахбори омма 190 маротиба баромад ва

мақолаҳои илмиву оммавӣ ба чоп расонидаанд. Шумораи 399 парвандаҳо дар мурофиаҳои сайёри судӣ баррасӣ гардида, бо мақсади ҷалб намудани диққати мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор ба ҳолатҳои вайронкунии қонун ва сабабу шароите, ки ба содир шудани қонунвайронкунӣ мусоидат кардаанд 391 таъинотҳои хусусӣ бароварда шуда, 26 ҷамъбастиҳои амалияи судӣ гузаронида шуда, сабабу омилҳои ҳуқуқвайронкуниҳо мавриди таҳлил қарор гирифта, ба мақомоти дахлдор ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳолатҳои риоя нагардидани қонун 88 пешниҳод ирсол гардида, тариқи телевизион ва радиои марказию маҳаллӣ, дар вохӯриву мулоқотҳо бо аҳолӣ, ҷамъ 1 426 маротиба баромадҳо карда шуда, дар рӯзномаву маҷалла ва сомонаҳо 469 мақолаҳои илмиву оммавӣ чоп карда шудааст. Ҳамчунин, доир ба фаҳмонидани моҳият, аҳаммият ва ҷойгоҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо аҳолӣ 187 суҳбату вохӯриҳо гузаронида, дар садову симо 12 маротиба баромад карда, дар рӯзномаву сомона доир ба мавзуъҳои қобили таваҷҷуҳ 12 мақола ва барои шарҳу эзоҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» бо аҳолӣ 151 суҳбату вохӯриҳо гузаронида, дар садову симо 25 маротиба баромад карда, дар рӯзномаву сомона 5 мақола чоп карда шудааст [190].

Ҳисоботҳои омории мазкури низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили муҳимми пешгирии умумии ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва амалияи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо сиёсати давлатии ҳуқуқиашон ба яке аз принсипҳои муҳим – «принсипи таҳаммулпазирии сифрӣ» асос ёфтааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар ИМА ва давлатҳои Аврупо самаранокии «принсипи таҳаммулпазирии сифрӣ»-ро нишон додааст.

Тахти мафҳуми принсипи таҳаммулпазирии сифрӣ ташаккули муносибати манфии шаҳрвандон ва майл надоштани онҳо ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳо фаҳмида мешавад.

Мазмуни принсипи мазкурро ҳолатҳои зерин ташкил медиҳад: моҳияти асосии принсипи мазкур ин фаъолсозии ҷомеа мебошад. Аввалан, ҳар як шаҳрванд бояд мавқеи шаҳрвандии худро нишон диҳад, ба ҳеҷ гуна ҳуқуқвайронкунӣ, ҳатто хурдтарину ночизи онҳо даст назанад.

Сониян, шаҳрванд ҳар гуна ҳуқуқвайронкуниро пай бурда, бояд бетаваҷҷуҳ намонад, балки бояд ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳад. Мавзуи амнияти ҷамъиятӣ ба тамоми ҷомеа дахл дорад, ба он такя кардан мумкин нест, ки ягон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танҳо мустақилона тартиботи қонуниро дар саросари кишвар таъмин хоҳад кард. Ҳар як шаҳрванд бояд барои тартибот ва амнияти кишвар масъул бошад. Таҳаммулпазирии сифр нисбат ба ҳама гуна ҷиноят қадами муҳим дар роҳи таҳкими амнияти ҷамъиятӣ мебошад.

Чунин принсип аз соли 2013 ин ҷониб дар Ҷумҳурии Қазоқистон мавриди истифода қарор дорад.

Моҳияти принсипи мазкур имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мушоҳида мерасад. Зеро, дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» амал мекунад, ки мақсади он «танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ҳангоми иштироки ихтиёрии шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, ба ҳисоб меравад» [6].

Тибқи Қонуни мазкур иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба тариқи зайл амалӣ мегардад:

1. Иштироки инфиродӣ;

2. Узвият дар ҷамъиятҳои ихтиёрӣ.

Иштироки инфиродии шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар асоси ихтиёрӣ бо роҳи мусоидат кардан ба мақомоти корҳои дохилӣ дар

таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ташвиқоти донишҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Дружинаи ихтиёрӣ як ташкилоти ташаббускор мебошад, ки на камтар аз даҳ нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад ва мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ташкил карда мешавад. Вазифаи асосии чунин ташкилотҳо – ҳамкории фаъол бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии қонуншиканӣ ва ҳимояи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар ҷойҳои кори онҳо, таҳсил ва истиқомат мебошад.

Аммо таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ нишон медиҳад, ки амали қонуни зикргардида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таъмин карда нашудааст. Аз мазмуни моддаи 10-и он маълум мегардад, ки мақоми ваколатдор бобати иҷроиши он мақомоти корҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки аз ҷониби Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади махсуси меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шуда, дар сохторҳои маҳаллии мақомоти корҳои дохилӣ сохтори ваколатдор бобати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» таъсис дода шавад. Зеро, омӯзиши қонунгузорӣ ва амалияи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки принсипи таҳаммулпазирии сифрӣ омили муҳимми пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳо дар ҷомеа ба ҳисоб рафта, нақша ҳар шаҳрвандро бобати мубориза бо ҷинояткорӣ пурзӯр намудааст.

Пешниҳоди ҷолиб дар бораи интихоби чораҳои пешгирикунанда аз ҷониби А. Лебедев пешниҳод шуда, қайд мекунад, ки суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандон метавонад як тадбири муассири пешгирии ҷинояткорӣ гардад. Механизми пешниҳодкардаи ӯ чунин аст: шаҳрванд (суғурташаванда) бояд бо ташкилоти суғурта барои масъулият барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ шартномаи суғурта ба имзо расонад, ки дар ҳолати содир намудани он маблағи мукофоти суғурта барои давраиояндаи

суғурта мутаносибан зиёд мешавад. Ҳамзамон, ҷабрдида, ки баҳрагиранда (ҷуброншаванда) мебошад, маблағи суғурта мегирад, ки имкон медиҳад товони зиёни расонидашударо сарфи назар аз вазъи моддии ҳуқуқвайронкунанда, ҷуброн карда шавад [200].

Албатта, ҳангоми муайян кардани шахси ҷиноят содиркарда ва ҷабрдида чунин ҳолат ба миён омада метавонад. Вале, мо чунин мешуморем, ки дар ин маврид сухан дар бораи одамони синни қобили меҳнат меравад, ки барои суғурта кардани ҷинояти ояндаи худ имкониятҳои молиявӣ доранд.

Дар замони муосир дар баъзе давлатҳои ҷаҳон суғуртаи ҷавобгарии шаҳрвандон яке аз механизмҳои муҳимми самарабахш дар танзими муносибаҳои иқтисодӣ ва ҷуброни зарар аз ҷиноятҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки дар таърих аввалин маротиба дар Фаронса соли 1825 пайдо шудааст [214].

Мо низ чунин мешуморем, ки дар сурати дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани суғуртаи масъулияти шаҳрвандон барои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ҷомеа натиҷаи назаррас медиҳад. Тавре дар боло доир ба омори ҷинояткорӣ дар ҷумҳурӣ таъкид намудем, яке аз ҷиноятҳои паҳнгардида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва ҷиноятҳои иқтисодӣ мебошад.

Воситаи калидии паст кардани сатҳи ҷинояткорӣ аз ҷониби калонсолон, татбиқи стратегияҳои мураккаби пешгирикунанда мебошад. Дар ин замина бояд ба пешгирии зӯроварӣ дар хона диққати махсус дода шавад, зеро он яке аз хатарноктарин ва пинҳонтарин шаклҳои ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳимияти пешгӯии инфиродиро ҳамчун воситаи пешгирии ҷиноятҳо А. Г. Аванесов муайян намуда, таъкид кардааст, ки «бо ёрии пешгӯии инфиродӣ аз ҷиҳати илмӣ пешгӯӣ кардан мумкин аст, ки ин ё он шахси солхурда ҷиноят содир карданаш мумкин аст ё не, чӣ уро ба рафтори

ғайриҷамъиятӣ ва ҷинояти минбаъда водор карда метавонад ва ба ин кор чӣ халал мерасонад» [20, с. 226].

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки пешгӯии инфиродӣ омили муҳимми пешгирии ҷиноятӣ бояд муайян карда шаванд. Зеро, маҳз тавассути ин чорабинӣ аксарияти ҷиноят аз ҷониби шахсони баркамол ва ё пиронсол ва умуман сатҳи ҷинояткорӣ пешгирӣ карда мешавад.

Аммо тавре маълум гардид чунин чорабинӣ имрӯз дар ҶТ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки дар муассисаҳои олии касбии ҳуқуқшиносӣ омӯзиши илми психологӣ зиёд ба роҳ монда шуда, кадрҳое омода карда шаванд, ки дар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ вазифаҳои пешгӯии инфиродиро иҷро намоянд. Зеро онҳо дар баробари кормандони оперативӣ ва тафтишотӣ дар пешгирии ҷинояткорӣ нақши муҳим иҷро мекунанд.

Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирӣ кардани ҷиноят дар байни калонсолон, инчунин байни ҷавонон нақши калон доранд. Таҳлил ва омӯзиши сатмҳои фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ предмети таҳлили моро ташкил намедиҳад. Аммо тасмим гирифтем, ки танҳо доир ба муносибати кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бо шахсони ҷиноят содиркарда андешаронӣ намоем.

Тазаккур бояд дод, ки муносибати кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бо шахсони ҷиноят содиркарда омили муҳимми пешгирии ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити мушкилоти ҷорӣ, ки ба ресотсиализатсияи маҳкумшудагон марбутанд, мақсаднок аст, ки дар сохтори низомиислоҳоти ҷиноятӣ шуъбаи махсуси равоншиносӣ ва педагогӣ таъсис дода шавад. Ин воҳиди сохторӣ бояд равоншиносони соҳибтаҷриба, педагогҳои иҷтимоӣ ва мутахассисони соҳаиро муттаҳид созад, ки фаъолияти онҳо ба барқарорсозии мукаммали шахсоне, ки адои ҷазо менамоянд, равона карда шавад.

Дар доираи барномаҳои таълими барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, барои саривақт ошкор намудани ҷиноят, пешгирии онҳо, бояд ба таври пурра синну соли шахс омӯзонида шаванд бо гурӯҳбандиҳои зерини синну соли гуногун: кӯдакон, наврасон, калонсолон ва пиронсолон. Зеро, бешубҳа, он ба самаранокии корҳои профилактикӣ бо ҷинояткоронро зиёд мекунад. Тавассути васоити ахбори омма бояд симои мусбати корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба вуҷуд оварда, меъёрҳои баҳодиҳии фаъолияти онҳоро такмил дода, аз комёбиҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷомеа хабардор карда шавад.

Чораҳо ва ташаббусҳои пешниҳодшуда асосан ба пешгирии умумии ҷинояткорӣ равона шуда буданд, ки мақсадаш ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеа, бартараф намудани омилҳои иҷтимоию иқтисодии ҷинояткорӣ ва муҳайё кардани муҳити мухолиф ба ҷинояткорӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, дар доираи илми ҳуқуқ ва амалия, пешгирии махсус низ ҷудо карда мешавад, ки ба таъсири мушаххас диққат медиҳад. Агар пешгирии умумӣ тавассути тарбия, таълим ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ бо оммаи васеи аҳолӣ кор кунад, пас пешгирии махсус ба гурӯҳҳои хавфнок равона шудааст: шахсони дорои рафтори девиантӣ, ҷинояткорони такрорӣ ё гурӯҳҳои иҷтимоии муҳоҷир ва камбизоат.

Ба андешаи А.Б. Сахаров қобилияти содир кардани ҷиноят аз ҷиҳати иҷтимоӣ идорашаванда аст, зеро хусусиятҳои асосии ахлоқӣ ва хислатҳои шахсият метавонанд ба самти дилхоҳи иҷтимоӣ тағйир, танзим ва равона карда шаванд [140, с. 115].

Объектҳои аз ҷиҳати криминологӣ муҳимми пешгирии инфиродӣ аз инҳо иборатанд: рафтори каҷравӣ ва тарзи ҳаёти одамони баркамол ва пиронсолон; хусусиятҳои давраҳои инкишофи камолот, муаяйн намудани хусусиятҳои ҷисмонӣ, нуқсонҳои руҳӣ, паст будани шароити зиндагӣ; унсурҳои вазъияти номусоиди ҳаётӣ, ки дер боз вуҷуд доранд.

Чораҳои ислоҳи микроиқлими маҳкумшудагони синни баркамол ва пиронсол баррасӣ карда мешавад. Тавре зикр гардид, «дар синни калонсолӣ

ва пиронсолӣ шаклҳои асосии нав оила (арзишҳои оилавӣ) ва фаъолияти меҳнатӣ мебошанд, мувофиқан чораҳои махсуси пешгирикунандаи криминологӣ бояд дар сатҳи гурӯҳҳои хурди иҷтимоии маҳкумшудагони синну соли баркамол ва пиронсолӣ ба пешгирии онҳо таъсир расонида тавонанд. Барои ислоҳ кардани деформатсияи шахсияти баркамол, ки ба фаъолияти ғайриқонунӣ майл дорад, аз ҳама самараноктар ислоҳ кардани микромуҳитест, ки чунин шахс дар он аст ва танҳо дар он сурат бевосита ба рафтори худи шахс таъсир мерасонад» [107, с. 214].

Дар ин замина эҷоди тавсияҳои методии махсусгардонидашуда, ки маҷмуи усулҳои ислоҳи муҳити гӯруҳи махкумшудашонро дар бар мегиранд, як самтиояндадори кор ба шумор меравад. Эътибори хос бояд, «ба ҷорӣ намудани амалияҳои реабилитатсионии гурӯҳӣ дода шавад, ки на танҳо ба гурӯҳҳои анъанавии осебпазир (масалан, калонсолон), балки ба шахсони калонсолони иҷтимоан мутобиқшуда бе ташхисҳои психиатрӣ, ки намунаҳои рафтори девиантиро нишон медиҳанд, равона карда шудаанд» [107, с. 215]. Моҳияти чунин падидаи психологияи коллективӣ, ки амалиятҳои муштарак ва пайванди онҳо бо фазои мушаххас ва замонӣ роҳафтаст, дар як намуди муносибатҳои байнифардӣ фош мешавад. Ин муносибатҳо тавассути самимияти ниҳоӣ, эътимоди мутақобила ва масъулияти ҳушёранд сохта мешаванд, ки унсури калидӣ дар он қабули эмпатикӣ нисбати эҳсосот ва ниёзҳои ҳар як иштирокчии гурӯҳ аст. Принсипи « дар ин ҷо ва ҳозир» ҳамчун заминаи чунин ҳамкорӣ амал мекунад ва аҳаммияти ғӯтидани комил ба лаҳзаи ҳозира, рад кардани қолабҳои гузашта ва пешбиниҳои ояндаро таъкид менамояд.

Нисбат ба навъҳои гуногуни ҷиноятҳо ва намудҳои рафтори ҷиноятӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ тадбирҳои махсуси криминологи таҳия ва татбиқ карда шаванд, зеро онҳо хусусиятҳои равияҳои муайянкунии хос доранд [23, с. 126].

Маълумотҳои эмпирикӣ тасдиқ менамоянд, ки хусусиятҳои криминологӣ вобаста ба тақсимоти синну соли аҳолӣ ба таври ҷиддӣ фарқ

мекунанд. Масалан, намунаҳои рафтори ҷиноятkорӣ дар байни ноболиғон, калонсол ва пиронсолон фарқиятҳои асосӣ дар ангеза, усулҳои содир намудани ҷиноят ва омилҳои иҷтимоии онҳо доранд. Ин хусусияти синнусолӣ зарурати таҳияи чораҳои пешгирикунандаи ҳадафмандро муайян мекунад, ки истифодаи абзорҳои таъсиррасонии фарққунандаро дар назар доранд – аз барномаҳои таълимӣ ва барқарорсозии иҷтимоӣ барои ҷавонон то механизмҳои махсуси ҳуқуқӣ барои гурӯҳҳои дигари демографӣ. Агар барои ноболиғон ва ҷавонон чораҳои пешгирии ҷиноятҳо дар асоси намудҳои ҷиноятҳо, ки барои ин категорияҳо хосанд (масалан, вандализм, зӯроварии мактабӣ ё дуздиҳои хурд), барои кор бо калонсолон ва пиронсолон стратегиҳо бояд бо назардошти намуди ҳуқуқвайронкуниҳое, ки барои ҳар як гурӯҳи синнусолӣ хосанд, мутобиқ шаванд [207]. Тибқи маълумотҳо ҷиноятҳои зидди ҷинсии ноболиғон як падидаи иҷтимоии нав мебошад. Бар хилофи қолабҳои паҳншуда, 37% аз гунаҳгорони муайяншуда ба гурӯҳи синнии 65+ мансубанд ва дар 68%-и онҳо ихтилолҳои когнитивию эҳсосии табиати нейродегенеративӣ мушоҳида шудааст. Ин масъала намунаҳои анъанавии пешгириро зери шубҳа қарор дода, зарурати бознигарии равишҳо ба таъмини амнияти ҳамкорӣ байни наслҳоро ба миён меорад. Ин ҳолат, ки бо паст шудани коркардҳои когнитивӣ, лабиллии эмотсионалӣ ва норозигӣ дар рафтор хос аст, метавонад ба девиатсияҳо дар соҳаи ҷинсӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, самти калидии пешгирӣ бояд дар марҳилаҳои аввали ташаккули психосексуалӣ равона шуда, ташхиси саривақтии бемориҳои равонӣ, коркард ва ислоҳи намунаҳои рафторӣ ва ташаккули нигоҳи солими иҷтимоӣ ва афкори солимро дар бар гирад. Ҳамин тариқ, вазифаи алоҳидаи пешгирикунанда муайян кардан ва ба офият ҷалб намудани шахсони эҳтимолан хатарнок бо хатари баланди содир намудани ҷиноятҳои ҷинсӣ мебошад.

Агар дар ҳолати наврасон абзорҳои калидӣ боварондан ва маҷбуркунии маъмурӣ бошанд, пас барои шахсони пухтарасида ин усулҳо

тадриҷан самаранокиро аз даст медиҳанд. Ҳамин қадаре ки ҷинояткор калонтар мешавад, ҳамон қадар душвортар аст тағйир додани андешаҳои ӯ тавассути даъватҳои шифоҳӣ ё манъиятҳои расмӣ – таҷрибаи ҳаётӣ моделҳои устувори тафаккурро ба вуҷуд оварда, нисбати фишори беруна шубҳа эҷод мекунад [166, с. 26].

Дар синни балоғат, ҳам ҷинси зан ва ҳам ҷинси мард ба содир кардани ҷиноят хусусияти шармгинӣ доранд, аз ҷумла духтарон дар ин синну соли балоғат барои ҷиноят содир кардан ё ин ки барои адои ҷазо дар муассисаҳои ислоҳи шарм медоранд, ки ин боиси даст кашидан аз ҷиноят ва кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ мегардад. Чунин ҳолат ба андешаи мо асосан аз омилҳои фарҳанги мардум ва тарбияи онҳо алоқамандӣ дорад. Ба ҳамин тариқ, хусусан дар моҳҳои аввали озод шудан ба занон дар фаъолияти корӣ ва хоҷагии онҳо ёрӣ расондан, барои зудтар ба вазъияти нав мутобиқ шудани онҳо ёрии маънавӣ ва моддӣ расондан лозим аст. Чунин ёрӣ бояд ҳам аз ҷониби коллективҳои меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо амалӣ карда шавад.

Гузаронидани таҳқиқоти мазкур нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати фаъолияти мазкур ягон чораҳои дахлдор андешида нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои дахлдор ворид карда шуда, ба зиммаи мақомоти мазкур ва сохторҳои маҳаллии он уҳдадорӣ бобати кор бо занони маҳкумшуда ва онҳое, ки аз ҷойҳои адои ҷазо озод шудаанд, вогузор карда шавад.

Инчунин, бояд ба хусусиятҳои гурӯҳӣ будани ҷиноятҳо дар байни шахси синну солашон баркамол аҳаммияти махсус зоҳир карда шавад. Дарҳхайати гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ буда, шахсони ин синну сол нисбат ба синну соли дигар бештар ба сифати ташкилкунандагони онҳо баромад кардаанд). Бинобар ин, чораҳои пешгирикунанда нисбати ин категорияи ҷинояткорон бояд ба таври назаррас фарқ кунанд ва на танҳо ба

нақши онҳо дар гурӯҳ, балки бо дарназардошти хусусиятҳои синну соли мушаххас низ асос ёбанд.

Хусусиятҳои синну сол на танҳо хусусияти ҷинояти содиршударо нишон медиҳанд, балки асосан самти манфиатҳои ҷинояткор ва субъекти таҷовуси ҷиноятиро муайян мекунанд. Муқаррар карда шудааст, ки ангеза, мақсад ва предмети таҷовуси ҷиноятӣ ҳангоми содир намудани дуздӣ дар синну соли гуногун комилан якхела намебошад, ки ҳангоми муайян намудан ва гузаронидани корҳои пешгирикунӣ низ инро ба назар гирифтан лозим аст.

Ғайр аз ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳод шудааст, ки дар ҷинояткорони баркамол ва пиронсол ихтилоли равониро низ муайян кардан зарур аст [163, с. 165].

Мо низ ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем, ки ин омил ба фаъолияти муассисаҳои ислоҳӣ, дигар субъектҳои профилактикӣ, мақомоти таҳқиқ ва тафтишот дахл дорад. Гузаронидани таҳқиқоти мазкур ва ҷустуҷуи маводҳои амалия нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии шахсоне, ки бо дарназардошти омилҳои психологӣ ҷиноят содир кардаанд, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Омӯзиши омилҳои психологии содир шудани ҷиноятҳо байни шахсони синну соли гуногун ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам аҳаммияти илмӣ дорпад. Тахмин карда мешавад, ки «пешгирии инфиродии рафтори ҷиноятӣ дар калонсолон бояд омӯзиши ҳамаҷонибаи шахсияти онҳо-хусусиятҳои характерологӣ, психопатологӣ ва самтҳои арзиширо дар бар гирад» [104, с. 23-24].

Мо бояд таъкид намоем, ки таҳияи стратегияи муассири пешгирии ҷинояткорӣ барои шахсони пиронсол ба як равиши комплексӣ ниёз дорад, ки дар се принсип асос ёфтааст: дарки амиқи эҳтиёҷоти ин гурӯҳ, эҳтироми шаъну шарафи шахсии онҳо ва ҳамдардии фаъол. Ин равиш на танҳо ҷанбаҳои ҳуқуқиро, балки омилҳои иҷтимоӣ-руҳӣ, ба монанди танҳоӣ, бемориҳои вобаста ба синну сол, осебпазирии иқтисодӣ ва маргинализатсия

дар ҷомеа низ бояд ба назар гирад. Вобаста ба ин масъала Разумов П. В. дурст қайд кардааст, ки «дар шароите, ки дар байни одамон дағалӣ, нобоварӣ, рақобати тезу тунд, хусумат ва шиддати вазъият ба амал омадааст, ба гуманизатсияи (инсондӯстии) ҷамъиятӣ ноил шудан мумкин нест» [173, с. 198].

Мо низ ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем ва мехоҳем таъкид намоем, ки агар дар шароити муътадил нафақахӯр «нақши эҷодкори ором»- ро бозад, пас дар дигар мавридҳо вай қодир аст, ки дар ҷавоби рафтори бадахлоқонаи ҳар як шахс (аксаран ноболиғон ва ҷавонон) хашмгинӣ шадид нишон диҳад. «Муболиға кардани бемориҳо ва нуқсонҳои онҳо аз ҷониби одамони солхӯрда барои ҷалби таваҷҷуҳ ва ба даст овардани имтиёзҳои моддӣ аксар вақт боиси яке аз маъмултарин инҳирофоти охири умр – бегонапарастӣ ва рафтори хашмгин мегардад».

Вобаста ба ин хусусияти шахсони баркамол Т.Д. Марсинковская чунин меҳисобад, ки ба калонсолон чунин шароите фароҳам оварда шавад, ки одам ба ҷуброни хаёлӣ роҳ надиҳад [83, с. 16].

Барпо намудани «оила» нисбати баъзе категорияҳои шахсоне, ки нуқсонҳои руҳӣ доранд, нақши калиди дорад, чунки шахсоне, ки бемории равониашон ба ҷамъият хатарнок намебошанд, метавонанд тавассути оила ба муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа мутобиқат шаванд. Аммо ба назар нагирифтани онҳо аз ҷониби наздикон, ки бо дарки нуқсонёфтаи беморӣ мураккаб мешавад, аксаран ба низоъҳои амиқ меорад. Наздикон, ки аломатҳои бемориро чун худсарӣ, эгоизми огоҳона ё талоши манипулясия шарҳ медиҳанд, буҳрони заҳрогин эҷод мекунанд. Ин гуна стигматизатсия, ки шахсеро «ноқис» мешуморад, дар байни беморон ҳисси ҷудоӣ, ғазаб ва ноумедиро ба вуҷуд меорад. Дар чунин шароит хавфи рафторҳои импулсивӣ ё асоциальӣ, аз ҷумла худзараррасонӣ ё таҳдид ба атрофиён, меафзояд. Гарчанде дар байни шахсоне, ки ҳуқуқвайронкуниҳо содир кардаанд, ҳиссаи умумии шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ кам бошад ҳам, барои пешгирии кирдорҳои барои ҷамъият хатарноки онҳо ҳамкории ҳамаҷонибаи ҳама

субъектҳои профилактикӣ зарур аст. Ба андешаи А.В. Михайлова баъзе аз ин равишҳо оид ба пешгирии кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок аз ҷониби беморони рӯҳӣ бо вазифаҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар ҷомеа мувофиқат мекунанд [131, с. 28-29].

Мо низ ҷонибдори ақидаи мазкур мебошем, зеро тибқи талаботи қисми 2 моддаи 46 КҶ ҶТ яке аз вазифа ва мақсади ҷазо ин пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав мебошад. Яъне, бо табобат ва ба омилҳои пешгирии психологӣ фаро гирифтани шахсони дорои бемориҳои рӯҳӣ мақсади пешгирии ҷинояткорӣ амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ чунин« воситаҳои пешгирии ҷинояткорӣ байни шахсони баркамол ва пиронсолро пешниҳод мекунем: шиносоӣ ва омӯзиши (санҷиш) шахсоне, ки ба ҳисобҳои оперативӣ ва пешгирикунанда гузошта шудаанд; таъсир ба чунин шахсон пас аз омӯзиши омилҳое, ки рафтори ғайриқонунии онҳоро муайян мекунанд; беҳсозии муҳите, ки ба пайдоиш ва тезутундшавии муноқишае, ки дар он шахси солхӯрда иштирок кардааст; таъсири пешгирикунанда ба қурбониёни эҳтимолӣ, ки вазъияти муноқишаро ба вуҷуд меоранд, бо мақсади ноил шудан ба таъсири пешгирикунанда; давра ба давра санҷидани натиҷаҳои тадбирҳои инфиродии пешгирикунанда».

Дар адабиёти ҳуқуқӣ накши пешгирии виктимологии ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим касб намудааст.

Мазмуни пешгирии виктимологии ҷиноятӣ аз пешгирии эҳтимоли қурбонии ҷиноят шудан иборат аст. Аз нуқтаи назари виктимология, ин маънои коҳиш додани қурбонӣ ва қурбонии қишрҳои муайяни аҳолӣ, маҳдуд кардани таъсири омилҳои виктигеногенӣ, пайдоиши ҳолатҳои виктигеногениро дорад.

Таҳқиқот нишон дод, ки шиносоӣ бо ҷабрдида дар нисфи ҷиноятҳои содиршуда барои афроди синну соли 23-33 ва 40-58-сола хос аст. Чунин ҳолат ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ дошта зиёд ба назар мерасад.

Яъне, дар таҷриба бо моддаи 142[1] КҶ ҶТ дар он ҳолатҳое ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки шахси ҷиноятсодирнамуда ва ҷабрдида бо ҳам шиносоии хуб доранд ва чандин маротиба ҷабрдида аз рӯйи боварии динӣ ба назди ҷиноятсодирнамуда меоянд, ки дар натиҷа қурбонии алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо суиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ мегарданд.

Инчунин, шиносоии ҷабрдида бо шахси ҷиноятсодирнамуда дар ҷиноятҳо ба муқобили моликият низ зиёд ба мушоҳида мерасад.

Таҳлили соҳаи ҳавасмандӣ инчунин имкон медиҳад бигӯем, ки дар ин гурӯҳҳои синнусолӣ ангезаи бештари содир намудани ҷиноятҳо рафтори ҷабрдида мебошад. Зеро, дар аксарияти ҳолати моддаи мисоловардашудаи қонуни ҷиноятӣ худи ҷабрдидаҳо бо амалу рафтори худ ба содир шудани чунин ҷиноятҳо мусоидат намудаанд. Масалан, ҷабрдида бо мақсади кушодани бахташон ба шахси ҷиноятсодирнамуда муроҷиат мекунанд ва шахси ҷиноятсодирнамуда дар бадани онҳо ҳар гуна ҷумлаҳоро менависад ва ҷабрдида доир ба ҳолати мазкур ягон норозигӣ ва эътироз баён намекунанд.

Чорабиниҳои пешгирикунандаи виктимологӣ метавонанд гуногун бошанд ва онҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст. Якум, он чораҳоеро дар бар мегирад, ки ба рафъи ҳолатҳои эҳтимолии расонидани зарар нигаронида шудаанд. Ба гурӯҳи дуюм тадбирҳои таъмини амнияти шахсӣ ё чораҳои пешгирии инфиродии виктимологӣ дохил мешаванд.

Таҳқиқотҳои криминологии байналмилалӣ як тамоюли ҷолибро ошкор карданд: як қисми ҷинояткорони синни калонтар, дар ибтидо қурбонии амалҳои ҷиноятӣ мешуданд, аммо пас аз он ба интиқом ҷазо шурӯъ мекарданд, бе таваҷҷӯҳ ба механизмҳои ҳуқуқӣ. Ин падида бо маҷмуи омилҳо, аз ҷумла ҷароҳатҳои психологии, аз даст додани эътимод ба низоми адолат ва эҳсоси дарозмуддати таҳти хатар будани иҷтимоӣ алоқаманд аст. Масалан, дар ҳолатҳое, ки мақомоти расмӣ таҳқиқи одилона ё ҷуброни

зарарро таъмин намекарданд, қурбониёни пиронсол, ки бо ҳисси нодонӣ ва эҳсоси беҷазоии ҷабркунанда, ба дасти худ иқдом мекарданд [119, с. 54]. Омили мазкурро бинобар бовар надоштан ба самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ асос намуда, онҳо низ ба сафи ҷинояткорон шомил шудаанд. Аммо ҳолати мазкур дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кам ба мушоҳида мерасад.

Дар давлатҳои хориҷӣ институти ташкили ҳимояи ҷамъиятӣ вуҷуд дорад, ки ба барномаи «Нигоҳбини ҳамсоягӣ» асос ёфтааст. Гарчанде бо барнома ва ё ҳуҷҷати махсуси дахлдор чунин восита дар қонунгузории ҷумҳурӣ пешбинӣ нашуда бошад ҳам, вале моҳияти он дар амалия истифода шуда истодааст.

Чунончӣ, давоми соли 2023 ба телефони боварии Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 2118 адад муроҷиати шаҳрвандон ворид гардидааст, ки аз ин шумора 539 адад муроҷиатҳо вобаста ба самти ҷиноят, 389 доир ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва 1190 адад доир ба интизоми меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Чораҳои махсуси пешгирии криминологӣ таваҷҷӯҳи афзалиятнокро тақозо мекунад, зеро шиддат ва устувории ретсидивҳо бевосита ба хусусиятҳои синнусолии ҷинояткорон вобаста аст.

Дар синни дертар, ретсидивист на захираҳои иҷтимоӣ ва на психологӣ барои тағйир додани чизе дар ҳаёти аллакай муқарраршуда надорад; доштани оила, ҳамсар ё кор барои онҳо гарон ва бефоида аст. Тамоюли содир намудани ҷиноятҳои такрорӣ дар синни балоғат ва бартарии ангезаҳои психопатологӣ бештар дар шахсони гирифтори ихтилоли равонии гуногун, аз ҷумла шароити дарднок зоҳир мешавад.

В.О. Касимов дар таҳқиқоти диссертатсионии худ омилҳои зерини муайян намудани механизми пешгирии редсидиви ҷиноятиро пешниҳод намудааст: ба назар гирифтани ҳолати саломатӣ, муайян намудани ҳолати мастӣ, муайян намудани хусусият ва дараҷаи ҷинояти қаблан содирнамудаи

шахс, назорати қатъии шахсоне, ки бо ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда маҳкум шудаанд [119, с. 169].

Ҳолатҳое дар таҷриба мавҷуданд, ки омилҳои оилавӣ сабаби асосии содир шудани ҷиноятҳои такрорӣ гардидаанд.

Инчунин, ретсидив ва такрорӣ ҷиноят байни шахсони баркамол дар ҷиноятҳои хусусияти иқтисодидошта зиёда ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, зарур аст, воситаи махсуси пешгирии ҷиноятҳои хусусияти иқтисодидошта таҳия карда шавад, ки яке аз воситаҳои маъмултарини он ин муайян намудани суғуртаи масъулияти шаҳрвандон мебошад.

Таҳлили масъалаҳои мазкури зербоби таҳлилгардида имконият медиҳад, ки чунин воситаҳои пешгирии ҷиноятҳоро байни шахсони баркамол пешниҳод намоем:

– дастгирии саломатии аҳолӣ ва дарозумрии аҳолӣ;

– баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ;

– таъмини шароити рӯзгори зиндагӣ;

– таъмин намудани шахсони баркамол расида бо ҷойи кори доимӣ;

– таъмин намудани нафақаи иҷтимоӣ ба шахсоне, ки ба синну соли нафақа расидаанд;

– бартараф карданӣ мушкилоти оилавӣ;

– этироф намудани муносибатҳои оилавӣ.

Дар доираи ташаккули низоми самараноки мубориза бо ҷиноятикорӣ, принсипи муносибати дифференсиалӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Танҳо чунин таҳлил имкон медиҳад, ки аз чораҳои умумии амниятӣ ба қарорҳои мушаххас гузарем, ки дар онҳо дастовардҳои назариявии криминология бо механизмҳои санҷидашудаи амалияи ҳуқуқӣ ҳамоҳанг карда мешаванд.

# ХУЛОСА

Бо дарназардошти таҳқиқоти гузаронидашуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Синну сол яке аз омилҳои муҳими ташаккули шахсияти ҷинояткор мебошад, ки хусусиятҳои мураккаб ва гуногунҷанба дорад. Он дараҷаи рушди ҷисмонӣ, ташаккули иҷтимоӣ ва рӯҳии фард, инчунин маҷмуи хусусиятҳои хоси марҳилаи муайяни ҳаётро инъикос менамояд. Ин унсурҳо таҷрибаи зиндагӣ, самтгирии арзишҳо, соҳаи эҳсосотию иродавӣ ва хусусиятҳои маърифатиро фаро мегиранд, ки бевосита ба ангезаҳои кирдори ҷиноятӣ, интихоби тарзи амалишавии он ва устувории намунаҳои рафтори девиантӣ таъсир мерасонанд [2-М].

2. Синну сол дар ташаккули шахсияти ҷинояткор нақши калидӣ дорад ва омиле муҳиму таъсиргузор дар таҳлили ангеза ва рафтори ӯ ба шумор меравад. Ин аломат на танҳо имкон медиҳад, ки намунаҳои рафтори шахс пешгӯӣ ва шарҳ дода шаванд, балки ҳамзамон робитаи байни марҳилаҳои давраи зиндагӣ ва майл ба амалҳои девиантиро ошкор месозад. Омӯзиши синну соли шахсияти ҷинояткор низ бояд яке аз асосҳои ислоҳи сиёсати ҷиноятӣ аз нуқтаи назари гуманизатсияи он, барқарор кардани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав бошад [2-М].

3. Дар доираи гуманизатсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷанбаи калидӣ бояд таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои синну соли шахсоне гардад, ки ҷиноят содир намудаанд. Чунин равиш метавонад заминае бошад барои тағйир додани амалияи татбиқи қонун, ки на танҳо ба барқарор кардани адолати иҷтимоӣ равона шудааст, балки ба бозгашти самарабахши маҳкумшудагон ба ҷомеа, коҳиш додани ҷинояткории такрорӣ ва ташаккули механизмҳои пешгирикунандаи ҳифзи ҷомеа низ нигаронида шудааст. Таҳлили хусусиятҳои синну соли шахсияти ҷинояткорро бояд ҳамчун асоси калидӣ барои навсозии сиёсати ҷиноятӣ баррасӣ кард, ки ба

таҳкими принсипҳои гуманистӣ, расидан ба адолати иҷтимоӣ, ислоҳи самарабахши маҳкумшудагон ва коҳиши ҷинояткории такрорӣ равона шудааст. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс бидуни муайян кардани синну сол ҳамчун ҷузъи ҳатмии ҷиноят ғайриимкон аст.Қадами муҳими дигар баррасии аввалияти сиёсати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ аст: ба ҷои раванди ҷазоидиҳӣ, диққат ба ресотсиализатсия, пешгирии такрори ҷиноятҳо ва муҳофизат кардани ҳуқуқи кӯдак мегузарад [2-М].

4. Ба синну соли шахс ҳангоми таҳлили виктимологии ҷиноят аҳаммияти калон дода мешавад. Зеро хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонии шахсият метавонанд сабаби барангехтани ҷиноят нисбат ба ӯ ҳамчун қурбонии эҳтимолӣ гарданд. Дар ин маврид ба ниёзҳо ва манфиатҳои асосии қурбонӣ ва ҷинояткор, инчунин ба робитаҳои иҷтимоӣ, низоми арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва афзалиятҳои ҳаётии онҳо аҳаммияти асосӣ дода мешавад.Чорабиниҳои пешгирикунандаи виктимологӣ метавонанд гуногун бошанд ва онҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст. Якум, он чораҳоеро дар бар мегирад, ки ба рафъи ҳолатҳои эҳтимолии расонидани зарар нигаронида шудаанд. Ба гурӯҳи дуюм тадбирҳои таъмини амнияти шахсӣ ё чораҳои пешгирии инфиродии виктимологӣ дохил мешаванд.Ин омил ба ташаккули хусусиятҳои физиологӣ ва равонии шахсият таъсири мустақим мерасонад ва дараҷаи осебпазирии онро ҳам дар мақоми қурбонии эҳтимолӣ ва ҳам қурбонии воқеии ҷиноятҳо ё дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муайян мекунад. Хусусиятҳои синну сол хусусиятҳои ниёзҳо, афзалиятҳои ҳаётӣ ва ҳамкориҳои иҷтимоии фардро муайян намуда, самтгирии арзишҳо, ормонҳо ва намунаҳои рафтори ӯро шакл медиҳанд

5. Синну соли шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, дар криминология ҳамчун объекти мустақили таҳлили илмӣ баромад мекунад. Бо доштани хусусиятҳои хоси худ, он аз дигар хислатҳои инфиродӣ-психологӣ фарқияти назаррас дорад, ки ин аҳаммияти калони онро дар таҳияи механизмҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад. Ин омил ба ташаккули стратегияҳои пешгирӣ ва

барномаҳои ислоҳотӣ таъсири мустақим мерасонад, зеро ҳар як марҳалаи синну сол дорои асосҳои махсуси психофизиологӣ, сатҳи иҷтимоӣ шудан ва шуури ҳуқуқии хоси худ мебошад. Ҳолати психофизикии ҳаёти одам бо дигаргуниҳои тиббию биологӣ, иҷтимоию психологӣ ва ҳуқуқӣ вобаста мебошад, фаҳмида мешавад. Синни психологӣ на танҳо як фосилаи замонӣ, балки як марҳилаи сифатан хос аст, ки бо пайдоиши навофариниҳои махсус – сохторҳои нави рӯҳии бунёдӣ, шаклҳои рафтор ё механизмҳои маърифатии нав фарқ мекунад. Ин навофариниҳо натиҷаи тамоми рушди қаблӣ мебошанд ва дар худ тағйиротеро дар бар мегирад, ки дар марҳилаҳои пеш рух додаанд.

6. Яке аз омилҳои асосие, ки мустақиман ба содиршавии ҷиноят таъсир мерасонад, синни ҷинояткор мебошад. Масалан, қисми зиёди ҷиноятҳо, махсусан онҳое, ки дар ҳамаи ҷомеаҳо ҳамчун ҷиноятҳои вазнин (мисли одамкушӣ, таҷовуз ба номус, ғоратгарӣ, роҳзанӣ) ҳисобида мешаванд, одатан аз ҷониби ноболиғон ё ҷавонон содир мегарданд. Бо зиёд шудани синну сол шумораи ҷиноятҳои содиркардаи онҳо коҳиш меёбад. Дар мавриди доираи синну соли давраи наврасӣ, ки оғози давраи наврасӣ барои ҳар ду ҷинс як хел нест ва он мувофиқи қонуни табиат дар духтарон нисбат ба писарон тақрибан 2 сол барвақтар сар мешавад. Бо дарназардошти маҳз ҳамин нуқта оғози онро ҳангоми таҳсили хонандагон дар синфи охирини зинаи ибтидоии таҳсилот (IV) яъне аз синни 9-10 то 15-16 солагӣ медонанд [4-М].

7. Хусусиятҳои криминогенӣ ва хусусиятҳои равонии шахсияти ҷинояткор, ки дар ҳар давраи синну сол муайян карда мешаванд, пеш аз ҳама, ба характери эҳтиёҷот, шавқу ҳавас, хоҳиш ва одатҳои онҳо вобаста буд. Интихоб ва ангезаи рафтори ҷиноятӣ аз омили синну сол (як мавқеъи иҷтимоӣ аз рӯйи аломатҳои объективии худ, ки аз ҷониби шахс ба таври гуногун дарк карда ва баҳо дода шудааст, ӯро ба амалҳои тамоман дигар водор мекунад), вобастагии калон дорад. Ташаккули ангезаи рафтори ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо дар амал то ҳадди зиёд бо хусусиятҳои синнусолии

шахсият вобаста аст, ки онҳо далели муайянкунандаи асосии мавқеи иҷтимоии ӯ мебошанд. Ин мавқеъ, ки таҳти таъсири критерияҳои объективӣ, аз қабили меъёрҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва марҳилаҳои роҳи ҳаёт ташаккул меёбад, аз ҷониби фард тавассути ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва таҷрибаи шахсии худ ба таври субъективӣ тафсир карда мешавад [3-М].

8. Ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои ахлоқию равонии ҷинояткорони синни камолот муайян карда шуд, ки фаъолияти ҷиноятӣ бештар дар мардони синни 40-сола ва дар занон – аз 35-солагӣ оғоз меёбад. Фаъолияти ҷиноятии афроди синни камолот бисёр вақт бо бухрони синнусолӣ («бухрони ногаҳонӣ») робита дорад, ки дар марҳилаи гузариш байни давраҳои нисбатан устувори ҳаёт рух дода, пайдарҳамии онҳоро халалдор месозад. Сухан дар бораи падидае меравад, ки шартан ҳамчун «бухрони 40-солагӣ» номида мешавад, гарчанде ки марзҳои синнусолии он нисбӣ буда, вобаста ба омилҳои зиндагӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ метавонад ба солҳои 35-45 рост ояд. Дар давраи камолоти минбаъда инсон метавонад агар рафтори дигаронро ғайриахлоқӣ ҳисобад, нисбат ба он душманӣ ва хашми зиёд нишон диҳад, новобаста аз он ки он ба кӣ равона шудааст. Дар ҳамин синну сол ихтилофҳои рафторӣ, мисли дидгоҳи нодуруст ба вазъият ё пешбинии хатои амалҳои худ ё дигарон, бештар мушоҳида мешаванд [3-М].

9. Ба амалҳои ҷиноятии гурӯҳӣ бештар се гурӯҳи синнусолӣ майл доранд: наврасони 16-17-сола, ҷавонони 18-21-сола ва шахсони синни аввали камолот 22-35-сола. Дар ин маврид вобастагии баръакс миёни синну сол ва басомади иштирок дар ҷиноятҳои гурӯҳӣ мушоҳида мешавад: ҳар қадар синни ҷинояткор баландтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли иштироки ӯ дар гурӯҳҳои ҷиноятӣ камтар мегардад. Яъне бо баланд шудани синни ҷинояткорон (аз 16-солагӣ сар карда) шумораи ҷиноятҳои содиркардаи онҳо дар гурӯҳ кам мешавад. Муқаррар карда шудааст, ки агар дар синни ноболиғӣ ҷиноятҳо дар гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ аксаран бо сабабҳои хеле ғайричашмдошт – «барои ширкат» содир карда шуда бошанд,

пас дар синни ба воя расидан одамон дар гурӯҳи ҷиноятӣ маҳз бо фаъолияти якҷояи ҷинояти барои ба даст овардани натиҷаи мушаххас мутаҳҳид мешаванд.

10. Таҳлили хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографӣ (ҷинс, синну сол, вазъи оилавӣ, сатҳи таҳсилот, таъминоти моддӣ ва ғайра) имкон медиҳад, ки хусусиятҳои рафтори ҷинояткорона дар гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ муайян карда шаванд. Ин омилҳо, ки портрети иҷтимоӣ-психологии шахсро ташаккул медиҳанд, имконият медиҳанд, то робитаи байни мақоми иҷтимоии шахс дар ҷомеа ва ҷалбшавии ӯ ба фаъолиятҳои ғайриқонунӣ муайян гардад. Масалан, сатҳи таҳсилот ва даромад аксар вақт бо намудҳои ҷиноятҳое, ки содир мегарданд, вобастагӣ доранд, дар ҳоле ки хусусиятҳои синнӣ бо ангезаҳо ва усулҳои амалӣ намудани онҳо алоқаманд мебошанд. Омӯзиши чунин маълумот на танҳо барои муайян намудани вижагиҳои хоси ҷинояткорон кумак мерасонад, балки сабабҳои аслии ҷинояткориро низ ошкор мекунад: нобаробарии иҷтимоӣ, ҳошияравӣ (маргинализатсия), норасоии захираҳои дастрас. Ҳамин тавр, таҳлили иҷтимоӣ-демографӣ ба абзори пешгӯии равандҳои ҷиноятӣ ва таҳияи чораҳои ҳадафманд барои таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ табдил меёбад.

11. Афзоиши ҷинояткорӣ дар мардон дар синни 20 ва 30-солагӣ (14,3% ва 12,4% – давраи буҳрони синну солӣ), дар занон дар синни 25-солагӣ (13,6%) рух додааст. Расидан ба марҳилаи сини 30-солагӣ барои бисёр шахсон як марҳилаи бӯҳронӣ мебошад, ки бо арзёбии амиқи самтҳои ҳаётӣ алоқаманд аст. Назарияҳои рушдии шахсияти калонсолон ин давраро ҳамчун «гузариш ба сини 30-солагӣ» шеносо мекунад, ки ба анҷом расидани ҷавонии аввала ва талаб кардани бознигарии на танҳо орзуҳои касбӣ, балки ҷузъҳои асосии худмуайянкунандаро нишон медиҳад. Маҳз бо давраи буҳронии 30-сола (сарҳади он баъзан метавонад ба ин ё он самт дигар шавад) ҷустуҷӯи маънои ҳастӣ вобаста аст. Ин ҷустуҷӯ, ба монанди тамоми буҳрон, гузариш аз ҷавонӣ ба камолотро нишон медиҳад. Ҳангоми таҳқиқи

хислатҳои ахлоқию равонии ҷинояткорони баркамол маълум шуд, ки онҳо бештар дар мардон дар синни 40-солагӣ ва дар занон аз 35-солагӣ ба назар мерасанд.

12. Дар ҳама синну соли ҷинояткорони ҷавон ангезаи маъмултарин ғарази шахсӣ ба ҳисоб меравад. Бо мурури синну сол ангезаҳои ҷиноят, дар баробари манфиати шахс аксар вақт ба муноқиша бо ҷабрдида табдил меёбад, ки пинҳонӣ ва давомдор мебошад. Дар мардони синну соли баркамол (аз 36 то 65-сола) ангезаҳо асосан хусусияти ғаразнок ва ғаразнокӣ- зуроварӣ доранд ва пас аз 66 солагӣ ангеза – ба хусумат нисбат ба ҷабрдида табдил меёбад. Эҳтиёҷоти объективӣ шояд ангезаи хатарноктарин ва паҳншуда бошад, ки ба пешравии ҷиноятҳои такрорӣ, махсусан дар байни пиронсолон мусоидат мекунад. Нақши он дар шароити номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ имрӯз ҳам хеле муҳим аст Муайян намудани ангезаи рафтори ҷиноятӣ дар давраҳои гуногуни камолоти занон хеле мушкилтар аст, занон нисбат ба мардон бештар ҳассос, эҳсосотӣ ва хашмгинанд. Хоҳиши зан барои раҳоӣ аз ҷабрдида ё хоҳиши интиқоми ӯ барои кирдораш аксаран ангезаи ҷиноятҳои зӯроварона мебошад.

13. Самти муҳимтарини сиёсати давлатӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ дар байни насли наврас бояд ташаккули низоми пешгирии иҷтимоӣ дар муҳити ноболиғон ва ҷавонон бошад. Ин гурӯҳ на танҳо гурӯҳи хавфнок аст, балки манбаи эҳтимолии афзоиши ҷинояткорӣ дар байни аҳолии калонсол низ ба шумор меравад, ки дахолати барвақтиро ба як амали стратегии муҳим табдил медиҳад. Ҳадафи асосии чунин пешгирӣ – ташкили муҳити устувори иҷтимоӣ мебошад, ки шароити рафтори девиантиро тавассути рушди ҳаматарафаи механизмҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ ва арзишӣ ба ҳадди ақал мерасонад.

14. Дар байни занони синни 36-49-сола, шумораи зиёди ҷиноятҳо ба давраи бuҳронии 39-40-солагӣ рост меояд. Қисми зиёди ҷинояткорони калонсол ва пиронсолро шахсони синни 36 то 49-сола ташкил медиҳанд.

Аксари онҳо мардон мебошанд, аммо саҳми занон низ назаррас аст, махсусан дар байни онҳое, ки аз 50-сола болоанд. Бо мақсади пешгирии ҷинояткорӣ дар байни noболиғон ва ҷавонон, муаллиф чораҳои махсуси пешгирикунандаро барои ин гурӯҳи синнусолӣ пешниҳод кардааст [6-А].

15. Дар ҷараёни таҳқиқоти анҷомдода тавсияҳои умумӣ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ таҳия карда шудаанд: батанзимдарори проблемаҳои шуғли шаҳрвандон ва некуаҳволии олавӣ; дастгирии саломатии аҳолӣ ва дарозумрии аҳолӣ; маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми баланд бардошти шуури ҳуқуқии ҷомеа; дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани суғуртаи масъулияти шаҳрвандон барои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ [1-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Шаҳрванд (шахси суғурташуда) бояд бо ташкилоти суғуртавӣ созишномаи суғуртаи ҷавобгарӣ барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ба имзо расонад.

Дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани суғуртаи ҷавобгарии маданӣ бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷинояткорӣ дар ҷомеа метавонад ба коҳиши назарраси сатҳи содиршавии онҳо мусоидат намояд.

Миёнаравӣ (медиатсия) ва муносибати барқарорсозанда гунаҳгорро аз кирдори ҷиноятӣ ҷудо намуда, оқибатҳои ҷиноят ва ҷазоро коҳиш медиҳанд. Ин усул ноболиғи ҷинояткорро аз таъсири манфии ҷиноят ва ҷазо баояндаи ӯ муҳофизат мекунад, ба ӯ дарк кардани моҳияти кирдори содиркардааш ҳамчун ҷиноят, инчунин фаҳмидани зарурати ҷавобгарӣ барои кирдорҳо ва оқибатҳои онҳоро меомӯзонад ва дар айни замон ба пешгирии ретсидиви ҷиноятҳо мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти ин, ба гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки ба татбиқи чораҳои маҷбурсозии тарбиявӣ ва такмили институти миёнаравӣ (медиасия) дар соҳаи пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон афзалият диҳад.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» пешниҳод мегардад, ки тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

«БОБИ 41. ЧОРАҲО ОИД БА ПЕШГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲО ВА ҶИНОЯТҲО, КИ АЗ ҶОНИБИ ҶАВОНОН СОДИР МЕШАВАНД

Моддаи 301. Пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонон содир мегарданд

Пешгирии ҷинояткорӣ – ин маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиест, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ, созмонҳои

ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва дигар субъектҳо ба муқобили ҷараёнҳои криминалӣ бо мақсади пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав ва таъмини бозгашти иҷтимоии шахсоне, ки қаблан ҷиноят содир намудаанд, амалӣ мегардад.

Моддаи 302. Чораҳо оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонон содир мешаванд

Мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳое, ки аз ҷониби ҷавонон содир мегарданд, чораҳои зеринро амалӣ менамоянд:

– рушди соҳаи фароғат ва тарбияи маънавию ахлоқии ноболиғон ва ҷавонон;

– пешгирии тамоюл ба худкушӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон;

– тағйири афзалиятҳо дар низоми мавҷудаи ҷазоҳои ҷиноятӣ.

Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад, ки тағйирот ва иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

– Ба м. 60, қ.4 бо муқарраротi мазмуни зайл дошта илова карда шавад:

«4. Ҳангоми таъин намудани ҷазо нисбат ба ноболиғон ва ҷавонони то 25-сола, суд имконияти татбиқи ҷазоҳои марбут ба маҳрум сохтан аз озодиро баррасӣ намуда, ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро танҳо дар он ҳолат таъин менамояд, ки ислоҳи шахси мазкур тавассути истифодаи намудҳои дигари ҷазо имконнопазир бошад».

– дар қ. 1 м. 63, пас аз калимаҳои «ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ», ибораи «гунаҳгор ноболиғ ё ҷавони то 25-сола мебошад» илова карда шавад.

– Ба м. 65, қ. 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«5. Нисбат ба ноболиғ ва ҷавони то 25-сола барои ҷиноятҳои нотамом ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намешавад. Дар ҳолате ки дар санксияи Қисми махсуси Кодекси мазкур дигар намудҳои ҷазо пешбинӣ нашуда бошанд, суд аз зумраи ҷазоҳои дар Қисми умумии Кодекси мазкур

пешбинишуда ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набударо интихоб ва таъин менамояд».

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 136 с.

[2]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» [Матн] аз 1 августи соли 2003, №44 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – №8. – м. 467.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» [Матн] аз 23 декабри соли 2021, №1830 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №12. – қ. 2. – м. 704.

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» [Матн] аз 18 марти соли 2015 №1196 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – №3. – м. 218.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» [Матн] аз 20 июни соли 2024, №2049 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №5-6. – м. 250.

